МАҚОМОТИ ИҶРОИЯИ МАҲАЛЛИИ ҲОКИМИЯТИ ДАВЛАТӢ
ДАР ШАҲРИ ДУШАНБЕ

# ДУШАНБЕ
## ДОНИШНОМА

Муассисаи давлатии Сарредаксияи илмии
Энсиклопедияи Миллии Тоҷик
Душанбе – 2016

УДК:Тоҷик (031)+ 030.8
ББК 92+77.04.Я2(575.3)
Э-67

Бо Қарори Раиси шаҳри Душанбе, № 496
аз 11 ноябри соли 2014 нашр мешавад.

*Сармуҳаррир:*
НУРМУҲАММАД АМИРШОҲӢ

*Ҳайати таҳрир:*
АБДУРАҲМОНОВ Б., БОҚИЗОДА А., ДИЛОВАРОВ М., ҚОДИРОВ С., ЛАНГАРИЕВА Ҷ., МАҲМАДУЛЛОЕВ С., НАИМОВ М. Р., ОРУМБЕКЗОДА Ш. Ш., РАҲМАТОВ Б., РАҲИМӢ Ф., РАҲМАТУЛЛОЗОДА С., РАҶАБОВ А., САФАРОВ Д., САФАРОВ Н., СОДИҚОВА С., ТОШЕВ А., ТОШЕВА Ш., ҲУСАЙНОВ С., ШАМСОВ Н. Н., ШАРИПОВ Н., ШАРИПОВ Ш., ШАРОФЗОДА Г.

ШӮРОИ НАЗОРАТИ ИЛМӢ

*Раиси Шӯро:*
ФАРҲОД РАҲИМӢ

*Ҳайати Шӯро:*
Абдуллоев Ҳ., Азим Иброҳим, Ақназаров О., Амиршоҳӣ Н. Қ. (муовини раис), Ахмедов А., Ашӯров Ш., Баротзода Ф. (котиби Шӯро), Бобоҷонов П. Б., Ғаниев И. Н., Давлатзода С. П., Давлатзода С. Х., Диноршоев М. Д., Ёқубова М. М. (муовини раис), Ибодинов Х. И., Илолов М. И., Имомзода М. С., Исломов С. И., Исмоилзода З., Комилзода Д. Қ., Комилӣ А. Ш., Қаюмов Н. Қ., Қосимова М. Н., Қоҳирова Г. И., Қурбониён А. К., Қурбон У. А., Лутфуллоев М., Марупов Р. М., Маҳмадуллоев С., Маҳмадуллоев Ф., Маҳмудзода М. А., Мирзоев С. Қ, Мироҷов Ғ. Қ., Мирсаидов Ӯ. М., Музаффарӣ М., Муқимов Р. С., Муллоаҳмадов М., Муҳаббатов Х., Муминов Ҳ. Ҳ., Назарзода С., Назаров Т. Н., Наҷмиддинов К. А., Неъматуллоев С. Ҳ., Низом Қосим, Одинаев С. (муовини раис), Олимов К. О. (муовини раис), Орумбекзода Ш., Отахонова Х. О., Пирумшоев Ҳ., Поччоҷонов Д. Н., Раҳимзода Ш., Раҳматов Б., Раҳматуллозода С., Раҳмон Озода Эмомалӣ, Раҳмонзода А. А., Раҳмонов З. Ҳ., Раҷабов А., Саидов А. С., Саид Н. С., Салимӣ Н. Ю., Сатторзода А., Сатторӣ И., Сафаров Н., Содиқова С., Тоҳиров Ф., Тошев А., Тошева Ш., Турсунов А., Усмонов З. Ҷ., Файзиев А. Р., Файзуллоев Н. Ф., Фаттоҳзода С. С., Холиқов Ҷ. Х., Хоҷаев Ф., Ҳамадов С., Ҳақдодов С. М., Ҳисориев Ҳ., Ҳусайнов С., Шамолов А. А., Шарипов Н., Шарифов Х., Шарофзода Г., Шамсов Н., Шоҳмурод Р., Юсупов Б. Н.

ISBN 978-99947-33-89-7
© Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи Миллии Тоҷик, 2016

# РАВЗАНАИ МАЪРИФАТ

Душанбе шаҳрест дар оғӯши доманакӯҳҳои сабзу хуррам ва паҳнои водии рӯдхонаҳои хурӯшон, дар муҳити барои зиндагӣ хеле созгору писандида, ки ба василаи роҳҳои мошингард, оҳан, ҳавоӣ ва аз тариқи садову симои марказӣ тамоми гӯшаву канори мамлакатро ҷисман ва рӯҳан ба ҳам мепайвандад.

Ин мавзеи зебои шаҳрнишини таърихан қадим, ки муддати дароз бар асари ҳаводиси номатлуби таърихӣ хароб гардида буд, моҳи октябри соли 1924 пойтахти Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон интихоб шуд ва то ин замон тадриҷан бо ҷаҳду талоши қавму миллатҳои ба ҳам дӯсту бародар боғшаҳри умеду ормонҳои тоҷикистониён гардид.

Душанбе, ки аз пойтахт эълон шуданаш 92 сол сипарӣ гардид, на танҳо шарафи қадимии бештар аз дуҳазорсолаи шаҳр буданашро эҳё кард, балки ба яке аз пойтахтҳои навини миллати куҳанбунёди тоҷик мубаддал шуданашро низ ба намоиш гузошт. Дар ин муддати кӯтоҳи таърихӣ бо бунёди маҷмааву коххои меъморию фарҳангӣ, хиёбонҳову кӯчаҳои васеи мумфаршу сангфарш, иморатҳои зебои маъмурию иқоматӣ, корхонаҳои азими саноатӣ, муассисаҳои маърифатию илмӣ ва адабӣ он ба яке аз шаҳрҳои пуршукӯҳи ҷаҳони муосир табдил ёфт.

Душанбе баъди дар иҷлосияи дуввуми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (даъвати дувоздаҳум), 24 августи 1990 қабул намудани Эъломияи истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун пойтахти давлати комилҳуқуқ дар ҷаҳон мавқеи тозаи сиёсӣ ёфт ва маркази ягонаи идории давлати тоҷикон шуд.

Минбаъд бузургтарин воқеаҳои таърихии сарнавиштсози мамлакат маҳз дар шаҳри Душанбе зуҳур карданд. Пойтахти ҷумҳурӣ дар охири асри 20 ва ибтидои асри 21 дар роҳи истиқрори сулҳ, ваҳдату ризоияти миллӣ, дигаргунсозиҳои куллии сиёсию иқтисодӣ, иҷтимоӣ, тавлиди асосҳои ҷомеаи шаҳрвандию демократӣ хидматҳои шоистаро ба анҷом расонид.

Шӯрои ҷамъиятӣ, Ҳаракати ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон, Анҷумани байналмилалии тоҷикон ва форсизабонони ҷаҳон – Пайванд, ки ба онҳо Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон сарварӣ менамояд, маҳз дар пойтахт падид омаданд.

Дастовардҳои назарраси иқтисодию иҷтимоӣ, шароити муътадили сиёсӣ ва эътирофи ҷаҳонии Душанбе онро маҳалли баргузории силсилаҳамоишҳои бонуфузи байналмилалӣ гардониданд, ки 1100-солагии Давлати Сомониён, ҷаласаҳои Созмони Ҳамкории Шанхай, Созмони Ҳамкории Иқтисодӣ, Ташкилоти Шартномаи Амнияти Дастаҷамъона, Созмони Ҳамкории Осиёи Марказӣ, симпозиумҳои «Таҷрибаи таърихии сулҳи Тоҷикистон», «Аҳаммияти байналмилалии Иҷлосияи 16 Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақоми он дар такмили назария ва рушди давлатдорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», Форуми байналмилалӣ оид ба оби тоза, тадбирҳои сайёри Ассамблеяи Байнипарламентии Иттиҳоди Иқтисодии Аврупову Осиё, Бозиҳои V Осиёи Марказӣ, 1310-солагии Имоми Аъзам, ҷашни байналмилалии Наврӯз, бисёр конференсияҳои бонуфузи илмию амалӣ, рӯзҳои фарҳангии шаҳри Маскав дар Душанбе, рӯзҳои шаҳру вилоятҳои ҷумҳурӣ ва ғайраҳо аз ин ҷумлаанд.

Қарорҳои ҳаётан муҳимми Маҷлиси вакилони халқ ва раиси шаҳри Душанбе дар бораи татбиқи ислоҳоти сиёсӣ, иқтисодию иҷтимоӣ ба дигаргунсозиҳои муҳимми раванди демократӣ кардани ҷомеа, хусусигардонии амволи давлатӣ, таҳкими муносибатҳои иқтисоди бозорӣ, тавлид ва рушди шаклҳои нави моликият, аз ҷумла, моликияти шахсӣ, рушди соҳибкорӣ, ташаккули

озодонаи нарх, ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ, ташкили ҷойҳои нави корӣ ва дигаргунсозиҳои афзалиятноки сохторӣ дар соҳаҳои иҷтимоӣ, алалхусус маориф, тибб, фарҳанг ба дастовардҳои навин дар пойтахт мусоидат намуданд.

Душанбе воқеан ҳам чун маркази илму фарҳанги ҷумҳурӣ дорои рушду нумӯи тозаи бесобиқа гардидааст.

Дар даврони истиқлол фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти ҳамагонӣ мутобиқи барномаҳои миллии таълим вусъат ёфт. Муассисаҳои нави таълимӣ – литсейҳо, гимназияҳо ва коллеҷҳо ба вуҷуд омаданд, ки пайваста теъдоду такомул ва сифати таълими онҳо рӯ ба инкишоф дорад.

Ҳамкориҳои шаҳрдорӣ бо Академияи илмҳо ва вазорату идораҳои ҷумҳурӣ дар асоси муоҳада ва барномаи махсус сурат мегиранд, ки онҳо ба рушду инкишофи ҳаёти моддию маънавии пойтахт мусоидат менамоянд.

Ҷараёни демократӣ кардани ҳаёти ҷомеа дар пойтахт беш аз пеш вусъат ёфта, дар баробари рӯзномаҳову маҷаллаҳои давлатӣ, воситаҳои ахбори ғайридавлатӣ, аз ҷумла, радио ва телевизиони ҷамъиятию хусусӣ низ мақоми бештар пайдо мекунанд.

Боиси ифтихор аст, ки зиндагии мусоламатомези намояндагони халқу миллатҳои маскуни шаҳр ва эътиқодашон ба дину мазҳабҳои гуногун, фаъолияти бунёдкоронаи сокинони пойтахт дар роҳи истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар кишвар, ташаббуси шаҳрдорӣ баҳри таҳия ва татбиқи барномаҳои ободонӣ, таъмини волоияти қонун, амнияту осудагӣ, ба маъвои сулҳ, ваҳдат ва дӯстӣ табдил додани Душанбе асос гардида буд, ки он августи 2004 бо қарори ЮНЕСКО барои саҳми бузургаш дар мустаҳкам намудани падидаҳои сулҳ, гуногунандешӣ ва якдилӣ дар ҳаёти ҳамарӯза ба Ҷоизаи дараҷаи якуми «Шаҳри сулҳ» дар минтақаи Осиёву уқёнуси Ором барои солҳои 2002–2003 сазовор гардид. Ин Ҷоиза ифодагари мафҳуми пайвандшавии пойтахт бо ҷаҳони муосир, таъмини ҳамзистӣ ва ҳамраъйии халқҳоро аз тариқи дороиафзоӣ, ҳамоҳангӣ ва густариши робитаҳои мутақобилан судманди иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангӣ низ мебошад.

Душанбе боргоҳи неруҳои бузурги зеҳнист. Рамзи давлатдорӣ ва ҷаҳони маънавии он дар маҷмааи меъмории Ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон бо муҷассамаи Исмоили Сомонӣ дар майдони Дӯстӣ, пайкараҳои бошукӯҳи алломаҳои оламшумули илму адаб – Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ, Абуалӣ ибни Сино, Абулқосим Фирдавсӣ, Умари Хайём, Садриддин Айнӣ, Бобоҷон Ғафуров ва дигарон ифода гаштаанд. Ҳикмати рӯзгор ва ҳидояти ин абармардон дар марҳалаи нав заминаи эҷоди Маромномаи сокини пойтахтро фароҳам намуда, ойини шаҳрвандӣ ва раҳнамои зиндагии ҳар фарди маскуни пойтахт шудааст.

Бо иродаи сокинони пойтахт дар арафаи ҷашнҳои бузурги миллӣ ва хоссаи пойтахт, аз ҷумла, ҷашни 1100-солагии Давлати Сомониён, 80 ва 90-солагии пойтахт рӯзҳои пайвастаи омодагӣ ва ободонӣ, ки баъзе то ба 900 рӯз идома доштанд, эълон гардида, барномаҳои мушаххасу бесобиқа дар тамоми соҳаҳои ҳаёти иқтисодӣ ва иҷтимоии шаҳр қабул ва амалӣ мегаштанд.

Солҳои охир маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ дар пойтахт рӯ ба афзоиш дошта, дар аввали соли 2016 чоряки маҷмӯи маҳсулоти ҷумҳуриро ташкил дод.

Буҷети шаҳри Душанбе сол то сол афзоиш ёфта, дар соли 2016 нисбат ба соли 1996-ум бештар аз 30 маротиба зиёд гардид.

Бо рӯҳияи баланди ватандӯстӣ ташкилоту муассисаҳои воқеъ дар шаҳр, сарфи назар аз мансубияти идорӣ ва шакли моликияташон, дар чанд соли ахир ба муносибати ҷашнҳои фархундаи миллӣ ва хоссаи пойтахт чандин иншооти ҷашниро ба истифода дода, симои шаҳрро дигар намуданд ва онро ба яке аз шаҳрҳои зебои ҷаҳони муосир табдил доданд.

Бунёди чорбоғи нави фарҳангиву фароғатии «Пойтахт-80» бо Аквапарк, садҳо маркази замонавии тиҷоратию фарҳангӣ, манзилию маишӣ, маъмурию компютерӣ, илмомӯзию барқароркунии саломатӣ дар Душанбе аз ҷумлаи ҳамин иншооти беназири ҷашниanд.

Дарвозаҳои бошукӯҳ дар чор самти пойтахт нишони суннатҳои шаҳрсозӣ ва низоми устувори шаҳрдорӣ, сифатҳои хуҷастаи инсондӯстӣ, бародарӣ ва меҳмоннавозии сокинони шаҳрро таҷассум менамоянд. Мусофирону сайёҳон бо шиори «Марҳабо ба шаҳри сулҳ!» бо шавқу эҳсоси ошноӣ ва соҳибхонагӣ ба пойтахт ворид мегарданд.

Донишномаи пойтахт, ки ба муносибати ҷашни 90-солагии шаҳри Душанбе ҳамчун пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ба пешвози 25-солагии истиқлолияти давлатиии Ҷумҳурии Тоҷикистон аввалин бор ба забони тоҷикӣ ба табъ мерасад, рамзе аз равзанаи маърифат ва шинохти шаҳри азизи мост, ки ба ин восила аҳли мамлакат бо таърихи шаҳри Душанбе, саҳми сокинони он дар бунёди давлати муосири миллӣ, ҷомеаи асили шаҳрвандӣ ва рушду равнақи ҳаёти моддию маънавии кишвар, бо неруҳои тавлидӣ ва табиати нотакрори ин маъвои дилорои ватани худ ошно мегарданд. Донишномаи Душанбе барҳақ таҷассумгари тараққиёти мустақилонаи пойтахти давлати навини мост.

Китоби мазкур сарчашмаи илму адаб, таърих, муаррифномаи иншооту кӯчаҳову маҳалҳо, қабл аз ҳама зиндагиномаи ашхоси бузург ва бунёдкори шаҳри азизи мост, ки ифтихори мо будаанду мебошанд ва мо доимо корнамоии ҷовидонаи онҳоро дар ҷодаи пурифтихори кору амал ва маърифатнокии баланд пос медорем.

Интишори «Душанбе. Донишнома»-ро ба сокинону меҳмонон ва ҳаводорони Душанбешаҳр табрик гуфта, ба донишмандони соҳаҳои гуногуни илму адаб, ки дар таҳияи ин махзани маърифат хидматгузор буданд, изҳори сипоси беандоза менамоем.

Умедворем, ки шаҳри азизи мо аз тариқи ин равзанаи маърифат бештару беҳтар шинохта хоҳад шуд.



# ШИНОСНОМАИ ШАҲР

**то 01.01.2016**

**Маълумоти ҷуғрофӣ:**
Душанбе дар водии Ҳисор дар баландии 750–930 м ҷойгир буда, дар ду соҳили дарёи Душанбе (дар болооби дарёи Варзоб) мавқеъ дорад.
Ҳудудаш – 126,6 км$^2$.
Иқлимаш – субтропикӣ (хушк).
Дарозии умумии хиёбонҳо, гузаргоҳҳо, пулҳои болои дарёҳову наҳрҳо ва роҳҳои зеризаминӣ (туннелҳо) – 705,6 км.
Масоҳати минтақаҳои кабудизоршуда – 74800 м$^2$.
Шаҳр дорои 4 ноҳияи маъмурист: Шоҳмансур, Исмоили Сомонӣ, Фирдавсӣ ва Ибни Сино.
**Аҳолӣ –** 802,7 ҳазор нафар (01.01.2016)
**Хоҷагии манзилию коммуналӣ:**
Хазинаи манзил дар ибтидои сол, 8,9 млн м$^2$ масоҳати умумӣ таҷҳизоти хазинаи манзилӣ ба ҳисоби % нисбат ба тамоми масоҳати маскунӣ;
– обрасонии ошомиданӣ – 66,5;
– корезӣ – 66,5;
– маркази гармӣ – 66,4;
– таъминоти оби гарм – 65;
– бо лулаи газ – 36,2;
Обрасонӣ ба масрафкунандагон (млн м$^3$) – 59,7, аз ҷумла:
– барои аҳолӣ – 44,4;
Шумораи меҳмонхонаҳо – 35; ҷойи зист дар онҳо – 2500.
**Тиҷорат ва хидматрасонии маишӣ ба аҳолӣ:**
Гардиши амвол дар тамоми шабакаҳои хариду фурӯш, (млн сомонӣ) – 3059,7, аз ҷумла:
– гардиши амволи ғайридавлатӣ – 3045,5;
Ҳаҷми амалисозии хидматрасонии накдӣ ба аҳолӣ дар тамоми шабакаҳои амалисозӣ (млн сомонӣ) – 3969,2.
Ҳаҷми амалисозии хадамоти маишӣ ба аҳолӣ (млн сомонӣ) – 471,7.
Ба назардошти як сокин (сомонӣ):
– гардиши амвол – 3737,4;
– хидматрасонии маишӣ – 587,9.
**Ёдгориҳои таърихӣ-меъморӣ:**
1. Маҷмааи ёдгории «Ваҳдат»
2. Муҷассамаи С. Айнӣ
3. Муҷассамаи Абуалӣ ибни Сино
4. Муҷассамаи М. Турсунзода
5. Муҷассамаи А. Фирдавсӣ
6. Муҷассамаи В. В. Куйбишев
7. Муҷассамаи А. Рӯдакӣ
8. Нимпайкараи Б. Ғафуров
9. Пайкараи У. Хайём
10. Нимпайкараи А. Лоҳутӣ
11.Маҷмааи ёдгории Иттифоқи нависандагони Ҷумҳурии Тоҷикистон
**Бародаршаҳрҳо:**
Клагенфурт (Австрия); Боулдер (ИМА); Ройтленген (Олмон); Санкт-Петербург (Федератсияи Русссия); Теҳрон (ҶИЭ); Минск (Ҷумҳурии Беларус); Мазори Шариф (ҶИА); Урумчи (ҶМУ ҶХҶ); Лоҳур (ҶИП); Санъо (Ҷумҳурии Яман); Монастир (Тунис); Лусака (Замбия); Шероз (ҶИЭ); Анкара (Туркия); Сямен (ҶХҶ).
**Маориф (дар соли хониши 2015–2016) :**
Шумораи муассисаҳои таҳсилоти олӣ – 23;
Донишҷӯён – 103,6 ҳазор нафар;
Хатмкунандагон – 17,7 ҳазор нафар;
Шумораи омӯзишгоҳҳои касбӣ-техникӣ – 13;
Теъдоди хонандагон дар онҳо – 16,1 ҳазор нафар;
Хатмкунандагон – 2,4 ҳазор нафар;
Шумораи мактабҳои таҳсилоти миёна ва умумӣ – 140;
Шумораи хонандагон – 180,8 ҳазор нафар
Омӯзгорон – 7,9 ҳазор нафар;
Шумораи муассисаҳои томактабӣ – 124;
Шумораи кӯдакон дар онҳо – 27,4 ҳазор нафар;
**Илм (01.01.2015)**
Муассисаҳои илмӣ – 50;
– шумораи кормандони илмӣ – 2071 нафар;
аз шумораи онҳо унвони илмӣ доранд:
– доктори илм – 271 нафар;
– номзади илм – 639 нафар; аз ҷумла:
дар Пажӯҳишгоҳҳои АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон – 17;
шумораи кормандони илмӣ – 1051 нафар.
дар байни онҳо унвони илмӣ доранд:
– доктори илм – 134 нафар;
– номзади илм – 244 нафар.



**Театрҳо (01.01.2015)**
Театри давлатии академии драмаи ба номи А. Лоҳутӣ
Театри давлатии академии опера ва балети ба номи С. Айнӣ
Театри давлатии драмавии русии ба номи В. Маяковский
Театри давлатии ҷавонони ба номи М. Воҳидов
Театри давлатии лӯхтак
Театри тамошобини наврас ба номи М. Қосимов
Театри кушодаи «Падида»

**Осорхонаҳо:**
Дар шаҳр 9 осорхона вуҷуд дорад:
Осорхонаи миллии Тоҷикистон (2009);
Осорхонаи миллии бостоншиносӣ (1996);
Осорхонаи мардумшиносӣ (1954);
Хона-музеи муттаҳидаи адаби-ёдгорӣ (1981)
Хона-музеи адабӣ-ёдгории Айнӣ (1978);
Хона-музеи адабӣ-ёдгории А. Лоҳутӣ (1987);
Хона-музеи адабӣ-ёдгории М. Раҳимӣ (1968);
Хона-музеи адабӣ-ёдгории М. Турсунзода (1981);
Хона-музеи адабӣ-ёдгории Т. Шаҳидӣ (1991).

**Толорҳои консертӣ, сирки давлатӣ, кинонамоишдиҳӣ:**
Маҷмааи давлатии «Кохи Борбад», ҷойи нишаст – 2035;
Маҷмааи давлатии «Вахдат», ҷойи нишаст – 1714;
Филармонияи давлатӣ, ҷойи нишаст – 860;
Сирки давлатӣ, ҷойи нишаст – 1836.

**Китобхонаҳо:**
Ҳамагӣ дар шаҳр 20 китобхонаи оммавӣ вуҷуд дорад. Бузургтарин китобхонаҳои шаҳр:
– Китобхонаи миллӣ – 3,11 млн нусха китоб;
– Китобхонаи ҷумҳуриявии бачагонаи ба номи М. Миршакар – 9,03 ҳазор нусха.
– Китобхонаи марказии шаҳрии ба номи А. Лоҳутӣ – 653,4 нусха.

**Матбуот:**
Шумораи рӯзнома ва маҷаллаҳои дар шаҳр интишоршаванда:
– рӯзномаҳо – 37; – маҷаллаҳо – 37.

**Тандурустӣ:**
Шумораи муассисаҳои бемористонӣ – 43;
Миқдори кат барои беморон – 5447;
Шумораи табибони кулли ихтисосҳо – 6282 нафар;
Шумораи муассисаҳои тиббии ёрирасони амбулаторӣ – пешгирии бемориҳо – 16.

**Иншооти спортӣ-варзишӣ:**
Варзишгоҳҳо (стадионҳо) – 8;
Толорҳои варзишӣ-спортӣ – 138;
Ҳавзҳои оббозӣ-шиноварӣ – 13;
Кортҳои теннисбозӣ – 4;
Майдонҳои футболбозӣ – 79;
Майдончаҳои тирандозӣ – 5;
Майдонҳои маҷмуаи спортӣ-варзишӣ – 158;
Маҷмуаи варзишии завраќронӣ – 1
Шумораи ҷойи нишаст дар иншооти асосии спортӣ-варзишӣ:
Варзишгоҳи марказии ҷумҳуриявӣ (Фрунзе) – 24 ҳазор;
Варзишгоҳи Спитамен – 6 ҳазор;
Варзишгоҳи Авиатор – 2 ҳазор.

**Иттиҳодияҳои динӣ:**
Маркази исломии Ҷумҳурии Тоҷикистон
Масҷидҳои ҷомеи марказӣ – 3;
Масҷидҳои ҷомеъ – 18;
Масҷидҳои панҷвакта – 55;
Маркази Исмоилия
Ташкилотҳои динии ғайриисломӣ 30.

**Як рӯзи шаҳр:**
(ба ҳисоби миёна дар як шабонарӯз бо баҳисобгирии шумораи рӯзҳои тақвимӣ дар соли 2015, тибқи маълумоти ҳисоботи фаврӣ):
Истеҳсоли навъҳои маҳсулоти маҳаллӣ:
– нерӯи барқи истифодаи умум, млн кВт/соат – 1,05;
– мебел (тибқи нархҳои таносубӣ) – 27000 сомонӣ;
– маҳсулоти дӯзандагӣ – 50600 сомонӣ;
– маҳсулоти чӯроббофӣ – 2,1 ҳазор ҷуфт;
– пойафзор – 1,2 ҳазор ҷуфт;
– равғани наботӣ – 0,5 тонна;
– оби чав – 0,05 ҳазор дал;
– арақ – 0,04 ҳазор дал;
– матоъҳои пахтагини тайёр – 21,1 ҳазор $м^2$;
– гӯшт – 17,3 тонна.


НАҚШАИ ШАҲРИ ДУШАНБЕ
Ш
Ҷ
АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ
Хиёбонҳо
Роҳҳои шаҳрӣ
Роҳи оҳан
Дарё ва кӯлҳо
Боғу гулгаштҳо
Сарҳадди шаҳр
Биноҳои давлатӣ
Меҳмонхонаҳо
Театрҳо ва синамо
Осорхонаҳо
Муҷассамаҳо
Биноҳои маориф
Марказҳои савдо
Чойхонаҳо
Биноҳои варзишӣ
Биноҳои тиббӣ
Биноҳои динӣ
Сирк
Наврӯзгоҳ
Боғи ҳайвонот
Аттракцион
Автовокзал
Истгоҳи роҳи оҳан
Фурӯдгоҳ
НОҲИЯИ ИСМОИЛИ СОМОНӢ
кӯчаи Сурхоб
кӯчаи Мирзо Турсунзода
кӯчаи Фотех Ниёзӣ
кӯчаи Умари Хайём
хиёбони Рӯдакӣ
кӯчаи Ҳамза Ҳакимзода
кӯчаи Яккабоғ
хиёбони Рӯдакӣ
кӯчаи Семзавод
хиёбони Ҳофизи Шерозӣ
д. Варзоб
кӯчаи Карамов
хиёбони Исмоили Сомонӣ
кӯчаи Лучоб
д. Лучоб
кӯчаи Самарқанд
кӯчаи Панҷрӯд
хиёбони Академ
кӯчаи Алишер Навоӣ
хиёбони Нусратулло Махсум
НОҲ
Ба қисми шимолии шаҳр
ҚИСМИ ШИМОЛӢ
Ба д. Варзоб 26 км
д. Варзоб
Ба маркази шаҳр
Ба ш. Ҳисор 26 км


Ба қисми шарқии шаҳр
ҚИСМИ ШАРҚӢ
Ба ш. Ваҳдат 21 км
Ба маркази шаҳр
Ба ш. Қӯрғонтепа 99 км
НОҲИЯИ ШОҲМАНСУР
НОҲИЯИ ФИРДАВСӢ
ФУРУДГОҲ
д. Душанбе
кӯчаи Зебунисо
кӯчаи Қаротегин
кӯчаи Айнӣ
кӯчаи Академик Назаршоев
кӯчаи М. Мастонулов
кӯчаи А. Дониш
кӯчаи Нисор Муҳаммад
хиёбони Рӯдакӣ
кӯчаи Бухоро
кӯчаи Шевченко
кӯчаи У. Зоконӣ
кӯчаи Р. Амакӣ
кӯчаи Карин Ман
кӯчаи М. Маҳмадалиев
кӯчаи Мунзим
кӯчаи Абдулаҳад Қаҳҳоров
кӯчаи Мушфиқӣ
кӯчаи Неъмат Қарабоев
хиёбони Чомӣ
кӯчаи Фирдавсӣ
кӯчаи Ҷанубӣ
кӯчаи Раҳимӣ
кӯчаи Дилкушо
кӯчаи Абай
хиёбони Борбад
хиёбони Раҳмон Набиев
кӯчаи Н. Ғанҷавӣ
кӯч. Маяковский
кӯчаи Ч. Расулов
кӯчаи М. Шерализода
кӯчаи Абдуллобеков
кӯчаи Авул
кӯчаи Королёв
кӯчаи Акад. Назаршоев
кӯчаи Айнӣ
хиёбони Сино
0 0,6 1,2 км

# ВУСЪАТЁБИИ ШАҲРИ ДУШАНБЕ




ДУШАНБЕ
харитаи табиӣ
миқёс 1:200 000
68°45'
68°50'
68°55'
68°40'
38°42'
38°39'
38°36'
38°33'
38°30'
38°27'
Ш
Ҷ
Хочабед
Гусгарф
Алхуч
2450
Шафтмичгон
2770
Ҳафттахта
1750
Саёд
Хонақоҳи Кӯҳӣ
Кушкак
Сангчашма
Дараи Бедо
Варзоб
Фанфароқ
Зинохӯро
Лучоб
Дараи Фонӣ
Арақчин
Даҳана
Фирӯзобод
Дараи Яғноб
2100
Наврӯзи
1561
Сарикутал
Яккачуғз
Чормағзакон
Шаршара
Ҳофизкада
Косатарош
Обизак
1527
Чангалак
Навобод
Бувак
2611
ҚАТОРКӮҲИ ХАРАНГОН
Косатароши Поён
Варзоб ГЭС
Дурманбулоқ
Чорводор
Кӯли Ҳавоӣ
Дуоба
Деҳнавак
Харангони Миёна
Харангони Боло
Бобосурхон
1358
Чорбоғ
Дашти Мирон
Чинор
1448
Муғулони Поён
1335
Кулибедак
1743
Кӯлмаҳмадӣ
Гургроҳа
Кулписта
Чиргинак
Лойоб
Лучоб
Чаландар
Хайронак
Курпаӣ
Зартеппа
1420
1325
1185
Чаволай
1321
Қиблаӣ
Қамчин
Шайхон
Миршикор
Меҳтарӣ
1224
Ҳуснобод
Армуғон
1214
Лойоб
Меҳтарӣ
1052
Теппаи Самарқандӣ
Нилкон
Зафар
Испечак
Оқтоқ
1008
Оқчакман
Чоряккорондара
Боғистон
Зартеппа
Чоряккорон
1015
Меҳробод
ДУШАНБЕ
Гиджалобод
Истиқлол
892
Арбобхотун
Нурафшон
Мирзочӯл
Чӯйбодом
Гулистон
Тезгар
Конститутсия
Сангтӯда
Дурбат
Очамайли
Олучабоб
Сабзикор
Ҳалқачар
799
Шайнаки Чинор
Куштеппа
773
НАВОБОД
Навбаҳор
759
781
Шайнакигадо
Бешкапа
761
Айнӣ
Рароб
Шолипоя
Маҳмадшоҳи Боло
Фалакон
Комсомол
Балдирғон
Сомон
Файзоба
Шафақ
Элок
Ниёгон
803
Туячӣ
ШАРОРА
Пахтакор
Гулпарвар
Гулбутта
Шайнак
Чашмаи Моҳиён
Элок
Алибой
929
Чорсу
Иқбол
Ҳаётинав
КӮҲҲОИ УРТАБУЗ
Чимтеппа
719
Кӯктош
Шароф
Тирғарон
Дарёбод
Қарияи Камар
Олӣ Сомон
Сарикиштии Поён
Сумбула
Шерхонӣ
Кофарниҳон
Оби Шифо
Баҳористон
СОМОНИЁН
0
2
4 км
1233
Хосилот
АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ
нуқтаҳои аҳолинишин
сарҳадди шаҳрӣ
роҳи оҳан
роҳи байналхалқӣ
роҳи шаҳрӣ ва маҳаллӣ
кварталҳои шаҳр
дарё ва пул
кӯл ва обанбор
чашма
2560 •
нуқтаҳои баландӣ
аэропорт
ЧАДВАЛИ САТҲИ БАЛАНДӢ (бо метр)
2640
2320
2000
1680
1520
1360
1200
1040
960
880
800
720
640


ХАРИТАИ ГЕОЛОГИИ ҲАВЗАИ ДУШАНБЕ
Миқёс 1:100 000
ДУШАНБЕ
Чормағзакон
Харангони Боло
Кули Ҳавоӣ
Чорбоғ
Муғулони Поён
Яккачашма
Чавалай
Қамчин
Қиблаӣ
Чайрабулоқ
Чоряккорон
Ҷӯйбодом
Чортут
Навобод
Ҳалқаҷар
Гулистон
Бешкаппа
Коргар
Пахтакор
Чимтеппа
Лолазор
д. Лучоб
дарёи Душанбе
кан. Ҳисор
д. Кофарнихон
д. Элок
0 1,0 2,0




Водии Ҳисор.

## ШАРОИТИ ТАБИӢ

**Сохти геологӣ**. Душанбе дар қисми маркази водии Ҳисор, дар байни қаторкӯҳҳои Ҳисор аз шимол ва кӯҳҳои Депрессияи тоҷик (қаторкӯҳҳои Абдуллоака, Рангон) аз ҷануб ҷойгир шудааст. Дарёи Варзоб аз миёни шаҳр ҷорӣ буда, шаҳрро ба ду қисмат – ғарбӣ ва шарқӣ ҷудо мекунад. Дар қисми ҷанубии шаҳр дарёи Кофарниҳон ҷорист, рӯди Варзоб шохоби рост ва рӯди Элок шохоби чапи он мебошанд.

**Стратиграфия.** Водии Ҳисор ва кӯҳистони атрофи он аз ҷинсҳои синнашон гуногун – аз даври палеозой то замони имрӯза иборат мебошанд. Қаторкӯҳи Ҳисор бевосита дар шимолу шарқи шаҳри Душанбе аз ҷинсҳои таркибу пайдоишашон мухталифи даври палеозой таркиб ёфтааст. Дар ҷанубтари водии Ҳисор Депрессияи тоҷик ҷой гирифтааст, ки аз қабатҳои ғафси таҳнишастҳои мезозою кайнозой иборат мебошад.

**Палеозой.** Ҳосилаҳои палеозойи қаторкӯҳи Ҳисор дар наздикии шаҳри Душанбе аз оҳаксанг, регсанг, эффузивҳои синни карбони поёну миёна ва ҷинсҳои интрузивии карбони боло (гранитҳо, гранодиоритҳо) иборатанд. Ғайр аз ин, ҷинсҳои палеозойии тақрибан ҳамин гуна таркиб дар водии Ҳисор паҳн гаштаанд. Онҳо сохтори табақаи поёнӣ буда, таҳкурсии таҳнишастаҳои мезозою кайнозой маҳсуб мешаванд.

Мезозой дар водии Ҳисор бо ҳама навъҳояш паҳн шудааст. Ҳосилаҳои начандон ғафси давраи триас дар соҳилҳои дарёи Варзоб ба мушоҳида мерасанд.

Таҳнишастҳои давраи юра дар водии Ҳисор маҳдуд буда, аз регсанг, мергел, гил, оҳаксанг, гач ва ангишт иборатанд. Ғафсии ҷинсҳо тақрибан 300 м мебошад.

Таҳнишастҳои давраи бӯр дар водии Ҳисор ва мавзеи

### АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ

- Q4 — Шуъбаи муосир. Комплекси Амударё. Шағалҳо, регҳо, сангрезаҳо, харсангҳои лӯндамонанд.
- Q3 — Шуъбаи болоӣ. Комплексҳои Душанбе ва Тирмиз. Шағалҳо, регҳо, гилхокҳои сафедхокмонанд.
- Q2 — Шуъбаи миёна, Комплекси элок. Гилхокҳои сафедхокмонанд, шағалҳо.
- N2 — Лояҳои каранак ва полизак, конгломератҳои хокистарранг бо қабатҳои олевролитҳо, олевролитҳо, регсангҳо.
- N1 — Лояҳои Хингову ва Тавилдара. Регсангҳои хокистарранг ва сурхча, олевролитҳо, гилҳо ва қабатҳои конгломератҳо.
- ₽ — Палеоген. Гилҳои сурхча ва сиёҳча, регсангҳо, оҳаксангҳо, гипсҳо, доломитҳо ва мергелҳо.
- K — Табошир. Оҳаксангҳо, гилҳои хокистарранг, маргелҳо, регсангҳо, гаҷҳо.
- C — Карбон. Варақсангҳо, регсангҳо, конгломератҳо,оҳаксангҳо.
- Сарҳадди стратиграфӣ (саҳеҳ ва тахминӣ).
- Хатти пайвандии тектоникӣ.
- Гази сӯзанда
- Сланси сӯзанда
- Торф
- Фосфорит
- Оҳаксанг
- Гил (Суглинка)
- Регу шағал
- Рег (қум)
- Гипс
- Нуқтаҳои пармашудаи маъданҳо
- Нуқтаҳои пармашудаи холӣ
- Конҳои амалкунанда
- Нуқтаҳои аҳолинишин
- Сарҳадди маъмурии шаҳр

Харита дар асоси харитаи геологии миқёси 1:200 000, нашри соли 1962 тартиб дода шудааст. Муҳаррирон: Симаков С.Н., Бронштейн Т.А.

шаҳри Душанбе масоҳати калонро фаро гирифта, ба ду шуъба – поёнӣ ва болоӣ ҷудо мешаванд. Таҳнишастҳои бӯри поёнӣ аз ҷинсҳои континентии сурхранг таркиб ёфтаанд (дуруштиашон миёна аст). Ин ҷинсҳо асосан регсанг, гил, мергел, гач ва алевролитҳо мебошанд. Ғафсии бӯри поён дар мавзеи шаҳри Душанбе ба 300 м мерасад. Таҳнишастҳои бӯри боло аз ҷинсҳои баҳрӣ, лагунӣ ва лагунию баҳрӣ иборат буда, ба табақаҳои зерин ҷудо мешаванд: сеноман, турон, коняк, сантон, кампан, маастрихт ва окҷар. Ин таҳнишастҳо аз оҳаксанг, гил, регсанг ва гач иборатанд. Ҷинсҳо ҳамдигарро бисёр вақтҳо иваз мекунанд. Ғафсии бӯри боло дар мавзеи шаҳри Душанбе 350–400 м аст.

**Кайнозой.** Таҳнишастҳои даҳри кайнозой дар водии Ҳисор аз ҷинсҳои синни палеоген, неоген ва давраи чорумин иборат мебошанд.

Ҷинсҳои палеогенӣ дар қисми шимоли водӣ рӯйи замин баромадаанд. Онҳо асосан аз таҳнишастҳои баҳрӣ ва каму беш лагунӣ ва лагунию континентӣ таркиб ёфтаанд. Дар пойгоҳ (асос)-и буриш оҳаксанг, доломит ва гач бартарӣ дошта, онҳо дар табақаҳои болотар ба таҳнишастҳои таркибан гуногуни (ғафсиашон 1–2 м) гилҳои регсангу мергелдор, оҳаксанг ва регсанг иваз мешаванд. Дар таркиби буриши палеоген табақаҳои Бухоро, Сузак, Олой, Туркистон, Риштон, Исфара, Хонобод ва Сумар мавҷуданд. Ғафсии таҳнишастҳои палеогенӣ дар мавзеи шаҳри Душанбе 580–600 м аст.

Дар таҳнишастҳои баҳрӣ ва лагунии давраи палеоген қабате хобидааст, ки ба замони неоген тааллуқ дорад. Таҳнишастҳои неогенӣ аз таҳнишастҳои дар поин хобида бо таркиб, ранг ва пайдоиш фарқ мекунанд. Онҳо асосан аз регсанг, гил ва конгломератҳои континентии гулобӣ таркиб ёфтаанд, баъзан қабатҳои хокистарранги гилу регсанг низ ба назар мехӯранд. Дар буриш аз поин ба боло ҷинсҳо дурушт мегарданд. Дар буриши давраи неоген аз рӯи хусусияти литологӣ теъдоде аз занҷира (свита) ва зерзанҷираҳо зоҳир мешаванд. Ғафсии қабати неогенӣ дар водии Ҳисор ба 2200– 2500 м мерасад.

Таҳнишастҳои давраи чорумин дар водии Ҳисор васеъ густариш ёфта, қабатҳои синнашон гуногуни поёниро пӯшонидаанд. Мувофиқи маълумоти Н. П. Костенко онҳо вобаста ба син ба занҷираҳо (свитаҳо)-и Вахш, Элок, Душанбе, Омударё ҷудо карда мешаванд. Чинсолҳои давраи чорумин аз шағал ва гилхокҳои лёссмонанди таркибан гуногун иборатанд. Хусусан гилхокҳои лёссмонанди синни чорумини миёна (маҷмаи Элок) васеъ густариш ёфтаанд, ки қисми бештари шаҳри Душанбе дар он ҷойгир аст. Ғафсии умумии таҳнишастҳои давраи чорумин ба 200–250 м мерасад.

**Тектоника.** Аз ҷиҳати тектоникӣ водии Ҳисор фурӯхамиест, ки миёни қаторкӯҳи Ҳисор ва канори шимолии Депрессияи тоҷик ҷойгир шудааст (онро Фурӯхамии пешҳисор меноманд).

Сарҳадди геологии фурӯхамӣ тектоникист; дар шимол чокҳои Ҳисору Кукшаол ва дар ҷануб чоки Элок ҷойгиранд. Фурӯхамии пешҳисор, чун сохтори мустақил, дар давраи юра ташаккул ёфтааст; миёни Депрессияи тоҷик ва минтақаи кӯҳсори Ҳисору Олой мавқеи мобайниро ишғол менамояд. Сохтори имрӯзаи фурӯхамӣ асосан дар давраи навтарин (неоген – чорумин), дар марҳилаи орогении ташаккул ба вуҷуд омадааст.

Буриши барқади Постхамии пешҳисор сохти ассиметрӣ дорад. Канори шимолии вай дар бардориши қаторкӯҳи Ҳисор саҳм дошта, нисбат ба канори ҷанубиаш мавқеи гипсометрии баландтар дорад. Дар қисми аз ҳама фурӯрафтаи водӣ Синклинали марказӣ ҷойгир аст.

Ғайр аз сохторҳои мазкур дар водии Ҳисор ҳамчунин як қатор чинҳои хурд – антиклиналҳои Шоҳамбарӣ ва Лучоб ҷой гирифтаанд. Аввалӣ 15 км шимолу ғарби шаҳри Душанбе, дуввумӣ дар канори шимолии он ҷойгир аст. Дар ҷанубу шарқи водии Ҳисор низ баъзе сохторҳои антиклиналӣ ба назар мерасанд: Кали Шодӣ, Гумбулоқи Шимолӣ ва Андигон. Хусусияти муҳимми тектоникаи Фурӯхамии пешҳисор сохтори дутабақаии он мебошад. Табақаи поинӣ аз қабатҳои палеозой иборат буда, ба монанди он қабатҳоест, ки дар ҳудуди шимолии доманакӯҳҳои водӣ рӯйи замин баромадаанд. Ҳосилаҳои мазкур ба герсинидҳои Тиёншони Ҷанубӣ тааллуқ доранд. Табақаи поиниро таҳнишастҳои субплатформавии мезозою кайнозой ташкил медиҳанд. Онҳо бар асоси ҷинсҳои чиндори палеозой хоб рафтаанд.

Дар тектоникаи водии Ҳисор мавқеи муҳимро қитъаҳо (қатъҳо)-и тектоникӣ ишғол менамоянд. Ғайр аз қитъаҳои номбурда, ки пастхамиро аз шимол ва ҷануб иҳота кардаанд, дар натиҷаи таҳқиқоти геологию физикӣ дар таҳкурсӣ боз чандин ихтилол муқаррар гашт, ки дар рӯйи замин дида намешаванд. Яке аз чунин қитъаҳои тектоникии калон дар қисмати шимолии шаҳри Душанбе ошкор карда шудааст. Ин ихтилоли релйеф (чоки Андигон) қисмати бардоштаи шимол (адир) ва фурӯрафтаи ҷанубро (ҳамворӣ) аз ҳам ҷудо мекунад. Дар таҳкурсӣ шояд дигар ихтилолоти хурд низ вуҷуд дошта бошанд, ки айни замон ошкор нагардидаанд.

**Сарватҳои табиӣ**. Душанбе дар ҳудуди фурӯхамии нафтугаздор ҷойгир аст. Пастхамии Душанбе мавзеи нафтугаздори мустақил буда, дар он ҷо дар таҳнишастҳои юраи боло, бӯр ва палеоген қабати газ ошкор карда шудааст. Захираи газ чандон зиёд набошад ҳам (90–100 млрд м$^3$), умқи хобиши он нисбат ба дигар ҳудудҳои нафту газдор кам аст.

Дар ҳудуди пастхамии Душанбе се кон кашф ва захираи онҳо муқаррар шудааст: Андигон, Комсомол (Лучоб) ва Шоҳамбарӣ. Конҳои Андигон ва Шоҳамбарӣ берун аз қаламрави шаҳр, кони Комсомол дар қисми шимоли он, дар минтақаи Корхонаи семент воқеъ аст. Захирааш 7 млрд м$^3$ аст.

Дар ҳудуди шаҳри Душанбе конҳои ашё барои истеҳсоли семент, сангҳои сохтмон, регсангҳо, конгломератҳо, ҷинсҳои карбонатӣ (оҳаксанг, доломит, мармар), регҳои сохтмон, шағал, гач, ангидридҳо ва рангҳои маъданӣ мавҷуданд. Бо истифода аз онҳо корхонаҳои калони ҷумҳурӣ ба монанди заводҳои семент, шифер ва локу ранг амал мекунанд. Ба конҳои калони маводи сохтмон кони оҳаксанги Ҳарангон ва кони гилу гилхоки Гулписта мансуб мебошанд. Охирӣ ашё барои истеҳсоли керамзит аст.

Дар дараи Варзоб конҳои волфраму молибдени Майхӯра (қисман солҳои 1941–1966 истифода мешуд), ангиштсанги Зиддӣ, шпатҳои гудозиши Такоб, Кондара, Беғар ва ғайра, конҳои мармари Кабудӣ, рухом (муҳраи сулаймонӣ)-и Такоб, хоросанги Варзоб ҷойгиранд. Ҷинсҳои хоросангии дараи Варзоб хуб суфта шуда, ҷилои оинагун мегиранд; монолитҳо ва тахтасангҳои онҳоро барои ороиши дарун ва беруни биноҳо, рӯйкаши фарш ва ғайра истифода мебаранд.

Ҳавзаи артезиании Душанбе қисмати шарқии водии Ҳисорро ишғол карда, аз захираи зиёди обҳои маъдании сард ва гарм иборат аст. Дар ин ҷо таҳшинҳои обдори давраҳои мезозою кайнозой рӯйи таҳкурсии палеозой хобидаанд ва аз таҳнишастҳои давраҳои триас, юра, бӯр, палеоген, нео-

ген, чаҳорумин иборатанд. Ғафсии умумии таҳшиниҳо дар қисмати шарқӣ 1440 м ва дар қисмати ғарбӣ то 3000 м мебошад. Дар ҳудуди ҳавзаи Душанбе пайдоиши обҳои гарми маъдании бофишор ва бефишор, ки таркиби кимиёии гуногун доранд, ба ин таҳшинҳо марбутанд. Ин обҳо бо мақсади табобат фақат дар осоишгоҳи Шоҳамбарӣ истифода мешаванд; онҳоро ба сифати оби нӯшокӣ ва дармонбахш низ (бо номи «Шоҳамбарӣ») истеъмол мекунанд. Чунин обҳо дар водии дарёи Лучоб низ ошкор шудаанд. Ғайр аз ин дар водии дарёи Лучоб, 4–5 км шимолу ғарби шаҳри Душанбе, обҳои гарми гидрогенсулфидии шабеҳ ба обҳои Сочи-Матсеста, ки дар таркибашон нитроген ва метан доранд, ба қайд гирифта шудаанд.

Дар водии дарёи Лучоб ҳамчунин обҳои гарму ҷӯшони гидрогенсулфидии дорои йод, бром, бор ва обҳои шӯр мавҷуданд.

Дар қисмати шимоли шаҳри Душанбе (чини Лучоб) дар таркиби ҷинсҳои асосашон палеозойӣ обҳои гарми таркибашон гуногунро метавон ошкор кард, ки оби чашмаҳои Хоҷа Оби Гарм, Явроз ва Оби Гармро монананд.

**Зилзиланокӣ**. Қаламрави шаҳри Душанбе ба ноҳияҳое мансуб аст, ки рух додани заминҷунбиҳои шиддаташон то 9 балл (аз рӯйи ҷадвали MSK-64) имкон дорад. Магнитудаи онҳо метавонад ба 7,5 –8,0 баробар шавад.

Хавфи зилзилаи шаҳри Душанбе дар он аст, ки қад-қади канори шимоли он, дар доманаи қаторкӯҳи Ҳисор, харобаи азими тектоникии амиқ – чокии Ҳисору Кукшаол ҷой дорад. Қад-қади ин чокӣ заминҷунбиҳои сахти харобиовар, масалан, заминҷунбии Қаротоғ, 1907 (I=9; M = 7,4; H=35 км), Ҳоит, 1949 (I=9–10; M=7,4 H=16 км), Файзобод I943 (I=8–9; M=6; H=15–20 км) ва ғайра рух дода буданд, ки дар Душанбе бо шиддати 5–6 балл ҳис карда шудаанд.

Сарҳадди ҷанубии Пастхамии пешҳисор – чокии Элок низ сохтори сейсмогенӣ дошта, метавонад таконҳои шиддати то 9 баллро ба миён орад, аммо умқи онҳо камтар аз 10–12 км аст. Аз ин рӯ, заминҷунбиҳо масоҳати калонро фаро намегиранд (M=6,5–7,0 ва I=8–9). Заминҷунбиҳое, ки дар минтақаи сейсмогении Элок рух медиҳанд, дар шаҳри Душанбе бо шиддати 5–6 балл ҳис мешаванд. Яке аз охирин зилзилаҳои ин мавзеъ дар Ҳисор буд, ки соли 1987 дар деҳаҳои Шарора ва Оқули Боло (15 км ҷануби ғарбии Душанбе) ба вуҷуд омад (I=7–8; M=5,5; H=5–7 км).

Ғайр аз заминҷунбиҳое, ки дар мавзеи чокиҳои Ҳисору Кукшаол ва Элок ба қайд гирифта мешаванд, дар водии Ҳисор рух додани зилзилаҳое, ки марказӣ зуҳурашон дар худи ҳамин пастхамӣ буда бошанд, аз эҳтимол дур нест. Дар худи шаҳри Душанбе ду заминҷунбӣ рух додааст: Сталинобод (1952) ва Лучоб (1967). Заминҷунбии аввалӣ дар қисмати ҷанубии шаҳр ба вуқӯъ пайваст. Шиддати он дар минтақаи марказ ба 6–7 балл, дар қисмати ҷанубии шаҳр 7 балл буд: M=4,5 ва H=7–8 км. Маркази заминҷунбии Лучоб дар қисмати шимоли ғарби шаҳри Душанбе ҷой дошт. Қувваи такон 5–6 балл; M=4,5 ва H=10 км.

Минтақаҳои эписентрии заминҷунбиҳои водии Ҳисор чандон бузург нестанд – аз 3 то 20 км, барашон 2–5 км. Заминҷунбиҳои ин гурӯҳ хаттеро ҳосил мекунанд, ки аз ҷанубу ғарб ба шимолу шарқ тӯл кашидааст. Манбаъҳои онҳо амиқ ҷой нагирифтаанд ва эҳтимол ба кафидаҳое таалluқ доранд, ки зери таҳнишастҳои мезозою кайнозой воқеъ гаштаанд.

Маълумоти мавҷуда гувоҳи онанд, ки шиддати таконҳои сейсмикии бевосита дар пастхамии Ҳисор рухдиҳанда аз 7 балл беш нахоҳанд шуд. Тараққии босуръати Душанбе ва бино кардани иморатҳову иншоотҳои нави ҳозиразамон зарурати тартиб додани харитаи сейсмикии шаҳрро ба вуҷуд овард. Ин кор дар Институти таҳқиқоти илмии сейсмология ва сохтмони ба заминларза тобовари Академияи илмҳои ҶШС Тоҷикистон соли 1975 ба иҷро расид. Минбаъд харита дақиқтар карда шуд. Алҳол ду харитаи сейсмикӣ вуҷуд дорад; харитаи якум барои биноҳои то 5-ошёна ва харитаи дуюм барои биноҳои аз 5-ошёна баланд пешбинӣ шудааст.

Барои кам кардани хавфи заминҷунбӣ ва бехатарии биноҳову иншоот зарур аст, ки сабабҳои пайдоиши заминларза омӯхта шаванд. Дар Институти геология, сохтмони ба заминҷунбӣ тобовар ва сейсмологияи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин бобат пайваста таҳқиқот анҷом медиҳанд. Дар Душанбе Пойгоҳи марказии заминҷунбӣ ва дар атрофи шаҳр боз чанд стансияи дигар ҷойгиранд: Ҷирино (дар дараи Варзоб), Ҷӯянгарон (дарёи Сорбо), Қарасу (дарёи Элок), Оқулӣ (дарёи Кофарниҳон) ва ғайра.

**Релйеф**. Душанбе ва мавзеъҳои атрофи он дар қисмати марказии водии Ҳисор ҷойгир шудаанд ва пастхамии байникӯҳии тектоникие ба ҳисоб мераванд, ки аз самти ғарб ба шарқ тӯл кашидааст. Шаҳр аз шимол ва шимолу шарқ бо қаторкӯҳи Ҳисор ва шохаҳои он иҳота шудааст. Баъзе қуллаҳои қаторкӯҳи Ҳисор аз сатҳи баҳр беш аз 4000 м баландӣ доранд. Қаторкӯҳи Ҳисор шаҳрро аз шамолҳои сарди шимолу шарқӣ муҳофизат мекунад.

Қисмати ҷанубии шаҳри Душанбе дар кӯҳпояҳои қаторкӯҳи Рангон ҷойгир аст, ки аз сатҳи баҳр 1400–1700 м баландӣ доранд. Аз шимол ва шимолу шарқ шаҳрро теппаҳо фаро гирифтаанд (баландиашон аз сатҳи баҳр 900–1000 м). Тафовути баландии маҳал зиёд аст. Қисмати ҷанубӣ ва ғарбии шаҳр дар баландии 750–800 м аз сатҳи баҳр ҷой гирифтааст, дар ҳоле ки қисми шимол ва шимолу шарқии он 900–950 м баландӣ дорад.

Релйефи маҳал теппадор аст. Дар мавзеи ҷойгиршавии шаҳр вусъати водӣ 18 км буда, қариб 80 дарсади сохтмон-


Зимистони Душанбе.

ҳо дар ҳамворӣ, боқимонда дар теппаву адирҳои шимолӣ ва шимолу шарқӣ бунёд шудаанд.

То ибтидои солҳои 60 асри 20 шаҳри Душанбе дар соҳили чапи дарёи Варзоб ҷой гирифта буд. Баъд дар соҳили рост низ сохтмони биноҳои иқоматӣ ва иншоотҳои саноатӣ шурӯъ шуданд.

Пастшавии релйеф аз ғарб ба ҷануб ба таври баробар сурат мегирад. Аз сабаби он ки дар бисёр теппаву адирҳои қисми шимолу шарқии шаҳр дарахтон ва ҷангалзор мавҷуд нестанд, боришот боиси сар задани сел ва шусташавии хок гашта, ба шаҳр хисороти калон мерасонад.

Бо тараққиёти шаҳр ва суръат гирифтани сохтмон релйефи Душанбе ба куллӣ тағйир ёфт. Даҳҳо адад сойу ҷӯйбор ва обкандаҳо ҳамвор карда шуданд. Дар шаҳр унсурҳои релйефи сунъӣ низ ба чашм мерасанд. Масалан, кофтан ё теппа бардоштани замин барои бунёди роҳи оҳан ва роҳҳои автомобилгард (дар ҳудуди фурудгоҳ, кофтани наҳр аз қисмати шимолии шаҳр то Нерӯгоҳи барқии Варзоб, Канали калони Ҳисор дар қисмати ҷанубу ғарбии пойтахт, Кӯли ҷавонон ва боз кӯлҳои дигари сунъӣ дар қисматҳои шимол ва ҷанубу ғарбӣ). Дар ҷойи бисёр сойу ҷӯйбор ва обкандаҳо алҳол роҳҳои калони мошингард, кӯча, гулгашт ва иморатҳои нав бунёд ёфтаанд.

**Иқлим.** Ба пойтахти Тоҷикистон хусусиятҳои иқлими шаҳрҳои ҷанубӣ хос аст: ҳавои гарму хушки тобистон ва зимистони нарму ноустувор.

Хусусияти муҳимми иқлими шаҳри Душанбе офтобрӯя будани он аст (дар як сол то 2690 соат). Тӯли рӯз аз 15 соат (дар моҳи июл) то 9,5 соат (дар моҳи декабр) аст. Ҳарорати миёнаи солонаи ҳаво 14,1°С-ро ташкил медиҳад. Январ моҳи аз ҳама сард ба ҳисоб меравад. Ҳарорати миёнаи ҳаво дар моҳҳои зимистон 2–4°С аст. Дар ин давра асосан ҳавои абрнок ва боронӣ ба назар мерасад, ки ба фаъолияти сиклонҳо вобастагӣ дорад. Омадани ҳавои хунук боиси барфу борон ва то 8–10°С сард гаштани ҳаво хоҳад шуд. Ҳангоми воридшавии ҳавои арктикӣ (дар Сибир, шимолу шарқ, ноҳияҳои марказии қисмати аврупоӣ ва шимоли Қазоқистон ташаккул меёбад) дар Душанбе ҳаво якбора хунук гашта, шамолҳои сахт (15–18 м/сония) мевазад ва барф меборад. Дар мавриди аз шамоли хунук пештар ворид шудани яке аз сиклонҳои ҷанубӣ барфи зиёд меборад. Дар ин вақт дар ноҳияҳои Тоҷикистон табдилёбии якбораи се массаи ҳаво – тропикӣ, қутбӣ ва арктикӣ сурат мегирад. Ин гуна ҳолатҳо зуд аз худ дарак медиҳанд, масалан, дар шабонрӯзи дуввуми баъди воридшавии ҳавои арктикӣ дар пойтахт


Баистифодадиҳии наҳри Калони Ҳисор.

ҳаво софи сард хоҳад шуд. Ҳарорати ҳадди ақал аз ҳисоби сардии шаб метавонад то ба 17–20°С расад. Рӯзона ҳарорати ҳаво + 7–10°С аст. Дар зимистонҳои гарм моҳи январ ҳарорати ҳаво то ба +20°С мерасад.

Ҳарорати ҳаво дар Душанбе вобаста ба мавсим тағйир меёбад. Тағйироти бештари ҳаво дар моҳҳои зимистон, тағйироти камтар дар давраи тобистон мушоҳида мешавад.

Дар Душанбе ҳарорати миёнаи пасттарини ҳавои сард дар моҳи январ (2,8°С) қайд гардидааст. Дар моҳҳои аз ҳама гарм (май – август) ҳарорати миёнаи ҳаво 15–17°С -ро ташкил медиҳад. Ҳарорати аз ҳама паст соли 1934 қайд гардида буд (26,6°С). Ҳарорати баландтарини ҳаво ба рӯзҳои мавсими гарм хос аст.

Дар тӯли сол ҳарорати миёнаи ҳадди аксари паст ба моҳи январ (8,2°С) ва баланд ба моҳи июн (35°С) рост меояд. Ҳарорати аз ҳама баланди ҳаво соли 2001 ба қайд гирифта шудаст (43,4°С). Дар моҳҳои тобистон ва аввали тирамоҳ ҳарорати ҳаво дар доираи 15–20°С ва дар моҳи июл дар доираи 35–40°С мебошад.

Дар Душанбе рӯзҳои аввалини сармои тирамоҳ даҳаи якуми ноябр ва сардии зуд аввали октябр ба қайд гирифта мешавад. Баҳорон хунукиҳои охирин ба миёнаҳои даҳаи сеюми март рост меоянд, вале баъзе солҳо онҳоро метавон моҳи апрел низ мушоҳида кард.

Душанбе минтақаи камбориш аст. Миқдори боришоти солона 654 мм буда, дар тӯли сол он нобаробар тақсим мешавад (ба фаъолияти сиклонҳо ва орография вобаста аст). Аз ду се ҳиссаи миқдори умумии боришот ба давраи хунукӣ (аз ноябр то март) рост меояд. Боришоти бештарин моҳҳои март – апрел, камтарин моҳҳои июл – сентябр сурат мегирад, ҳол он ки баъзе солҳо аз ҳад зиёд серборишва ё баръакс, камбориш мешаванд.

Дар Душанбе бештар борон меборад. Миқдори боришоти омехта дар фасли зимистон 20 дарсадро ташкил медиҳад. Соли аз ҳама сербориш соли 1969 буд (944 мм); соли 1946 хеле хушк омад (ҳамагӣ 390 мм). Миқдори давраи бебориш 43 рӯзро ташкил медиҳад. Баъзе солҳо адади рӯзҳои бебориш хеле зиёд аст, масалан, соли 1971 он 169 рӯз (аз 15 май то 31 октябр) давом ёфт. Кӯрпаи барф дар Душанбе ноустувор мебошад. Ҳар сол вобаста ба ҳолати ҳаво муддати пайдоиши кӯрпаи барф тағйир меёбад. Бо вуҷуди он ки имкони барфпӯш гаштани замин хеле зиёд аст (97 рӯз), адади рӯзҳои боридани барф кам мебошад (ҳамагӣ 25 рӯз). Миқдори бештарини рӯзҳои барфӣ ба январ рост меояд (ба ҳисоби миёна 9 рӯз). Баландии барф 11 см (аз ҳама зиёд 21 см)-ро ташкил медиҳад. Бо вуҷуди ин дар тӯли зимистон қабати барф асосан ба 1 см баробар мешаваду бас.

Дараҷаи бо абрҳо пӯшида шудани фазои шаҳр аз рӯйи ҷадвали 10-балла муқаррар карда мешавад. Дар чунин мавридҳо асосан се ҳолати асосиро фарқ мекунанд: осмони соф (0–2 балл), ҳавои ғуборолуд (3–7 бал) ва ҳавои абрнок (8–10 балл). Дар Душанбе аз ноябр то апрел ҳаво серабр мебошад. Миқдори бештари абрҳо ба март рост меояд (ба фаъолияти сиклонҳо вобаста аст). Миқдори рӯзҳои ҳавои соф зиёд ва рӯзҳои абрнок кам мебошад: рӯзҳои ҳавои соф ва беғубор – 218, абрнок – 24. Дар осмони шаҳр бисёр вақт раъду барқ пайдо мешавад. Ба ҳисоби миёна дар Душанбе дар як сол 29 шабонрӯз раъду барқ хоҳад шуд. Мавсими раъду барқ ба фасли баҳор ва аввали тобистон (март – июн) рост меояд. Раъду барқ дер давом намекунад (дар 50 дарсади ҳолатҳо то як соат). Муддати миёнаи давомоти раъду барқ 1,5 соат аст. Раъду барқи аз ҳама бардавом (10,9 соат) майи соли 1961 рух дод. Дар Душанбе жола бештар дар фасли баҳор меборад. Ҳар сол қариб се шабонрӯз жола

меборад, дар 93 дарсади ҳолатҳо давомоти он 15 дақиқа аст.

Дар давраҳои хунукӣ дар натиҷаи шабона сард шудани ҳаво дар шаҳр туман мефарояд. Дар водии Ҳисор, аз ҷумла, дар Душанбе, ки зимистон шамол аз нишебиҳои кӯҳ ҷониби водӣ мевазад, туман чандон зиёд нест. Ба ҳисоби миёна дар тӯли сол 8 рӯз туман мешавад, дар моҳи январ рӯзҳои сертуман зиёданд. Бардавомии туман ба ҳисоби миёна дар давраи хунукӣ 4,6 ва дар давраи гармӣ – 3,3 соат аст.

Дар Душанбе аз декабр то апрел шамолҳои шарқӣ, аз июл то октябр шамолҳои ғарбӣ бартарӣ доранд. Мавқеи орографии шаҳр боиси ташаккули низоми махсуси шамол мегардад. Суръати миёнаи моҳонаи шамол 0,7 –1,4 м/сония аст. Дар тӯли моҳ суръати вазиши шамол 13–18 рӯз ба 1–5 м/сония баробар мебошад (шамоли шимолӣ ва шимолу шарқӣ). Шамолҳои сахт дар як сол тақрибан 7 рӯз мевазанд, ки суръати онҳо 15 м/сония аст. Баъзе солҳо суръати вазиши шамол ба 30 м/сония мерасад (дар ҳар 50 сол як бор рӯй медиҳад). Шамолҳои сахти ғарбӣ чангбод ба вуҷуд меоранд, ки чун «хокбоди афғон» маъмул аст. Тундбод дар Душанбе бар асари шамолҳои сахти ғарбӣ ва ҷанубу ғарбӣ дар қабати тропосфераи миёна пайдо мешавад. Бештарин давраи такрорёбии чангбод тобистону тирамоҳ аст. Ба ҳисоби миёна дар Душанбе дар як сол 27 рӯз чангбод мушоҳида мегардад. Ин рақамҳо метавонанд тағйир ёбанд, масалан, соли 1971 дар Душанбе 80 рӯз чангбод шуд, ки аз меъёр се баробар зиёд буд, соли 1954 ягон рӯз чангбод мушоҳида нашудааст.

Иқлими Душанбе бинобар дар водӣ ҷойгир будани шаҳр баъзе махсусиятҳо дорад. Тобистон дар нишебҳои кӯҳ шабона ҳарорат нисбат ба водӣ баланд ва нам кам мешавад. Бинобар ин дар қисмати шимолӣ шабона ҳарорати ҳаво нисбат ба қисматҳои марказию ҷанубӣ 2–4°C баланд ва нам 20% камтар аст. Ҳавои нисбатан салқин тобистон дар қисмати марказии шаҳр ба мушоҳида мерасад (дар ин ҷо кабудизор зиёд буда, хонаҳои баландошёна нисбатан камтаранд), дар маҳаллаҳои навбунёд, ки алҳол дуруст сабзкорӣ нашудаанд, ҳарорати ҳаво шабона ва саҳаргоҳ 2–3°C баландтар мебошад. Бо вуҷуди ин ҳадди аксари ҳарорати ҳаво дар шаҳри Душанбе чандон тағйир намеёбад.

**Обҳои рӯизаминӣ.** Дарёҳое, ки бо шохобҳояшон ба ҳавзаи дарёи Кофарниҳон мансубанд, манбаи асосии бо об таъмин гаштани шаҳри Душанбе ба шумор мераванд. Сарчашмаи онҳо барф, борон, пирях ва обҳои зеризаминӣ мебошанд. Вобаста ба тараққиёти шаҳр хусусияти гидрогеологии ҷӯю наҳрҳо тағйир ёфт. Обҳои борон ба коллекторҳо равона мешаванд ва миқдори гандаобҳои корхонаҳои саноатӣ афзун мегарданд.

Дарёи Варзоб шохоби рости дарёи Кофарниҳон аст. Он дар дохили шаҳр аз шимол ба ҷануб дар масофаи зиёда аз 30 км ҷорист. Дар давраи обхезӣ паҳнои дарё ба 35–38 м расида, сарфи ҳадди аксари об 732 м³/сонияро ташкил медиҳад. Қисми зиёди сол дарёи Варзоб камоб аст (7 м³/сония). Варзоб чанд шохоб дорад: Лучоб, Сиёма, Майхура, Зидӣ (дурусти он Зидех) ва ғайра. Онҳо асосан аз пиряхҳои қаторкӯҳи Ҳисор об мегиранд. Баъди ҳамроҳ шудани шохобҳои Майхура ва Зидӣ, дарёи Варзоб сероб мегардад. Соли 1952 сарфи солонаи оби дарёи Варзоб 61,2 м³/сония ва соли 1957 – 31,5 м³/сонияро ташкил медод. Мутобиқи мушоҳидаҳо таносуби ҷараёни об дар моҳҳои июл – сентябр ва март – июн мутаносибан 0,43–0,81 м³/сония аст.

Дарёи Лучоб шохоби рости дарёи Варзоб буда, аз нишебиҳои ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор ибтидо мегирад. Тафовуташ аз дарёҳои Варзоб ва Кофарниҳон дар он аст, ки дар саргаҳи он пиряхҳо нестанд.

Наҳри калони Ҳисор аз дарёи Душанбе оғоз меёбад. Тӯли он 50 км (дар ҳудуди шаҳр 2,5 км) буда, сарфи солонаи об 10 м³/сония аст. Ифтитоҳи наҳр ҳамчун воқеаи муҳимми таърихӣ 12 сентябри соли 1942 сурат гирифт. Даҳҳо ҳазор гектар заминҳои водии Ҳисорро шодоб мегардонад. Наҳри калони Ҳисор ба чанд шоха тақсим мешавад: Алочабоф, Говкуш, Чоряккорон, Кампирқалъа, Оим ва Янгиобод. Наҳри Алочабоф аз назди пули роҳи оҳан об гирифта, ба ҷануб – ҷониби дарёи Кофарниҳон ҷорӣ мешавад. Ҳамчунин чанд наҳрҳои хурд низ мавҷуданд, ки барои обёрии заминҳои шаҳр муҳимманд: Ҳазора, Шоҳмансур ва ғайра. Наҳри Ҳазора 4 км дуртар аз қисми шимолии шаҳр канда шудааст. Наҳри Шоҳмансур дар поинтари наҳри Ҳазора ҷой гирифтааст. Оби ҳарду наҳр аз дарёи Варзоб аст.

Дар Душанбе чанд кӯл ва ҳавзи сунъӣ низ мавҷуданд. Кӯли ҷавонон нисбатан калон аст. Кӯлу ҳавзҳо ба ҷуз ҷойи истироҳату фароғат будан, иқлими хос низ ба вуҷуд меоранд.

**Хок.** Дар қисматҳои шимол ва шимолу шарқи шаҳри Душанбе теппаҳое мавҷуданд, ки аз сатҳи баҳр 900–1000 м баландӣ доранд. Хоки ин мавзеъҳо ҷигарии карбонатӣ буда, аз 3 – 4% порухок (гумус) иборат аст. Карбонатҳо дар умқи 20–40 см ҷой гирифтаанд.

Анвои хоки киштбоб дар зери рустаниҳои баланд ва буттаҳои ксерофитӣ ҳосил шудааст. Ин гуна хокҳо асосан дар таҳнишастҳои лёссӣ ва гилхокҳои лёссӣ ба вуҷуд меоянд. Чунин хокҳо нарм буда, ҳангоми сохтани иморатҳои вазнин ё обёрӣ кардани замин фурӯ мераванд.

Дар натиҷаи боронҳои сел раванди шусташавии хок афзуда, мавзеъҳои шимолу шарқии шаҳрро об зер мекунад. Шусташавии хок хусусан дар заминҳои корами лалмӣ, ки тадбирҳои пешгирии эрозия андешида намешаванд, бештар ба вуқӯъ мепайвандад.

Тирахокҳои хокистарранги обёришаванда ба мисли секунча дар қисми куҳнаи шаҳр дучор меоянд (Боғи ба номи Айнӣ–километри 7–Фурудгоҳ). Онҳо асосан дар ҳамворӣ ва теппаҳои паст густариш ёфтаанд. Ҳадди болоии онҳо дар баландии 850–900 м аз сатҳи баҳр ҷой гирифтааст.

Маводи ҳосилкунандаи чунин хокҳо лёс ва гилҳои лёссмонанд мебошанд. Вобаста ба таркиб ин гуна хокҳо ба гилхокҳои миёна ва вазнин мансубият доранд. Қабати болои онҳо аз 2 –3% порухок ва 6 –8% карбонатҳо иборат буда, маҳлулашон ишқорӣ аст.

Дар соҳили чапи дарёи Варзоб ба паҳнои 50–200 м таҳнишастҳои пролювиалӣ ва аллювиалӣ дучор меоянд, ки дар сатҳи онҳо регхокҳои камҳосил ташаккул ёфтаанд. Ғафсии қабати чунин хокҳо 20 –120 см аст. Хоки ин мавзеъ дар натиҷаи бунёди сохтмонҳо тағйир ёфтааст.

Дар суффаҳои соҳили рости дарё таҳнишастҳои пролювиалӣ ва аллювиалӣ бо аломатҳои хеле костаи хокҳосилшавӣ ба назар мерасанд. Онҳоро тахту ҳамвор ва ҳосилхез карда, баҳри сабзкорӣ истифода мекунанд.

Ғарбтар аз минтақаи паҳншавии хокҳои номбурда сиёҳхокҳои обёришаванда мавҷуд мебошанд, ки солҳои зиёдест киштукор мешаванд. Ғафсии табақаи болоии ин гуна хокҳо аз ҷануб (маҳаллаҳои 46, 63, 64, 65, шаҳраки Гипрозем) ба шимол (маҳаллаи Зарафшон, Меҳробод) меафзояд. Дар натиҷаи шаҳрнишинӣ сифатҳои табиии хок аз миён рафта, хароб мегардад. Воситаи муфиди пешгирии харобшавии хоки талу теппаҳо барпо кардани алафзор ва нишондани буттаву дарахтон мебошад. Бинобар ин дар минтақаи хокҳои карбонатии ҷигарӣ ба сабзкорӣ (фитомелиоратсия) эътибори ҷиддӣ дода мешавад.

Яке аз усулҳои босамари мубориза бо шусташавии хоки нишебҳо бунёд кардани зинабоғҳост.

Бахри баркарор сохтану афзун гардондани ҳосилхезии хок истифодаи пору, нуриҳои маъданӣ ва партови шаҳр муҳимманд.

**Наботот.** Душанбе дар минтақаи биёбони эфемерӣ ва қисман дар минтақаи нимсаваннаи камалаф ҷой гирифтааст.

Пӯшиши табиии наботот ба шакли аввалааш дар ҳудуди имрӯзаи шаҳр вуҷуд надорад. Он чанд даҳсола пеш аз бунёд гаштани шаҳр дар натиҷаи кишоварзии мардум тамоман тағйир ёфта буд. Набототи имрӯзаи шаҳр хосияти биёбониро дошт, ки ҷо-ҷо буттаҳои бодом, писта, татум, гулхор (настаран), ирғай ва ғайра рӯида буданд. Алафзори атрофи шаҳр асосан аз рустаниҳои эфемерӣ ва эфемероидҳо (пудина, ғешаи даштӣ, ҷавак, ғозипиёз) иборатанд, ки навбаҳорон руста, зуд хазон мегарданд. Онҳоро ба иллати кам будани давраи нашвашон рустаниҳои кӯтоҳумр меноманд.

Дар нишебҳои обшуста ва соҳилҳои дарёҳо, ки набототи кам доранд, кавар, янток, ширинбия ва ғайра мерӯянд. Дар ҷазирачаҳои санглохи байни дарёҳо бедғоза, тамарикс, паттаарча ва дигар рустаниҳо ба мушоҳида мерасанд.

Солҳои 80 асри 19 дар деҳаи Душанбе ва атрофи он (Шоҳмансур, Сариосиё, Ғофилобод, Чармгарон, Заргар ва ғайра) аз дарахтони таҳҷоӣ чинор (бештар дар назди масҷиду мазорҳо), бед, арар, сафедор, дарахтони мева (чормағз, тутҳои сафеду сиёҳ, аз ҷумла, шоҳтут, зардолу, нок, себ ва ток) мерӯиданд. Баъди пойтахт эълон шудани Душанбе дар атрофи он кабудизору дарахтзорҳо бунёд ва корҳои ободонӣ шурӯъ шуданд. Дар ободониву сабзкории пойтахт саҳми Боғи ботаникӣ (соли 1933) ва Стансия (Пойгоҳ)-и таҷрибавии ҷангал калон буд.

Душанбе дар натиҷаи сабзкорӣ ва рӯёндани рустаниҳои ороишии нав ба яке аз боғшаҳрҳои Осиёи Марказӣ табдил ёфт. Дар талу теппаҳои атроф анвои гуногуни санавбар, дулона, шулаш, писта, себ ва ғайра парвариш карда мешаванд. Дар шаҳр боғу чорбоғҳои зебо, гулгаштҳо ва хиёбонҳои ҷолиб бунёд шудаанд. Дар онҳо навъҳои беҳтарини гулҳои лола, қашқарӣ, савсан, оташгул, садбарг ва ғайра мерӯянд.

Дар чорбоғу гулгаштҳои пойтахт бештар аз 150 навъи дарахту бутта парвариш меёбад, ки 90 дарсади онҳо аз дигар кишварҳо оварда шудаанд. Хосса чинор, навъҳои гуногуни фарк, шоҳбулут, қурси қамар (кастона), булут, нахл, лоладарахт, навъҳои гуногуни ёс, шамшод, садбарг, картошкагул, мамонтдарахт, дарахти ҷалғӯза, сарв, навъҳои гуногуни санавбар, сарвиноз, пихта ва ғайра маъмуланд.

**Олами ҳайвонот.** Фаунаи шаҳри Душанбе аз ҳайвоноте иборат аст, ки ба шароити маҳал мутобиқ шудаанд.

Дар маҳалҳои аҳолинишин ва мавзеъҳое, ки аз ҷониби одамон аз худ карда шудаанд, 14 намуди ҷонварони ширмак ба қайд гирифта шудааст. 5 намуди ҷонварони хоянда мушоҳида мегардад: калламушҳои хокистарранг, туркистонӣ ва чиндандон, муш, кӯрмуш. Солҳои охир адади калламуши туркистонӣ афзудааст. Дар баъзе маҳаллаҳо калламуши хокистарранг маскан ёфтааст, ки солҳои пеш набуд (бори аввал дар шаҳраки Гипрозем июни соли 2003 ошкор гардидааст). Дар биноҳои шаҳр навъҳои гуногуни кӯршабпаракҳо паноҳ бурдаанд: нетопир, кӯршабпараки мӯйлабдор, кӯршабпараки шикамсафед, кӯршабпараки паҳнгӯш, кӯршабпараки найзагӯш ва ғайра. Аз ҷонварони дарранда баъзан миримушон, росу ва рӯбоҳро метавон дучор гардид. Дар боғу чорбоғҳо хорпушт ба назар мерасад.

Дар Душанбе ва атрофи он 135 намуди паранда (аз 385 таксонҳои хосси ҷумҳурӣ) мавҷуд аст. Фақат парандаҳои муқимӣ 35 намуд мебошанд. Дар ҳама маҳаллаҳои шаҳр кабӯтарҳо лона мегузоранд. Адади кабӯтарҳо дар баъзе мавзеъҳои шаҳр хеле зиёд аст. Бомгӯшаи иморатҳо ва шохаҳои дарахтони баланд ҷойи лонасозии мусичаҳост. Аз соли 1999 дар шаҳри Душанбе мусичаи холдор мушоҳида шуд, ки алҳол адади он рӯ ба афзоиш дорад. Дар ковокии дарахтони куҳансол (хусусан чинор) эзорсурхак, дар боғҳо акка, фотимачумчуқ, чарғ, суфитурғай, дурроҷ, майна, гунҷишкон лона мегузоранд. Тайи 5–6 соли охир дар чинорҳои маркази шаҳр лонагузории зоғи сиёҳ ба мушоҳида расид. Дар боғоту дарахтзори соҳили рости дарёи Кофарниҳон лонагузории булбул, чаковак ва баъзе мурғони обӣ вусъат ёфтааст.

Гуногунии анвои парандагон вобаста ба мавсими сол тағйир меёбад. Тирамоҳу баҳор аз осмони Душанбе 50 намуди парандагон, ки дар Қирғизистон, Қазоқистон ва Сибири Ғарбӣ лона мегузоранд, парвоз карда мегузаранд. Баъзе парандагон моҳҳои октябр – ноябр барои зимистонгузаронӣ омада, миёнаҳои феврал – аввали май парида мераванд.

Дар ҷумҳурӣ 47 намуди хазандагон ба мушоҳида мерасад. Дар биноҳо ва сӯрохи дару девор ду намуди калтакалос – калтакалоси хазарӣ ва лучпанҷа дучор меоянд. Дар байни анбӯҳи дарахтон ва тарқиши хонаҳои пахсадевор мори чипор, дар атрофи шаҳр сангпушт, калтакалоси луччашм ва келас зиндагӣ мекунад. Ҳаёти мори обӣ ба обанборҳо вобастагӣ дорад. Адади он махсусан дар атрофи манбаъҳои об, ки моҳиҳо зиёданд, бештар аст. Аз обхокиҳо дар ҳавзу кӯлҳо қурбоқа ва ғук зиндагӣ мекунанд. Қурбоқа махсусан дар заминҳои обӣ ва шолизорҳои атрофи шаҳр зиёд мебошад.

Дарё ва кӯлу ҳавзҳои шаҳри Душанбе 14 намуд моҳӣ доранд. Дар дарёҳои Душанбе ва Лучоб лучмоҳӣ, лаққамоҳӣ, ширмоҳӣ ҳаст. Хусусан дарёи Кофарниҳон, ки аз канори шарқии шаҳри Душанбе мегузарад, моҳиҳои гуногун дорад. Дар ин ҷо 7 намуди моҳӣ (ширмоҳӣ, хромуля, мӯйлабмоҳӣ, лучакмоҳии тоҷикӣ, туркистонӣ, кофарниҳонӣ ва ғайра) ба қайд гирифта шудааст. Дар кӯл ва ҳавзҳо ҳамчунин зағорамоҳӣ, карасмоҳӣ, моҳии ғамбуза зиндагӣ мекунад. Зағорамоҳӣ, карасмоҳӣ, хромуля аз ҷумлаи моҳиҳои шикорбоб мебошанд.

Дар Душанбе ва атрофи он беш аз 300 навъи ҳашарот мавҷуд аст: чирчиракҳо, зиреҳакҳо, ширинча, ганданафасак, канаҳо, гамбускҳо, шапалакҳо ва ғайра. 75 намуди онҳо дар дарахтони мева ва зироат ба қайд гирифта шудааст. Бисёр ҳашарот ба дарахту буттазор зарари калон мерасонанд, масалан, заргинаки туркманӣ, мӯр, кирми гардаи ток, кирмаки Комсток, зиреҳаки бунафш ва калифорнӣ ва ғайра. Онҳо сари ҳар 10 сол афзоиш ёфта, зиёд мешаванд. Солҳои охир адади ҳашароти хунмак, аз қабили анофелес (паҳнкунандаи бемории вараҷа) ва куликс (хомӯшаки шаҳрӣ – паҳнкунандаи бемориҳои сироятии одамон ва ҳайвонот) низ зиёд шудааст.

Фитонематодаҳо дар шаҳри Душанбе ва атрофи он 5 намуданд. Онҳо ба дарахту буттаҳо зарари ҷиддӣ мерасонанд. Хосса зиёни нематодаҳои бузғунҷ ва лонгидроидҳо (интиқолдиҳандаи бемориҳои вирусӣ) калон аст.

Баъзе навъҳои ҳайвоноти Душанбе ба гурӯҳи ҷонварони нодир мансуб буда, ба Китоби сурхи Тоҷикистон дохил шудаанд (тахисфекси нурдор, миримушон, кӯршабпараки шикамсафед, кӯршабпараки паҳнгӯш, кӯршабпараки чинлаб ва ғайра).



Арчазор дар назди Осорхонаи Миллӣ.

## БЕҲДОШТИ МУҲИТИ ЗИСТ

Аз тарафи Раиси шаҳри Душанбе бахри беҳдошти муҳити зист қарорҳои зиёде, аз ҷумла, оид ба ободониву сабзкорӣ, чораҳои беҳтар кардани вазъи экологии пойтахт, тартиби ҷамъоварӣ, баровардан, коркард ва безарар гардонидани партовҳои сахти рӯзгор, беҳтар гардонидани вазъи экологӣ ва беҳдошти ҳавои атмосфераи шаҳри Душанбе қабул гардиданд.

Душанбе дар водии кӯҳҳои баланд ҷойгир аст. Ин яке аз сабабҳои асосии чиркиншавии муҳит, махсусан ҳавои атмосфера мегардад. Солҳои охир корхонаҳои саноатии шаҳр бо иқтидори тамом кор накунанд ҳам, бо вуҷуди ин ҳавои фазои пойтахт ҳамеша ғуборолуд аст. Ифлоскунандаи асосии ҳавои атмосферии пойтахт нақлиёти автомобилӣ мебошад. Корхонаҳои саноатии шаҳр дар якҷоягӣ бо нақлиёти автомобилӣ ба ҳаво зиёда аз 100 навъи пайвасти кимиёӣ хориҷ мекунанд.

Бино ба маълумоти оморӣ ихроҷи моддаҳои заҳрнок ба ҳавои атмосфера 20% ба сарчашмаҳои доимӣ ва 80% ба воситаҳои нақлиёт рост меояд. Дар шаҳри Душанбе 200 корхонаи саноатӣ, 50 нуқтаи сӯзишворӣ, 12 ҳаммом, 50 нуқтаи таъмири нақлиёт, 42 таваққуфгоҳи нақлиёт, 17 корхонаи хушкашӯӣ, 103 корхонаи шустушӯи нақлиёт ва ғайра мавҷуданд, ки дар натиҷаи фаъолият моддаҳои зараровар, ба монанди оксиди карбон, оксиди азот, карбогидратҳо, ангидриди олтингӯгирд ба ҳавои атмосфера ихроҷ мекунанд. Тибқи ҳисоботи омории 2-ТП-(ҳаво)-и 480 адад табиатистифодабарандагон барои соли 2015 миқдори ихроҷҳо 3687,24 тоннаро ташкил дод, ки аз он партовҳои сахт – 1940,82 т, ангидриди олтингӯгирд – 152,83 т, оксиди карбон – 1146,22 т, оксидҳои нитроген – 245,86 т, газҳои дигар 201,5 т мебошанд. Маҳалҳои асосии олудашавии ҳаво дар қисми марказии шаҳр хиёбонҳои Рӯдакӣ ва Исмоили Сомонӣ, дар қисми ҷанубу ғарбӣ: кӯчаҳои Неъмат Қаробоев, Саъдии Шерозӣ, Сино ва Борбад мебошанд. Дар ин мавзеъҳо ифлоскунандаи асосии ҳаво нақлиёт аст.

Барои пешгирии олудашавии фазои пойтахт сабзкорӣ вусъат дода мешавад. Солҳои охир Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳр ба ин масъала диққати ҷиддӣ медиҳад. Ниҳолҳои сабзи пойтахт (то 1 январи соли 2014) 22,2 дарсади масоҳати умумии шаҳр (13672 га)-ро ташкил медиҳад. Бо дастури Раиси шаҳри Душанбе Маҳмадсаид Убайдуллоев ҷиҳати таъмини сарсабзии минтақаҳои ноҳияҳои шаҳри Душанбе бо ниҳолу буттаҳои ба шароити маҳал мувофиқ бо ширкати олимони набототшиноси Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон барномаи махсус пешниҳод гардида, чорабиниҳои ободонӣ тибқи ин барнома амалӣ мешаванд. Бо мақсади кабудизор кардани Боғи устод Рӯдакӣ 1206 бех дарахтони тӯс ва булут аз давлати Шоҳигарии Белгия оварда, шинонда шуданд. Дар доираи чорабиниҳои кабудизоркунӣ дар ҳудуди шаҳр соли 2012 – 46420 бех, соли 2013 – 56896 бех ва соли 2014 – 43234 бех ва соли 2015 – 52062 бех ниҳоли дарахтони сӯзанбарг, кастона, санавбар, булут, арча, кедри атласӣ, ки ба муҳити табиии пойтахт мувофиқанд, шинонда шуданд. Танҳо дар мавсими сабзкории соли 2016 дар ҳудуди пойтахт ба миқдори 52991 бех ниҳолҳои ороишиву сояафкан шинонида шуда, дар майдони 119754 $м^2$ гулҳои мавсимӣ ва дар майдони 186236 $м^2$ майсазор густурда шуд. Ҳадаф аз сарсабз гардонидани минтақаҳои шаҳр қабл аз ҳама дар фасли гармо паст кардани таъсири шуоъҳои Офтоб, нигоҳ доштани намнокии ҳаво, пешгирии ҳавои гарму сард, чангу ғубор ва садоҳои баланд ва мағал мебошад.

Идоракунии партовҳо яке аз масъалаҳои муҳимми экологии шаҳрдорӣ ба шумор рафта, идоракунии партовҳои истеъмолӣ ва истеҳсолӣ, тоза намудану кашонидани онҳо ба партовгоҳи умумишаҳрӣ мушкилоти зиёде ба миён меорад. Аз ҳаҷми умумии партовҳои истеъмолӣ, ки дар саросари ҷумҳурӣ ҳосил мешаванд, 15% ва аз партовҳои саноатӣ 20% ба шаҳри Душанбе рост меояд. Ба партовгоҳи умумишаҳрӣ, ки дар ёздаҳкилометрии шоҳроҳи Душанбе – Ваҳдат воқеъ аст, ҳар рӯз ба ҳисоби миёна 650–750 т партов боварда мешавад.

Бо мақсади пешгирӣ намудани қонуншиканӣ ва риоя намудани талаботи ҳифзи муҳити зист доир ба партовҳо


Таҷҳизоти тозакунандаи КВД «Обу корези Душанбе».

тибқи қарори раиси шаҳри Душанбе №186 аз 1 апрели соли 2010 «Дар бораи тасдиқи тартиби ҷамъоварӣ, баровардан, коркард ва безарар гардонидани партовҳои сахти маишӣ дар ҳудуди марзию маъмурии шаҳри Душанбе» партофтани партовҳои хоҷагӣ дар нуқтаҳои партовҷамъкунӣ аз соати 17-00 бегоҳӣ то соати 23-00 амалӣ мегардад.

Ҳоло 1570 нуқтаҳои муваққатии партовҷамъкунӣ дар ноҳияҳо, маҳаллаҳо ва хонаҳои баландошёна мавҷуд буда, 64 техникаи партовкашон партовҳоро ба партовгоҳи умумишаҳрӣ мекашонанд.

Манбаъҳои асосии обтаъминкунии корхонаву ташкилот ва аҳолӣ обҳои рӯизаминӣ ва зеризаминӣ мебошанд. Қисмати шимоли шаҳри Душанбе аз ҳисоби дарёи Варзоб бо об таъмин карда, оби зеризаминӣ аз қаъри замин тавассути 235 адад чоҳи амудӣ берун кашида мешаванд.

Истгоҳи шабакаҳои обрасони Худҷорӣ ва обкашӣ оби дарёи Варзобро истифода мекунад. Истгоҳи обсофкунии қубурҳои обкашӣ дорои ҳавзҳои обсофкунӣ – обгардонҳо, иншооти полоиш (6 обполо), зарфҳо барои нигаҳдории оби ошомиданӣ (1050 $м^3$), истгоҳҳои насосии оббарории якум ва дуюм, дастгоҳҳои хлоромезии об ва хоҷагии реагентӣ мебошад.

Дар соли 1999 се чоҳе, ки қаблан парма шуда буданд, дар минтақаҳои Истгоҳи обсофкунӣ барқарор гардиданд. Сифати обҳои ин чоҳҳо, ки баъд аз хлоромезӣ ба воситаи обгузар ба истеъмолкунанда интиқол меёбанд, ба талаботи ҳамаҷонибаи оби ошомиданӣ ҷавобгӯ мебошад. Ҳоло истеҳсоли (интиқоли) умумии об аз қубурҳои обкашӣ 52 ҳазор $м^3$/шабонарӯз, аз ҷумла, 40 ҳазор $м^3$/шабонарӯз аз сарчашмаи болоӣ (сатҳӣ) ва 12 ҳазор $м^3$/шабонарӯз аз сарчашмаи зеризаминӣ мебошад.

Масофаи шабакаи обрасонии Душанбе тақрибан 700 км-ро ташкил дода, 60% қубурҳои фӯлодин, 38% қубурҳои чӯянӣ, 2% пластмасса ва асбестосемент мебошанд. Барои танзими истифодаи об зарфҳои ҳаҷми умумиашон 80000 $м^3$ истифода мешаванд. Миқдори истгоҳи насосӣ 100-то буда, 89-тои он истгоҳҳои интиқоли иловагии об тавассути насосҳо барои биноҳои баландошёна мебошанд.

Бахри таъмини аҳолии шаҳри Душанбе бо оби тозаи ошомиданӣ КВД-и «Обу корези Душанбе» соли 2015 нахустин сехи истеҳсоли гипохлориди натрийро барои безараргардонии оби ошомиданӣ дар истгоҳи обтозакунии «Худҷореъ» ба истифода дод. Иқтидори сехи мазкур 40 кг хлори фаъол дар як соат, 960 кг дар як шабонарӯзро ташкил медиҳад. Истифодаи технологияи мазкур бо ибтикори бевоситаи шаҳрдорӣ дар доираи татбиқи Лоиҳаи обтаъминкунии шаҳри Душанбе, ки аз ҷониби Бонки Умумиҷаҳонӣ маблағгузорӣ мешавад истифода гардида, миёни кишварҳои Осиёи Марказӣ таҷрибаи нахустин мебошад ва мушкилоти хариду интиқоли хлори моеъро аз хориҷи кишвар ба Тоҷикистон ҳал менамояд. Ҳамчунин дар истгоҳи обтозакунии фишорӣ, Кофарниҳон ва Ҷанубу Ғарбӣ ба ҷои хлори моеъ гипохлориди натрий истифода гашта, қубурҳои фарсудашудаи оби нӯшокӣ дар ҳудуди ноҳияҳои шаҳри Душанбе иваз карда шуданд. Сохтмони ҳавзи нави оби тоза дар истгоҳи обтозакунии Кофарниҳон (КАФ–1) анҷом дода шуда, обполоҳои зудамал дар истгоҳи фишорӣ барқарор гардиданд.

Дар шаҳр партовобҳои мутамарказ дар як иншооти корезӣ тоза карда мешаванд. Иқтидори иншооти таснифи корезии шаҳри Душанбе 294,5 $м^3$/шабонарӯзро ташкил медиҳад. Солҳои охир аз сабаби истифодабарии зиёд ва вуҷуд надоштани хадамоти лозимии техникӣ шабакаҳои канализатсионӣ фарсуда шуда бошад ҳам, ҳар сол аз ҳисоби маблағҳои КВД «Обу корези Душанбе» қариб 800 ҳазор сомонӣ маблағгузорӣ карда мешавад.

Аз ҳудуди шаҳр асосан партовҳои обии корхонаву ташкилотҳо ва аҳолӣ, баъд аз тозакунӣ дар иншооти обтозакунии КВД «Обу корези Душанбе» ба дарёи Кофарниҳон баргардонда мешаванд. Ҳаҷми партовҳои обӣ, ки асосан ба дарёи Кофарниҳон дар соли 2015 тибқи ҳисоботи омории шакли 2ТП (хоҷагии об) партофта шудаанд, 62916276 $м^3$-ро ташкил дод.

Барои беҳтар гаштани ҳолати экологии пойтахт қадамҳои устувор гузошта шуда, шаҳрвандон масъулияти шаҳрвандӣ ва шаҳрнишиниро дарк намуда, дар чорабинӣ ва ҳамоишҳои экологӣ фаъолона ширкат меварзанд. Махсусан саҳми шаҳрвандон дар чорабиниҳои экологӣ, аз қабили «Рӯзи парандагон», «Рӯзи ҷаҳонии Замин», «Рӯзи байналмилалии муҳити зист», аксияҳои «Тозагии соҳил», «Тозагии маҳал», аксияи велосипедронҳо зери унвони «350-$CO_2$», Соли гул ва 900 рӯзи ободонӣ хеле назаррас аст. Раёсати ҳифзи муҳити шаҳр ба ғайр аз назорати давлатӣ ва мониторинги муҳити зист бо тадбирҳои маърифатӣ дараҷаи маърифат ва тарбияи экологии аҳолӣ ва ҳисси масъулиятшиносии шаҳрвандонро дар ҷомеа баланд мебардорад.



Ҳузури сокинони пойтахт дар ҷашни Наврӯз.

## АҲОЛӢ

Аз рӯйи шумораи аҳолӣ Душанбе шаҳри бузургтарини Тоҷикистон аст. Мувофиқи маълумот то 1 январи соли 2016 дар пойтахт 802,7 ҳазор нафар аҳолӣ зиндагӣ мекард. Аз рӯйи маълумоти тахминӣ Душанбе дар замони ташкилёбиаш 4,5 ҳазор нафар аҳолӣ дошт. Дар Душанбе то 17 декабри соли 1926-ум 5,6 ҳазорр, дар соли 1939-ум 83 ҳазор одам зиндагӣ мекард (нигар ҷадвали **1, саҳ. 20**).

Аз соли 1926 то соли 2015 аҳолии шаҳри Душанбе қариб 170 баробар афзудааст; дар миқёси Тоҷикистон ин нишондиҳандаҳо мувофиқан ба 1,4 ва 3,05 баробар аст. То солҳои 80-ум аҳолии пойтахт бо суръат афзоиш меёфт. Аз январи 1927 то январи 1979 аҳолии шаҳри Душанбе 87,7 баробар зиёд шудааст (суръати миёнаи афзоиш 8,95 фоизро ташкил дод). Баъди ин давра тӯли солҳои 2006–2013 афзоиши аҳолӣ суст шуда, соле 2,0 фоизро ташкил додааст.

Ба шумораи аҳолӣ омилҳои табиӣ – таваллуд ва фавт, инчунин муҳоҷират таъсир мерасонанд. Яке аз омилҳое, ки ба афзоиши аҳолии шаҳри Душанбе таъсир расонд, васеъшавии ҳудуди пойтахт аз ҳисоби деҳаҳои атроф буд. Ин раванд дар солҳои 60–80 асри 20 бештар ба назар мерасид. Нақши муҳоҷират дар ташаккул ва рушди аҳолии шаҳри Душанбе аз замони пойтахт эълон шудани он то солҳои 70 асри 20 хеле бузург буд. Ташаккули Душанбе чун пойтахти Тоҷикистон ба рушди сохтмон, саноат, нақлиёт, савдо, соҳаҳои иҷтимоӣ такони азим бахшид. Ин барои ба шаҳр кӯч бастани аҳолии дигар ноҳияҳои Тоҷикистон (коргарон, мутахассисони риштаҳои мухталиф) мусоидат намуд. Муҳандисон, техникҳо, бинокорон, меъморон, муаллимон, табибон ва коргарон ба пойтахт барои иқомати доимӣ меомаданд. Дар муддати кӯтоҳ Душанбе ба маркази бузурги маъмурӣ, саноатӣ, илмӣ, маърифатӣ ва фарҳангии кишвар табдил ёфт.

Дар натиҷаи аз дигар минтақаҳои собиқ ИҶШС ба Душанбе кӯч бастани одамон таркиби миллии аҳолии шаҳр ба куллӣ тағйир ёфт (нигар ҷадвали **2, саҳ. 20**).

Аз нимаи дуюми солҳои 70 асри гузашта муҳоҷират қадре суст гашта, фарқи байни омадану аз ҷумҳурӣ рафтан кам шуд. Дар тӯли солҳои наздик бо пошхӯрии ИҶШС аз Душанбе одамони зиёд ба ватани бобоии худ кӯчиданд (асосан мардуми ғайритоҷик). Фақат дар давраи рӯйхатгирии солҳои 1989–2000 аз пойтахт 136,1 ҳазор нафар кӯчида рафтаанд, ки ин 23 фоизи аҳолии ҳамонвақтаи шаҳрро ташкил медод.

Дар баробари муҳоҷират, ба рушди аҳолии шаҳри Душанбе сатҳи баланди таваллуд ва фавти ками аҳолӣ (нигар ҷадвали **3**) таъсир расонд. Дар Душанбе муддати дуру дароз зариб (коэффитсиент)-и умумии таваллуд дар сатҳи баланд буд: соли 1960 ба ҳар 1000 нафар аҳолӣ 28,3 кӯдаки навзод рост меомад. Сипас, зариби таваллуд каме паст гардида, соли 2001 ба ҳар 1000 нафар аҳолӣ 26,2 кӯдаки навзод рост омад. Аз рӯи зариби таваллуд аз дигар шаҳрҳо ва ҳатто аз деҳоти кишвар кам фарқ кардани пойтахт падидаи нотакрор буд.

Ба афзоиши таваллуд дар шаҳр зиёд будани ашхоси оиладор, якбора афзоиш ёфтани шумораи тоҷикон ва анъанаи миллии серфарзандиро нигоҳ доштани онҳо, мавҷуд набудани нақшаи танзими оила ва дигар омилҳо мусоидат намуданд.

Дар шаҳри Душанбе зариби умумии фавт дар мамлакат аз ҳама паст мебошад. Дар тӯли 41 сол (1960–2001) дар шаҳр шумораи фавтидагон аз 7,5 нафар ба ҳар 1000 нафар аҳолӣ (соли 1980) нагузаштааст. Кам будани фавти аҳолӣ дар Душанбе сабабҳои зиёд дорад: комёбиҳои нигоҳдории тандурустӣ, ҷавон будани аҳолии шаҳр (ба ҳисоби миёна 28,1-сола) ва ғайра. Аз соли 1980 дар Душанбе зариби умумии афзоиши табиии аҳолӣ боло рафта, аз 14,6 нафар (ба ҳар 1000 нафар) ба 21,6 нафар (соли 2001) расид. Дар соли 2012 шумораи фавтидагон ба 2698 нафар расида, за-

**Ҷадвали 1. Шумораи аҳолӣ (ҳазор нафар)**

| Солҳо | Ҷумҳурии Тоҷикистон | | | ш. Душанбе | | | Ҳиссаи ш. Душанбе дар шумораи аҳолии ҶТ (%) | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Шумораи умумии аҳолӣ | Мардон | Занон | Шумораи умумии аҳолӣ | Мардон | Занон | Шумораи умумии аҳолӣ | Мардон | Занон |
| то 17 дек. 1926 | 1032,2 | | | 5,6 | | | 0,54 | | |
| то 17 янв. 1939 | 1484,9 | 769,7 | 715,2 | 83 | 43,1 | 39,9 | 5,6 | 5,6 | 5,6 |
| то 15 янв. 1959 | 1978,8 | 965,4 | 1013,4 | 231,1 | 109,3 | 121,8 | 11,7 | 11,3 | 12 |
| то 15 янв. 1970 | 2898,3 | 1426,9 | 1471,4 | 375,2 | 180,9 | 194,3 | 12,9 | 12,7 | 13,2 |
| то 17 янв 1979 | 3806,2 | 1880,5 | 1925,7 | 490,9 | 243,1 | 247,8 | 12,9 | 12,9 | 12,9 |
| то 12 янв. 1989 | 5092,6 | 2530,2 | 2562,4 | 590,6 | 290,4 | 300,2 | 11,6 | 11,5 | 11,7 |
| то 20 янв. 2000 | 6127,5 | 3069,1 | 3058,4 | 561,9 | 286,4 | 275,5 | 9,2 | 9,3 | 9 |
| соли 2010 | 7564,5 | 3817,0 | 3747,5 | 724,8 | 374,0 | 350,8 | 9,6 | 9,8 | 9,4 |
| то 1 янв. 2015 | 8352,0 | 4224,3 | 4127,7 | 788,7 | 410,5 | 378,2 | 9,4 | 9,7 | 9,2 |

**Ҷадвали 2. Таркиби миллии аҳолӣ (%) барои аҳолӣ дар 10 сол як бор**

| | Ҷумҳурии Тоҷикистон | | | | | | шаҳри Душанбе | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 1959 | 1970 | 1979 | 1989 | 2000 | 2010 | 1959 | 1970 | 1979 | 1989 | 2000 | 2010 |
| Тоҷикон | 53,1 | 56,2 | 58,8 | 62,3 | 79,9 | 84,3 | 18,7 | 26,2 | 31,6 | 38,2 | 84,4 | 89,5 |
| Ӯзбекҳо | 23 | 23 | 22,9 | 23,5 | 15,3 | 12,2 | 10,3 | 10,3 | 10 | 10,6 | 9,1 | 6,7 |
| Русҳо | 13,3 | 11,9 | 10,4 | 7,6 | 1,1 | 0,5 | 47,8 | 42 | 38,6 | 32,9 | 5,1 | 2,6 |
| Тоторҳо | 2,9 | 2,44 | 2,1 | 1,4 | 0,3 | 0,1 | 5,5 | 5,1 | 4,8 | 4,1 | 0,7 | 0,3 |
| Қирғизҳо | 1,3 | 1,2 | 1,26 | 1,25 | 1,1 | 0,8 | 0 | 0 | 0 | 0,2 | 0,06 | 0,1 |
| Украинҳо | 1,4 | 1,1 | 0,95 | 0,8 | 0,1 | 0 | 4,4 | 3,5 | 3,6 | 3,6 | 0,3 | |
| Яҳудиҳо | 0,6 | 0,5 | 0,4 | 0 | 0 | 0 | 3,9 | 3,1 | 2,4 | 2 | 0,02 | |
| Дигар миллатҳо | 4,5 | 3,7 | 3,2 | 3,2 | 2,2 | 2,1 | 9,4 | 9,8 | 9 | 8,4 | 1,32 | 3,1 |

**Ҷадвали 3. Таваллуд, фавт ва афзоиши табиии аҳолӣ (ба сари 1000 нафар)**

| Солҳо | Шумораи таваллудшудагон | | Шумораи фавтидагон | | Афзоиши табиӣ | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | Дар ҷумҳурӣ | Душанбе | Дар ҷумҳурӣ | Душанбе | Дар ҷумҳурӣ | Душанбе |
| 1960 | 33,5 | 28,3 | 5,1 | 6,5 | 28,4 | 21,8 |
| 1970 | 34,8 | 21,4 | 6,4 | 6,2 | 28,4 | 15,2 |
| 1980 | 37 | 22,1 | 8 | 7,5 | 29 | 14,6 |
| 1985 | 39,9 | 23,7 | 7 | 7 | 32,9 | 16,7 |
| 1991 | 39,1 | 24,1 | 6,1 | 6,9 | 33 | 17,2 |
| 1996 | 30 | 26,9 | 5,5 | 7,2 | 24,5 | 19,7 |
| 2001 | 27,2 | 26,2 | 5,1 | 4,6 | 22,1 | 21,6 |
| 2015 | 27,8 | 16,5 | 4,0 | 3,2 | 23,8 | 13,3 |

**Ҷадвали 4. Таркиби синнусолии аҳолӣ (%)**

| | Ҷумҳурии Тоҷикистон | | | | шаҳри Душанбе | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 1979 | 1989 | 2000 | 2010 | 1979 | 1989 | 2000 | 2010 |
| Тамоми аҳолӣ | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 |
| Аз ҷумла: | | | | | | | | |
| То синни қобилияти корӣ | 45,8 | 42,9 | 42,7 | 35,9 | 31 | 30,8 | 37,1 | 33,3 |
| Дар синни қобилияти корӣ | 46,4 | 49,5 | 51,9 | 59,4 | 59,2 | 58,3 | 57,5 | 58,4 |
| Аз синни қобилияти корӣ боло | 7,8 | 7,6 | 5,3 | 4,7 | 9,8 | 10,9 | 5,1 | 4,3 |
| Синну соли миёнаи аҳолӣ (сол) | 23,5 | 23,1 | 22,9 | 24,8 | 28,1 | 28,1 | 24,2 | 24,1 |

**Ҷадвали 5. Сатҳи маълумотнокии аҳолӣ (ба ҳазор нафар) дар даҳ сол як бор**

| | Ҷумҳурии Тоҷикистон | | | | | | шаҳри Душанбе | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 1959 | 1970 | 1979 | 1989 | 2000 | 2010 | 1959 | 1970 | 1979 | 1989 | 2000 | 2010 |
| Аз 1000 нафар то синни 15 сола ва аз он боло маълумоти олӣ ва миёна (пурра ва но-пурра) доранд | 364 | 519 | 707 | 837 | 922 | 910 | 520 | 669 | 801 | 887 | 951 | 904 |
| Аз ҷумла: | | | | | | | | | | | | |
| Олии касбӣ | 17 | 36 | 60 | 75 | 76 | 77 | 56 | 89 | 138 | 173 | 185 | 200 |
| Олии касбии нопурра | 11 | 16 | 15 | 14 | 13 | 21 | 31 | 49 | 45 | 44 | 46 | 70 |
| Миёнаи касбӣ | 38 | 50 | 80 | 110 | 66 | 73 | 76 | 96 | 137 | 178 | 80 | 92 |
| Миёнаи умумӣ | 55 | 139 | 270 | 427 | 575 | 528 | 122 | 175 | 241 | 304 | 495 | 391 |
| Умумии асосӣ | 343 | 278 | 282 | 211 | 192 | 211 | 235 | 260 | 240 | 188 | 145 | 151 |

риби умумии фавт 3,6 нафар ба 1000 нафар аҳолиро ташкил дод. Нишондодҳои таносуби ҷинс, синну сол, дараҷаи маълумотнокӣ ва шуғли аҳолӣ низ тағйир ёфтанд. Мутобиқи маълумоти барӯйхатгирии аҳолӣ соли 1939 дар шаҳри Душанбе, чун дигар навоҳии мамлакат, шумораи мардон аз занон зиёд буд. Дар Душанбе ба ҳар 1000 нафар 926, дар ҷумҳурӣ 929 зан рост омад. Вале соли 1959 шумораи занон аз мардон зиёдтар шуд, ки оқибати Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941–1945 буд. Соли 1959 ба ҳар 1000 нафар мард дар ҷумҳурӣ 1050, дар Душанбе 1114 зан рост омадааст. Таносуби ҷинсӣ чунин буд: дар ҷумхурӣ 49% мард ва 51% зан, дар пойтахт 47,3% мард ва 52,7% зан.

Барӯйхатгирии соли 2000 нишон дод, ки дар мамлакат ва пойтахт зиёдшавии шумораи мардон нисбат ба занон барқарор шудааст. Умуман, дар Тоҷикистон шумораи мардон нисбат ба занон 10,7 ҳазор нафар, дар шаҳри Душанбе 10,9 ҳазор нафар зиёд аст.

Дар Душанбе вазни қиёсии аҳолии синну соли корӣ ва нафақагир бештар аст; ҳиссаи кӯдакон аз нишондиҳандаи миёнаи ҷумҳурӣ камтар мебошад (нигар ҷадвали 4).

Мутобиқи барӯйхатгирии соли 1979 ҳиссаи аҳолии синну соли корӣ 59,2 дарсад (дар ҷумҳурӣ 46,4%)-ро ташкил дод (минбаъд он мунтазам кам шуда, соли 1989-ум 58,3% ва соли 2000-ум 56,7 дарсадро ташкил кард). Сабаби ин аз шаҳр кӯч бастани аҳолии ғайритаҳҷоӣ, ки бо камфарзандӣ фарқ мекарданд ва ба пойтахт кӯчида омадани аҳолии таҳҷоӣ буд, ки кӯдаки зиёд доранд (нигар ҷадвалҳои 2 ва 4). Ҳиссаи тоҷикон аз 31,6 (соли 1979) то 84 дарсад (соли 2000) афзуд. Соли 2000 вазни қиёсии аҳолии ҷавонтар аз қобили меҳнат нисбат ба одамони калонсол (50 ва аз он боло) 4 баробар зиёд буд (дар ҷумҳурӣ ба ҳисоби миёна 4,7 баробар). Мушаххасоти сифатии аҳолӣ дар дараҷаи дониш ва тайёрии касбӣ инъикос меёбад. Аз рӯи ин аломатҳо дараҷаи умумӣ ва махсусан тайёрии касбии аҳолии шаҳри Душанбе нисбат ба нишондиҳандаи миёнаи ҷумҳурӣ фарқи зиёд дорад. Дар соли 2012 шумораи миёнаи солонаи кормандони кироякори шаҳр 136,4 ҳазор нафарро ташкил дод, ки аз ин миқдор 17,6 ҳазор нафар дар саноат, 8,7 ҳазор дар сохтмон, 14,7 ҳазор дар соҳаи нақлиёт ва алоқа, 6,9 ҳазор дар соҳаи маориф, 11,6 ҳазор дар соҳаи тиб ва ғайра фаъолият менамуданд. (нигар ҷадвали 5).

Мувофиқи барӯйхатгирии аҳолии соли 2000 ба ҳар 1000 нафар аҳолии 15-сола ва аз он боло дар шаҳри Душанбе 951 нафар одами таҳсилкарда (дар ҷумҳурӣ 922 нафар) рост меояд (одамони дорои таҳсилоти олӣ мувофиқан 185 ва 76 нафар). Бинобар аз Душанбе рафтани мутахассисони зиёд шумораи ашхоси дорои таҳсилоти миёнаи махсус якбора кам шуд (агар соли 1989 ба ҳар 1000 нафар аҳолӣ 178 нафар рост омада бошад, соли 2000 ба 80 нафар расид). Бинобар маълумоти барӯйхатгирии аҳолии соли 1989 дар шаҳри Душанбе 70989 нафар шахсони дорои таҳсилоти олӣ, 18093 нафар дорои таҳсилоти олии нотамом, 72712 нафар дорои таҳсилоти миёнаи махсус мавҷуд буд. Дар натиҷаи аз пойтахт кӯч бастани баъзе аҳолии ғайритаҳҷоӣ шумораи шахсони таҳсилкарда низ тағйир ёфт: таҳсилоти олӣ 65378 нафар, таҳсилоти олии нотамом 16135 нафар, таҳсилоти миёнаи махсус – 28340 нафар.



Гӯшае аз «Бозори Душанбе», ки сабаби Душанбе ном гирифтани ин шаҳр аст (акси соли 1930).

## ОЧЕРКИ ТАЪРИХӢ

Тоҷикон аз ҷумлаи мардуми бостонӣ ва соҳибтамаддуни ҷаҳон буда, сарнавишти пурифтихор, вале моломоли фоҷиаҳои мудҳиш ва талошу пайкорҳои сангини давлатсозиву давлатдориҳои тақрибан 4–5 ҳазорсола доранд. Онҳо дар оғози ин роҳи тӯлонӣ маҳди ориёиҳо ва тамаддуни ориёиро дар сарзамини паҳновари Осиёи Марказӣ дар тимсоли давлати Бохтари Қадим ва Суғди Қадим тарҳрезӣ намуда, дар арсаи таърихии мавҷудияти хеш даҳҳо пойтахт ва шаҳри бузургро бунёд гузоштаанд. Метавон гуфт, ки қадимтарин пойтахтҳои ориёитаборон, аз ҷумла, ниёгони тоҷикон шаҳрҳои қадимии Балх, Бухоро, Самарқанд, Хуҷанд, Марв, Нишопур, Шероз, Бомиён, Ҳирот, Ғазнин ва ғайра бошанд ҳам, бар асари бурду бохтҳои давлатдорӣ ва ҳаводиси пурҳангомаи таърихӣ ин пойтахтҳо ба қаламрави давлатҳои мухталифи худиву бегона дохил гашта, аксари онҳо то замони мо пойдор мондаанд. Пойтахти навини тоҷикон – шаҳри Душанбе асолати воқеии эхёгарӣ ва ваҳдатофарӣ дошта, бар асари талошу пайкорҳои давлатсозиҳои навин тайи садсолаи охир бо шукӯҳу шаҳомати тоза қомат афрохт ва ҷойгузини ростину меросбари асили кулли пойтахтҳои қадимии ниёгони тоҷикон гардид. Аз ин хотир соли 2014 ҳар фарди тоҷику тоҷикистонӣ 90-солагии ба пойтахти давлати озоду мустақили Тоҷикистон табдил ёфтани Душанберо бо шукӯҳу ҷалоли хосса истиқбол гирифтанд.

Душанбе (солҳои 1929–1961 Сталинобод) яке аз ҷавонтарин шаҳрҳои Осиёи Марказӣ бошад ҳам, дар ҳудуди имрӯзии он тақрибан 2300–2400 сол пеш аз ин тамаддуни шаҳрнишинӣ мавҷуд будааст. Далели ин бозёфтҳои нодири бостоншиносӣ, харобаҳои шаҳристон, боқимондаи димна, арку қалъа, дахмаву дафнгоҳҳо ва сиккаҳои қадимие мебошанд, ки аз ҳудуди шаҳри Душанбе ва мавзеъҳои атрофи он ёфт гардида, ки баъзеи онҳо баъди тармиму бозсозӣ дар Осорхонаи миллии Тоҷикистон ва Осорхонаи миллии бостоншиносии Тоҷикистон ба намоиш гузошта шудаанд. Муҳаққиқони бостоншинос таърихи Душанберо дар масири мавҷудияташ ба се давраи асосӣ тақсим мекунанд: давраи қадим, асрҳои миёна ва давраи нав.

**Давраи қадим.** Душанбе аз рӯи мавқеи ҷуғрофӣ дар ҳудуди Тоҷикистони Марказӣ, дар доманакӯҳҳои Ҳисор ҷойгир аст, ки аз марзҳои он дарёҳои Варзоб, Лучоб, Кофарниҳон, Хонақоҳ ва чандин дарёчаи дигар ҷорӣ мешаванд. Душанбеи таърихӣ дар қисмати шарқии водии Ҳисор мавқеъ дошта, ба андешаи бостоншиносону таърихнигорон ҳудуди таърихии буду боши мардумони атрофаш дар воҳаи дарозиаш тақрибан 80 км ва паҳнояш то 20–24 км ҷой гирифта буд. Шаҳри Душанбе таърихи беш аз 2400-сола дорад, ки аз рӯи бозёфтҳои бостоншиносон айнияту мансубияташ ба «тамаддуни Ҳисор» аст. Ҳисор тамаддуни бостонии аҳди неолит буда, давраи интиҳои асри сангро дар қисмати Тоҷикистони Марказӣ ва Ҷанубӣ фаро мегирад, ки ба ҳазорсолаҳои 7–2 то милод мансуб мебошад.

Ёдгориҳои тамаддуни Ҳисорро соли 1948 академик А. П. Окладников кашф кард, ки ба он асосан бозёфтҳои ҳудуди водии Ҳисор, шаҳристони қадимии Душанбе, мавзеи Сайёди наздикии Норак, бошишгоҳи Тутқавул ва Кӯи Булиёни наздикии Данғараро мансуб донист. Ба ақидаи А. П. Окладников бошандагони қадими Ҳисор асосан ба шикор, чорводорӣ ва қисман ба деҳқонию ҳунармандӣ машғул буда, аз бошишгоҳҳои онҳо асосан олоту маснуоти сангин, дар баъзе мавзеъҳои зиндагии онҳо осори маснуоти сафолӣ падид омаданд. Махсусан оташдонҳои нимдоира, ки девораҳои он аз сангҳои хурду бузург сохта шудаанд, аз мавҷудияти иқоматгоҳҳои мансуби аҳди неолит (ҳазорсолаи 6–2 то милод) шаҳодат медиҳанд. Бештари олоту маснуоти падидомадаи давраи неолит аз қайроқсанг ва дигар олатҳои сангини меҳнат (корд, хашав, теғи секунҷа ва ғайра) иборатанд.

Ковишҳои бостоншиносӣ дар ҳудуди Душанбе аз ҷони-

би кишваршиносон В. Р. Чейлитко ва В. Д. Салочинский соли 30-юми асри 20 оғоз ёфтааст. В. Р. Чейлитко соли 1932, баъди пайдо намудани якчанд бошишгоҳи одамони қадим аз соҳилҳои дарёи Душанбе (ҳангоми кандани наҳри Варзоб) ба омӯзиши таърихи аҳди қадими Душанбе замина гузошт. Соли 1941 бостоншинос П. И. Смоличев дар қисми шимолу шарқии шаҳр дафинаеро кашф намуд ва аз он ҷо миқдори зиёди сафолпораҳо пайдо кард. Чунин маснуоти сафолӣ аз ҳудуди Корхонаи бофандагӣ низ ёфт шуданд. П. И. Смоличев тахмин кард, ки дафинаи кашфнамудааш ба миёнаҳои ҳазорсолаи 1 то милод тааллуқ дорад, вале дертар маълум шуд, ки одамон дар ин ҷо ҳатто дар давраи биринҷӣ (ҳазорсолаи 2 то милод) дафн шуда будаанд.

Соли 1948 бо ташаббус ва сарварии академик А. П. Окладников гурӯҳи бостоншиносон омӯзишу таҳқиқи атрофи Душанберо идома доданд. Дар натиҷа дар соҳилҳои рӯдхонаҳои Лучоб, Хонақоҳ ва Кофарниҳон маҳалҳои зиёде пайдо гардиданд, ки қабатҳои маскунии онҳо аз тамаддуни то он вақт маълуми Ҷайтун ва Калтаманор фарқ мекарданд. Академик А. П. Окладников бозёфтҳои фарҳанги кӯҳистонии Тоҷикистонро аз рӯи ёдгории барҷастаи ин давра – Теппаи Ғозиёни Ҳисор «тамаддуни Ҳисор» номида, таърихашро ба ҳудуди ҳазорсолаҳои 4–3 то милод мансуб донист. Ҳамин тавр, омӯзиши илмии бахши бостоншиносии ҳудуди Душанбе ва атрофи он оғоз ёфта, тайи солҳои баъд муҳаққиқон чандин ёдгори арзишманд: Арки Амир – дар ҷойи ҳозираи Боғи ботаникӣ, Дахма – дар ҳудуди маркази алоқаи ҷумҳуриявӣ, «Боқимондаҳо»-и шаҳр («Остонес») – дар байни хиёбони Ҳофизи Шерозӣ ва кӯчаи Деҳқон, Шишихона – дар маҳаллаи 84, Работ – аз нишеби пули хиёбони Сомонӣ то кӯчаи ба номи Аҳрорӣ, Искандартеппа – дар ҷойи якдигарро бурида гузаштани кӯчаҳои Манн ва Фучик ва ғайраро кашф намуданд. Бозёфтҳо иборат аз олоти гуногуни меҳнат, дастгоҳҳои сангини коркарди ғалла, дегчаҳои сафолӣ, манқал, лангарчаҳои чархмонанду аҳромшакл, маснуоти кулолӣ, зарфҳои хӯрокхӯрӣ ва амсоли онҳо буданд.

Ковишҳои бостоншиносии баъдӣ дар солҳои 50 ва 60 ошкор намуд, ки дар аҳди неолит дар ҳудуди Душанбе услуби коркарди санг ва усули пешрафтаи суфтакунии он маъмул гардида, такмили олоти кор барои рушди зироаткорӣ, чорводорӣ ва ҳамчунин бофандагӣ мусоидат намудаанд. Маълум шуд, ки мардуми ин ҷо 3 ҳазор сол муқаддам баробари истифодаи олоти сангин, инчунин ба коркарди сафол ва оҳану мис низ ошно будаанд, ки ба ин бозёфтҳои дар боло зикршуда шаҳодат медиҳанд. Соли 1958 дар фосилаи дукилометрии қисмати шимолу ғарбии деҳаи Арақчини ноҳияи Варзоб дар соҳили чапи дарёчаи Лучоб табари мисин (дарозиаш 8,9 см) ёфт шуд, ки онро аввал гудохтаву дар қолаби махсус рехта, сипас кӯфта тунук кардаанд. Донишмандон онро бо табарҳои фонашакли қадимии минтақаи Бохтару Ҳинд монанд донистаанд. Бешак ин таъсир аз он будааст, ки водии Ҳисор ҷузъи давлати бузурги Бохтари Қадим буд.

Сиккаҳои аз ин минтақа ёфтшуда низ собит месозанд, ки тамаддуни ин мардум бо аҳолии дигари Бохтар як будааст. Аз Душанбе ва атрофи он то соли 2004 беш аз 3684 сикка пайдо шудааст, ки аксари онҳо ба 12 дафина ва инчунин 64 намунаи сиккаҳои ҷудогона мансуб мебошанд. Аз ҷумлаи сиккаҳои дар ҳудуди Душанбе ёфтшуда се сиккаи мисӣ аст, ки ба тақлиди тетрадрахмаҳои юнону бохтарии шоҳ Гелиокл (солҳои 155–140 то милод) ҳакокӣ шудаанд. Дар ноҳияҳои ҳамсояи Душанбе ва водии Ҳисор як драхма ва се тетрадрахмаи юнону бохтарии шоҳ Евкратид (171 то милод) пайдо гардиданд, ки аз густариши тиҷорат дар ин минтақа гувоҳӣ медиҳанд.

Шаҳри аз ҳама калонтарину қадимтарини Душанбеи аҳди Юнону Бохтариён ба андешаи бостоншиносон тақрибан 70 га масоҳат дошта, аз бозори Баракат то Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон тӯл мекашидааст. Ҳаёт дар ин шаҳри қадимӣ аз рӯи бозёфтҳои маснуоти сафолӣ, зарфҳои гуногун, ашёи филиззӣ, тангаҳои мисину нукрагин, олоти меҳнат, ашёи рӯзгор ва ғайра тақрибан аз асри 3 пеш аз милод то асри 4 милодӣ, яъне тақрибан 700 сол идома доштааст. Аз рӯи анъанаҳои шаҳрсозии қадимӣ шаҳристони Душанбе низ дар тайи ин солҳо аз дижи мудофиавӣ, работ ва минтақаи дахмаҳо (гӯристон) иборат будааст. Шаҳристони мазкур дар аҳди давлатдории Юнону Бохтариён ва Кушониҳо арзи вуҷуд дошта бошад ҳам, номи он аз сарчашмаҳои таърихии он давра дастрас нагардидааст. Дижро аз шаҳристон хандақи калоне ҷудо мекард, ки ҳоло ҳам аз он оби наҳр ҷорӣ мешавад. Диж шакли росткунҷа дошта, аз шарқ ба ғарб (ҳудудаш 300 x 150 м) тӯл мекашид.

Соли 1989 ҳангоми кофтукови диж аз ҷониби А. Л. Абдуллоев қабати маскуние падид омад, ки ба аҳди давлатдории Юнону Бохтар, яъне асрҳои 4–2 то милод мансуб будааст. Сараввал ҳангоми рафти корҳои сохтмонӣ соли 1952 тасодуфан ду ёдгори нодири дорои санъати баланд, яке гӯшвораи электр аз хӯлаи тилою нукра, дигаре афзори мудаввари биринҷии зарҳалкашидашудаи асп бо расми сари Дионис (худои маю дилхушии юнониён) ёфт гардид. Пайдо шудани ин намунаҳои ҳунари баланди ороишии ниёгон муҳаққиқонро водор намуд, ки ба ҳафриёти ин шаҳристон гурӯҳи бостоншиносии Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (А. Абдуллоев, Т. Г. Филимонова, М. А. Бубнова ва дигарон)-ро равон намоянд.

Соли 1951 дар ҳавлии яке аз хонаҳо, ки дар ҷанубу ғарбтари Институти давлатии педагогии Душанбе (ҳоло ДДОТ ба номи С. Айнӣ) воқеъ буд, олимони бостоншинос Н. Н. Забелин ва М. М. Дяконов тасодуфан хуми навиштаҷотдоре бо ҳарфҳои юнонӣ ва забони бохтарӣ (кӯшонӣ) пайдо намуданд. Соли 1956 дар ҳудуди шаҳристони Душанбе (байни ДДОТ ва кӯчаи Исмоили Сомонӣ) дар рафти корҳои сохтмонӣ таҳхонаи қадимии аз хишти пухта сохташуда кашф гардид. Бостоншиносони Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин мавзеъ шаҳраки бостониеро пайдо намуданд, ки сокинони он дар дахмасозӣ аз таҳхона ва хум истифода мебурданд. Масоҳати умумии ин қабристон тақрибан 20 га-ро ташкил медод, ки дар адабиёти илмӣ номи Гӯрхона (Некропол)-и Душанберо гирифт. Фаршу деворҳои дахмаҳо аз хишти пухта чида шуда, ҷасадҳоро андаруни хумҳо ё қабрҳои чаҳоркунҷаи сангину хиштӣ дафн карда буданд. Аз рӯи сафолпораҳо ва маснуоти кулолие, ки дуртар аз дахмаҳо пайдо карданд, давраи зиндагии сокинони онро ба аҳди Кушониён (асри 2–1 то милод) нисбат медиҳанд.

Соли 1994 дар баландии соҳили чапи дарёи Душанбе аз шимолу ғарбтари бозори Баракат (дар мавзеи байни собиқ қисми ҳарбӣ ва стантсияи алоқа) аз ҳавлие вақти кофтани хандақ кӯзае ёфт шуд, ки андарунаш 45 сиккаи мисини қадимӣ дошт. Маълум шуд, ки ин сиккаҳо ба шоҳони кушонӣ Вима Кадфиз (47–78) ва Канишка (78–123) тааллуқ доштаанд. Дар рӯи онҳо пайкари шоҳ ҳангоми саҷда


НАҚШАИ БОЗЁФТҲОИ БОСТОНШИНОСӢ
Асри сангӣ:
1, 2, 3, 5, 9, 13, 19, 22, 31
Асри биринҷӣ:
4, 14, 17, 21, 24, 25, 45, 49, 52, 54
Юнону бохтарӣ, асри III-II то м.: 17
асри I то м. – асри IV:
8, 10, 12, 15, 17, 26, 28, 30, 32, 33, 38, 48, 53
Асримиёнагӣ V – VIII:
8, 17, 20, 23, 29, 44
Асримиёнагӣ IX – XIII:
7, 16, 17, 20, 29, 41
Асримиёнагӣ XIV – XIX:
4, 6, 11, 17, 27, 34, 35, 36, 37, 39, 40, 42, 43, 46, 47, 50, 51, 55, 56
Ш
Ч
д. Варзоб
д. Лучоб
д. Душанбе
кӯчаи Семизавод
хиёбони Рӯдакӣ
хиёбони Хофизи Шерозӣ
кӯчаи Лучоб
кӯчаи Хамза Хакимзода
кӯчаи Умари Хайём
кӯчаи Карамов
кӯчаи Яккабог
кӯчаи Самарқанд
кӯчаи Алишер Навоӣ
кӯчаи Панҷруд
хиёбони Исмоили Сомонӣ
хиёбони Нусратулло Махсум
кӯчаи Мирзо Турсунзода
кӯчаи Сурхоб
кӯли Комсомол
кӯчаи Фотеҳ Ниёзӣ
хиёбони Академик Б. Гафуров
хиёбони Абуали ибни Сино
кӯчаи Шамсӣ
кӯчаи Хувайдуллоев
хиёбони Дӯстии Халқҳо
кӯчаи Бухоро
кӯчаи Шевченко
кӯчаи Нисор Муҳаммад
кӯчаи Авул
кӯчаи М. Шерализода
кӯч. Маяковский
кӯчаи Раҳимӣ
кӯчаи Абдуллобеков
кӯчаи Айнӣ
кӯчаи А. Дониш
кӯчаи Қаротегин
кӯчаи Зебуннисо
хиёбони Саъдии Шерозӣ
кӯчаи Карин Ман
кӯчаи Ч. Расулов
кӯчаи Н. Ганҷавӣ
кӯчаи Мушфиқӣ
кӯчаи Академик Назаршоев
кӯчаи М. Махмадалиев
кӯчаи У. Зоконӣ
кӯчаи Мирзо Мастонгулов
кӯчаи Дилкушо
ФУРӮДГОҲ
хиёбони Раҳмон Набиев
кӯчаи Абай
кӯчаи Р. Амакӣ
кӯчаи Мунзим
кӯчаи Неъмат Карабоев
хиёбони Борбад
хиёбони Ҷомӣ
кӯчаи Фирдавсӣ
кӯчаи Абдулаҳад Қаҳҳоров
кӯчаи Ҷанубӣ
кӯчаи Королёв
ҚИСМИ ШАРҚӢ
кӯчаи Айнӣ
кӯчаи Акад. Назаршоев
АЭРОПОРТ
Тартибдиҳанда: М. А. Бубнова
Топограф: Ш. Султонмамадов
0 0,6 1,2 км

**Рӯйхатти ёдгориҳои бостоншиносӣ дар ҳудуди ш. Душанбе**

| Мавқеи ҷойгиршавии ёдгориҳо ва бозёфтҳои ҷудогона. Санагузорӣ. | Ному насаби муҳаққиқ. Соли бозёфти мавод. |
|---|---|
| АСРИ САНГ | |
| Сойи Гулписта, олатҳои сангин аз минтақаи қубури обрасонӣ. Неолит (ҳазорсолаи 6–3 то м.). | Отряди археологии Душанбе. Т. Г. Филимонова, соли 2003. |
| Лучоб. Соҳили рости дарёи Лучоб. Олатҳои сангии аҳди неолит (ҳазорсолаи 6–3 то м.). | А. П. Окладников, соли 1953; А. Маджи, соли 1954; В. А. Ранов, соли 1955. |
| Лучоб. 500 м болотар аз деҳкада. Олатҳои сангии аҳди асри санг. | Отряди археологии Душанбе. Т. Г. Филимонова, соли 2003. |
| Боғи ботаникӣ. Дар ҷанубтари гулгашти Марказӣ, лаби пастхамӣ. Олати сангин. Асри санг. | Отряди археологии Душанбе. Т. Г. Филимонова, соли 2003. |
| Канали Янги Чойра. Канори маҳаллаи Калинин. Олати сангии аҳди неолит (ҳазорсолаи 6–3 то м.). | А. П. Окладников, соли 1953. |
| Лучоб. Канораи шимолии деҳа. Аз соҳили чапи дарёи Лучоб. Олати сангии аҳди неолит (ҳазорсолаи 6–3 то м.). | А. П. Окладников, соли 1953. |
| Лучоб. Соҳили рости дарёи Варзоб. Олати сангии аҳди неолит (ҳазорсолаи 6–3 то м). | А. П. Окладников, соли 1953. |
| Ноҳияи кӯли Комсомол. Соҳили рости дарёи Душанбе. Олати сангии аҳди неолит (ҳазорсолаи 6–3 то м.). | В. В. Радилиловский, соли 1987; 1990. |
| Ипподром. 10–15 м канортар аз даромадгоҳи марказӣ. Олати сангии аҳди неолит (ҳазорсолаи 6– 3 то м.). | Отряди археологии Душанбе. Т. Г. Филимонова, соли 2003. |
| АСРИ МИС (ҲАЗОРСОЛАИ II ТО МИЛОД) | |
| Маҳалаи Калинин, кӯчаи Абумуслим (собиқ кӯчаи Гризодубова). Ҳангоми сохтмон коса, зарфҳои кулолӣ ва 10 муҳраи хурду калони мансуби асри мис ёфт шуд. | Хонаи иқоматии В. Х. Хоҷаев. |
| «Шаҳристони Душанбе». 2 зарфи сафолин аз чуқурии «Чоҳбун». | А. Абдуллоев, соли 2001. |
| Заводи хишт. Зарфи гилини шабеҳи гулдон. | Е. Додов. |
| Боғи Ғалаба. Гарданбанди мисин, шаддаҳо ва муҳраҳои хурд аз дафнгоҳ ёфт шудааст. | П. Самойлик, соли 1971. |
| Минтақаи заводи Пиво. 4 зарфи сафолин аз дафнгоҳ дар чуқурии 3 м ёфт шудаанд. | П. И. Смоличев, соли 1941. |
| Минтақаи Комбинати бофандагӣ. Дафина. | П. И. Смоличев, соли 1941. |
| Кӯчаи Аҳмади Дониш. Дафина. | |
| Минтақаи Комбинати полиграфӣ. Маҳалаи Мирзобек (собиқ кӯчаи Селексионый). Аз дафнгоҳ гарданбанди мисин (2 дона), шаддаи ҳамелӣ (40 дона), муҳраҳои хурд (16 дона) ёфт шудаанд. | П. Самойлик, соли 1975. |
| Минтақаи Институти зоология ва паразитологияи ба номи Е. Н. Павловский. Дафинае, ки аз пешгоҳи айвон ёфт шудааст. | |
| ДАВРАИ ЮНОНУ БОХТАР (АСРҲОИ III–II ТО М.) | |
| «Шаҳристони Душанбе».<br>Гӯшвораи электр дар шакли сфинкси хобидаи симояш занона.<br>Ашёи сафолӣ.<br>Ҳафриёти ҳудудҳои шаҳристон. | Отряди археологии Душанбе: солҳои 1983, 2002, 2003; А. Абдуллоев, солҳои 1989, 2001. |
| ДАВРАИ КӮШОНИЁН (АСРИ I ТО М. – АСРИ III М.) | |
| Теппаи Арки Мир. Дар ҳудуди Боғи ботаникӣ.<br>Сафолоти аҳди маданияти поёнӣ. | Отряди археологии Душанбе, М. Азизов, соли 1983. |
| Боғи ботаникӣ. Тангаи мисини аҳди Кушониён. | |
| Маҳаллаи Авесто (минтақаи Калинин). Дар назди фурӯшгоҳи сӯзишворӣ аз дафинаи харобшуда зарфҳои гилин ёфт шудаанд. | Дар рафти корҳои сохтмонӣ, С. Бобомуллоев, соли 2002. |
| Маҳаллаи Авесто (минтақаи Калинин). Тангаи аҳди Кушониён. | |

| | |
|---|---|
| Бошишгоҳи архитектор Х. Юлдошев (шимоли ғарбии Донишгоҳи омӯзгорӣ). Андаруни боғ дахмаи хумини асри II то м. ёфт шудааст. | Экспедитсияи археологии Суғду Тоҷик: М. М. Дяконов (роҳбар) ва Н. Н. Забелина, соли 1951). |
| «Шаҳристони Душанбе»<br>Хум.<br>Тангаи мисини аҳди Кӯшониён<br>Абзори мисин бо тасвири сари Дионис. Асри I то м. – асри I милодӣ.<br>Сафолот<br>Тангаҳои мисини аҳди Кӯшониён (2 нусха).<br>Ҳафриёти «Дахмаи Душанбе» дар ҳудуди маркази мавҷпахшкунии радио. 7 дафинаи хумин ва қутимонанд.<br>Хазинаи тангаҳои мисин (43 дона) аз ҳудуди Маркази мавҷпахшкунии радио, дар ҳавлии хонаи иқоматӣ ёфт шудааст (асрҳои I–II м.). | Дар рафти каналковӣ ёфт шуда, дар Музейи Миллии Тоҷикистон маҳфуз аст. Акбаров, Идрисов, Чудович, солҳои 1948, 1952.<br>Талаба Г. Макаров, соли 1952.<br>Институти таърих, археология ва этнографияи ба номи А. Дониши АИ ҶТ. 1956.<br>А. Абдуллоев: солҳои 1989, 1994, 2001. |
| Канали Ҳисор, ҷойгоҳи № 138. Дар чуқурии 3 м тангаҳои кӯшонии мансуби асри III м. ёфт шудаанд. | Ҳангоми каналковӣ, соли 1940. |
| Канали Ҳисор. Дар чуқурии 3 м тангаи кӯшонии мансуби асри I м.ёфт шудаааст. | Ҳангоми кофтани замин, соли 1941. |
| Канали Ҳисор. Ҷумаки кӯзаҳои гилин дар шакли сари одам. | Ҳангоми каналковӣ, соли 1947. |
| Пораи хум бо боқимондаҳои ҷасад. Дар ҳавлии мактаби № 6, ш. Душанбе ёфт шудааст. | Соли 1950. |
| Наврӯзгоҳ. Маснуоти сафолӣ дар қисмати буришгоҳи болои пастхамии ш. Душанбе ёфт шудаанд. | Отряди археологии Душанбе. Т. Г. Филимонова, соли 2003. |
| Кӯчаи Қурғон (собиқ гузари 3-и Нагорная), хонаи 44а. Дафинаи асрҳои II–III м. | Ҳангоми корҳои сохтмонӣ. В. С. Гросс, соли 1957. |
| Кӯчаи Қурғон, 150 м болотар аз нишебии № 38, дафина бо ду зарфи гилӣ. Асрҳои II–III м. | Ҳангоми корҳои сохтмонӣ. В. С. Громс, соли 1957. |
| Хиёбони Рӯдакӣ (собиқ хиёбони Ленин), хонаи 19. Тангаи мисини тақлид ба сиккаҳои Гелиокл. Асри I то м. | Соли 1956 |
| Хиёбони Дӯстии Халқҳо. Дар зери пули роҳи оҳан, ҳангоми кандани чуқурӣ дафнгоҳи хумини мансуби асри I то м. ёфт шудааст. | Дар Музейи ҷумҳуриявии таърихи кишваршиносӣ. Л. А. Сусанина, соли 2001. |
| Кӯзачаи дудаста, аз истгоҳи охирини троллейбуси 9 км, дар баландии қароргоҳи БДА ёфт шудааст. | С. Исмоилов, соли 2001. |
| ИБТИДОИ АСРҲОИ МИЁНА (АСРҲОИ V–VIII М) | |
| Боқимондаҳои димна аз теппаи Арки Мир. Андаруни Боғи ботаникӣ, дар гӯшаи пастхамӣ. Дар қабати ҳафриёти болоӣ ёфт шудааст. | Отряди археологии Душанбе, М. Азизов, соли 1983. |
| «Шаҳристони Душанбе»:<br>Тангаҳои нуқрагии аҳди Сосониён (39 дона), асри V м.<br>Дар канори «Останса»«Боқимондаҳо» аз соҳили рости канали нишебрӯ боқимондаҳои суффа ва 2 оташдон ёфт шудааст. | Ҳангоми сохтмони канал, соли 1950. Отряди археологии Душанбе, соли 1983. |
| Чормағзтеппа. Дар маҳаллаи Испечак 1. Боқимондаҳои димна. | Отряди археологии Душанбе, соли 1983. В. В. Соловёв. |
| Сафолҳо. Маҳаллаи Зарафшон. Минтақаи сафоратхонаи ИМА. | А. Абдуллоев, соли 2003. |
| Шаҳристони Шишихона (маҳаллаи 84). Боқимондаҳои девор ва шаҳристон. | Ҳангоми корҳои сохтмонӣ. Т. М. Атахонов, солҳои 1982–1984. |
| Искандартеппа. Харобаҳои димна. Дар буришгоҳи кӯчаҳои Фучик ва Манн. | Отряди археологии Душанбе, соли 1983. Е. Денисов. |
| ДАВРАИ РУШДИ АСРҲОИ МИЁНА (АСРҲОИ IX–XIII) | |
| Ғаллакӯб, сафолот ва чандин лӯлаи обкашӣ. Кӯчаи Пӯлод Толис (собиқ кӯчаи Пролетарск), хонаи 51 (соҳибаш С. Мамадумаров). | Ҳангоми корҳои сохтмонӣ. С. Марофиев, соли 1961. |
| Сафолот. Шаҳристони Лучоб. Дар мавзеи ҷанубии миёни дарёҳои Лучоб ва Душанбе. | Тадқиқоти археологӣ аз сабаби мавҷудияти сохтмони иморат амалӣ нашудааст. |

| | |
|---|---|
| «Шаҳристони Душанбе»:<br>Сафолоти мансуби асрҳои IX–XIII.<br>Сафолоти сирдор. | Ҳангоми каналковӣ ёфт шудаанд, соли 1952<br>Отряди археологии Душанбе, соли 1983. |
| Чормағзтеппа. Дар маҳаллаи Испечак 1. Хазинаи маснуоти заргарӣ. Нимаи аввали асри XIII. | Отряди археологии Душанбе, соли 1983. В. В. Соловев. |
| Шаҳристони Шишихона (маҳалаи 84). Бозёфти оташдонҳои хурд, сафолот ва лӯлаҳои обкашӣ. | Дар рафти корҳои сохтмонӣ. Т. М. Атахонов, соли 1982. |
| Тангаҳои нуқрагини аҳди Қарохониён аз гардиши кӯчаи Айнӣ ва тангкӯчаи Корхонаи пилакашӣ. | Соли 1967. |
| ТАНАЗЗУЛИ АСРҲОИ МИЁНА (АСРҲОИ XIV–XIX) | |
| Боқимондаҳои хишти пухтаи чоркунҷа ва тахтачаҳои сафолини мансуби асрҳои XIV–XVI. Кӯчаи Пӯлод Толис (собиқ Пролетар), хонаи 59 (соҳибаш Раҳматов). | Дар рафти корҳои сохтмонӣ. С. Марофиев, соли 1961. |
| Дафнгоҳи мард. Кӯчаи Пӯлод Толис (собиқ Пролетар). Дар қисмати шарқии ҷойгоҳи № 4 ёфт шудааст. | Дар рафти корҳои сохтмонӣ. С. Марофиев, соли 1961. |
| Ҳудуди Боғи ботаникӣ. Маснуоти кулолии мансуби асри XV. | |
| «Шаҳристони Душанбе»:<br>Ашёи гуногун аз ҳафриёт.<br>Тангаи мисини мансуби асри XV (аз ҷойгоҳи 2, соли 1983).<br>Тангаи мисини аҳди Ҷониён мансуби асри XVIII (аз ҷойгоҳи 2).<br>Тангаҳои мисин (42 дона), мансуби асрҳои XVI–XIX.<br>Ҷасади бо усули мусулмонӣ дафншуда (ҷойгоҳи № 5). | Отряди археологии Душанбе, солҳои 1983, 2002–2003. |
| Тангаҳои мисини аҳди Хоразмшоҳиён, мансуби асри XIV. Ҳудуди автовокзал. | Талабаи мактаби № 20 Темур Кладо. |
| Ганҷинаи тангаҳои мисини аҳди Темуриён (20 дона). Кӯчаи Бухоро (собиқ Свириденко), хонаи 26. | 20 дона тангаро талабагон Гена Кравсов ва Витя Ошкин соли 1955; 4 дона тангаро дигар талабагон соли 1960 ёфтаанд. |
| Тангаи аҳди Хоразмшоҳиён. Кӯчаи Истаравшан, хонаи 2. | |
| Тангаи мисини аҳди Амир Темур мансуби солҳои 1383–1384. Кӯчаи Истаравшан (собиқ Ворошилов). Аз рӯи ҳавлии хонаи 18 ёфт шудааст. | Соли 1962. |
| Як тангаи нуқрагини сиккаи бухороӣ. Кӯчаи И. Нарзиқулов (собиқ Мичурин). Аз наздикии мактаби № 20 аз рӯйи ҳавлӣ хазинаи тангаҳои мисини мансуби соли 1501 бо тасвири оҳу (7 дона). | Тангаи нуқрагинро талабагон Грандмушеян ва Валерий Киборков, соли 1959 ва 7 дона тангаи мисинро талаба Ҳусайн Тарбият, соли 1962 ёфтааст. |
| Тангаи нуқрагини Хӯқанд, мансуби асри XIX. Кӯчаи Бохтар (собиқ Орҷоникидзе). | Талаба Ринат Юсупов, соли 1962. |
| Ганҷинаи тангаҳои мисини аҳди Темуриён (275 дона). Комбинати равған. Аз тарафи рости роҳи оҳани анбори ангишт. Мансуби асри XV. | Ронандаи булдозер А. И Куропаткин, соли 1975. |
| Ганҷинаи тангаҳои мисин аҳди Темуриён (1040 дона). Комбинати бофандагӣ, майдончаи поёнӣ. Мансуби асри XV. | Соли 1959. |
| Тангаи мисини аҳди Темуриён. Кӯчаи Айнӣ, хонаи 50. Мансуби асри XV. | А. Бобоева, соли 1963. |
| Тангаи нуқрагини аҳди Шайбониён. Кӯчаи Восифӣ, хонаи 27. Мансуби асри XVI. | А. Мардонова, соли 1961. |
| Ганҷинаи тангаҳои мисини аҳди Темуриён (11 дона). Роҳи Душанбе – Ваҳдат. Дар қисмати шимолии роҳи канори шаҳр. Мансуби асри XV. | Э. А. Юркевич, соли 1960. |
| Ганҷинаи тангаҳои мисини аҳди Темуриён (2186 дона). Истгоҳи Ҷанубии Раёсати роҳи оҳани Душанбе. Мансуби асри XV. | Соли 1953. |
| Ганҷинаи тангаҳои мисини аҳди Темуриён (1250 дона). Комбинати гӯшт. Истгоҳи вагонҳои Раёсати роҳи оҳани Душанбе. | Соли 1953. |
| Кӯчаи Мирзобек. Мақбараи Мавлоно Яъқуби Чархӣ, асри XV. | |

дар назди оташдони муқаддаси зардуштӣ ва дар пушташон сурати худоҳои зардуштӣ – Нана-Аноҳита (дар як сикка) ва Оташ (дар се сикка) тасвир шудаанд.

Аз ҳудуди димнаи Душанбе соли 1950 инчунин 39 тангаи нуқрагини аҳди Сосониён ёфт шудааст, ки мансуби асрҳои 4–5 милодӣ мебошанд. Тангаҳо ба се шоҳаншоҳи Сосонӣ: 1 танга ба Яздгирди I (399–420), 28 танга ба Варахрон (Баҳром)-и V (420–438) ва 10 танга ба Яздгирди II (438–457) тааллуқ доранд. Дар рӯи сиккаҳо нимпайкараи шоҳи Сосонӣ тоҷ дар сар ва дар пушти сиккаҳо оташкадаи зардуштӣ бо ду мӯбад тасвир шудаанд. Ин сиккаҳои Сосонӣ аз нуқраи холис сохта шуда, дар муомилоти аҳди Ҳайтолиён дар Осиёи Марказӣ хеле паҳн шуда буд. Дар ҷойҳои ёфтшудаи сиккаҳо инчунин миқдори зиёди сафолпораҳо пайдо гардиданд.

Солҳои 1971–75 бостоншинос П. Т. Самойлик дар ҳудуди шаҳри Душанбе ду дафинаи давраи биринҷиро омӯхта буд, ки яке аз онҳо дар ҳудуди Фурудгоҳ, дигаре дар доманаи Боғи Ғалаба ёфт шуда буд. Ҷолибтарини бозёфтҳо ашёи биринҷӣ – дастпонаҳои паҳн ва шаддаҳо будаанд. Дафинаи сеюми давраи биринҷӣ дар канори шарқии шаҳр, дар наздикии Институти зоология ва паразитологияи ба номи Е. Н. Павловский (шаҳрчаи академикҳо) ёфт шуда буд.

Солҳои 1982–84 бостоншиносони тоҷик ёдгори бисёрқабат – шаҳри Шишихонаро (маҳаллаи 84-ум) кашф намуданд. Муайян карда шуд, ки шаҳри Шишихона то лаҳзаи харобшавӣ аз теппаи на он қадар баланд иборат буд ва дар он қалъа – арк қомат меафрохт. Тибқи анъанае, ки ба шаҳрҳои хурду бузурги Осиёи Марказӣ хос буд, дар арк ҳокими шаҳр бо аҳли оила, посбонон ва хидматгоронаш зиндагӣ мекард. Хандақи амиқи пур аз об аркро аз шаҳристон (шаҳр) ҷудо менамуд. Шишихона работ низ дошт, ки дар он асосан ҳунармандон, тоҷирон, косибони хурд ва ғуломон мезистанд.

Солҳои 80 асри 20 берун аз ҳудуди пойтахт низ ҳафриёти бостоншиносӣ анҷом дода шуданд. Бостоншинос М. А. Азизов соли 1983 дар ҳудуди Боғи ботаникии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ёдгории «Арки Мир»-ро ҳафриёт намуд. Дар ин ҷо осори маҳалли зисти асримиёнагӣ ошкор шуд. Олимон онро ба асрҳои 7–8 мансуб донистанд. Дар ҳамин ҷо сафолпораҳои мансуби давраи Кӯшониён низ ёфт шуданд.

Баъди суст шудани мавқеи Кӯшониён дар ибтидои асри 5 Ҳайтолиён ба минтақаҳои Суғду Бохтар сарозер шуда, ҳокимиятҳои маҳаллии ин минтақаро зери тасарруф даровараданд. Дар ин давра ва минбаъд ҳудуди Тирмизу Хатлон, Чағониёну Шумон ва Ахаруну Вашгирд тобеи давлати Ҳайтолиён буда, рушду нумӯ ёфтанд.

Бостоншинос В. С. Соловёв ба ҳафриёти ёдгории аввалҳои асри миёна – Чормағзтеппа, ки дар наздикии маҳаллаи «Испечак», дар қисми шимолу ғарбии шаҳри Душанбе воқеъ аст, соли 1983 шурӯъ кард. Дар ҳафриёти ёдгории Чормағзтеппа пайконҳои оҳанин ва ҳайкалчаҳои сафолӣ ёфт шуданд.

Бостоншинос Е. П. Денисов соли 1983 дар қисми ҷанубии пойтахт ёдгории «Искандартеппа»-ро омӯхт. Таърихи бозёфтҳои қабати қадимтарини ёдгорӣ муайян карда шуд. Маълум гардид, ки сафолпораҳои дар ин ҷо ёфтшуда аз давраи Кӯшониён қадимтар набудаанд. Вале ин ёдгорӣ бо бозёфтҳои ба давраи феодализми мутараққӣ (асрҳои 10–12 милод) хоссаи худ беназир аст.

Ҳамин тариқ, олимон исбот намуданд, ки дар ҳудуди таърихии Душанбе ҳатто дар асри 3 ва шояд дар асри 4 то милод шаҳри қадимие вуҷуд доштааст, ки андозааш дар муқоиса бо дигар шаҳрҳои давраи Кӯшониён бузург будааст.



Тасвири Диониси ҷавон. Биринҷии зарандуд. Шаҳристони Душанбе. Асри I то м.

**Асрҳои миёна.** Номи Душанбе ва музофоти атрофи он дар асрҳои миёна бо номи шаҳр ва вилояти Шумон ёд шудааст, ки ба ин сарчашмаҳои таърихӣ гувоҳӣ медиҳанд. Сайёҳи Чин – Сюан Сзан, ки соли 644 баъди зиёрати ҷойҳои муқаддаси Ҳиндустон аз тариқи роҳи Бадахшон ба ватан баргашта буд, Тахористон ва мулкҳои он, аз ҷумла, Шумонро ёд мекунад. Аз рӯйи нигориши ӯ ба шакли Сумон ёд шуда, аз ғарб ба шарқ дар фосилаи чоррӯза роҳ ва аз ҷануб ба шимол дар масофаи якрӯза роҳ воқеъ гардида будааст. Дар шаҳри марказии Шумон (Сумон) ду маъбади будоӣ вуҷуд доштааст, ки дар он роҳибон хидмат мекарданд. Аз рӯи ин маълумот метавон гуфт, ки Шумон тобеи Тахористон буда, қисмати шарқӣ ва марказии водии Ҳисорро ишғол намуда, то дарёи Кофарниҳон ва ҷанубтари он тӯл мекашидааст. Мутобиқи сарчашмаҳои чинӣ подшоҳони Тахористон баъди қудратёбиашон дар Бохтар дар заминҳои рости соҳили дарёи Ому (яъне ҷануби Тоҷикистон ва вилоятҳои Сурхондарёи Ӯзбекистон), хусусан Хатлон, Вашгирд, Шумон, Ахарун, Чағониён ва Тирмизу Кешро тахти васояти хеш даровараданд. Дертар Тахористон сарзаминҳои васеъро аз Туркистони Шарқӣ то Суғду Бохтар ва Кобулу Ҳинд муттаҳид сохта, давлати мутамарказ ва тамаддуни таърихиеро созмон дод, ки то истилои араб дар ин минтақа нуфузи тамом доштанд.

Аз рӯи маълумоти сайёҳи дигари чинӣ Хой Чао, ки тақрибан соли 726 музофоти Суғдро зиёрат кардааст, мулкҳои Маймурғ, Кабудон, Бухоро, Насаф ба ихшиди Суғди Самарқанд тобеъ будаанд, ки бо Тахористон робитаи густардаи иқтисодию маданӣ доштаанд. Дар тасвири деворнигораи Афросиёб ба Суғди Самарқанд омадани ҳайати сафорат ва аз ҷониби шоҳи Суғдиён Вархуман пазируфта шудани онҳо сабт гардидааст. Дар катибаи суғдии зери тасвир навиштаҷоти зерин боқӣ мондааст: «Вақте шоҳ Вархуман (зодаи) Унаш назди вай (сафир) омад ва (сафир) лаб кушод: «Манам дабирпат (сарвари дабирон)-и шоҳи Чағониён, номам Букарзод. Аз шоҳи Чағониён Туронтош омадам, ба Самарқанд назди шоҳ барои изҳори ҳурмат ва инак пеши шоҳ истодаам бо эҳтиром. Ва ту (шоҳо) нанмо шубҳае аз ман, аз худоёни Самарқанд ва аз катибаҳои Самар-

қанд (шояд ба маънои китобҳои динист) ман хуб воқифам. Ва нахоҳам расонд зиёне ба шоҳи Самарқанд. Бодо, шоҳо, давлатат зиёда...».

Аз ин навиштаҳо аён мегардад, ки мулки Чағониён, ки ҳамсояи Шумон буд, то истилои араб нуфузу қудрати сиёсӣ ва робитаи густардаи иқтисодию маданӣ дошта, ба кишварҳои ҳамсоя мустақилона сафирон мефиристодааст.

Мутобиқи маълумоти маъхазҳои аҳди исломӣ метавон гуфт, ки Шумон дар ибтидои асрҳои миёна (асрҳои 6–10) низ номи шаҳру вилояте аз Тахористон будааст. Яке аз маъхазҳои боэътимоде, ки дар бораи шаҳри Шумон маълумот додааст, рисолаи ҷуғрофиёии муаллифи номаълум «Ҳудуду-л-олам» (982–983) мебошад, ки ин ҷойро чунин тасвир кардааст: «Шумон – шаҳрест устувор ва ба барокӯҳ ниҳода ва гирди ӯ борае кашида ва ӯро кухандизест (қалъа) бар сари кӯҳ ниҳода ва андар миёни кухандиз чашмаи об аст бузург. Аз вай заъфарон хезад бисёр».

Мутобиқи маълумоти ҷуғрофиёдонон ва таърихнигорони асрҳои 9–10 Ибни Хурдодбеҳ, Табарӣ, Истахрӣ, Ибни Ҳавқал ва Мақдисӣ Шумон, Ахарун, Чағониён, Хатлон, Тирмиз, Вашгирд ва навоҳии онҳо қаблан тобеи Тахористон буда, дертар ҳангоми ҳуҷуми арабҳо бо Хуросону Мовароуннаҳр дар якҷоягӣ тобеи хилофат гардиданд. Таърихнигори асри 9 Балозурӣ дар «Футуҳу-л-булдон» ва Балъамӣ дар «Таърихи Табарӣ» аз муқовимати баъзе вилоятҳои Тахористон, аз ҷумла, Ахаруну Шумон бар зидди арабҳо ёдоварӣ мекунанд.

Мувофиқи маълумоти Табарӣ, шоҳи Шумон – Гуштасбон дар ибтидои асри 8 хеле пурқувват буда, ба вилояти ҳамсояи худ Ахарун ҳуҷум овард ва онро ба Шумон ҳамроҳ кард. Малики Чағониён – Тиши Аъвар аз қудрати шоҳи Шумон ҳаросида, Қутайба ибни Муслимро ҳангоми аз дарёи Ому гузаштанаш истиқбол намуд ва ба Чағониён овард, то шоҳи Шумонро бо ёрии ӯ саркӯб намояд.

Дар «Таърихи Табарӣ» ҳодисаи фатҳи Шумон аз тарафи Қутайба ибни Муслим дар соли 709–710 чунин омадааст: «Шоҳи Шумон омили Қутайбаро берун кард ва фидяеро, ки бар сари он сулҳ карда буд, надод. Қутайба Айёши Ғанавиро бо яке аз зоҳидони Хуросон фиристод, то шоҳи Шумонро даъват кунанд, фидя диҳад. Чун ба Шумон расиданд, касон берун омаданд ва ба онҳо тирандозӣ карданд».

Мутобиқи маълумоти ин таърихнома Қутайба баъди кушта шудани Айёши Ғанавӣ аз ҷониби ҳимоятгарони шаҳри Шумон шахсан ба Балх омад ва бародараш Солеҳ ибни Муслимро сӯи шоҳи Шумон фиристод. Солеҳ сафире равон карда, аз шоҳи Шумон дархост, ки агар фидяи сулҳро бидиҳад ва сар аз ризояти Қутайба напечад, ҷонаш дар амон ва маснадаш пойдор хоҳад монд. Вале шоҳи Шумон ин дархостро қабул накард ва ба фиристодаи Солеҳ ибни Муслим чунин гуфт:

«Бе ҷиҳат маро аз Қутайба метарсонӣ, ки қалъаи ман аз ҳамаи подшоҳон баландтар аст. Ман, ки камонам аз ҳамаи подшоҳон муҳкамтар аст ва тирандозиям аз ҳамаашон беҳтар аст, ба болои он тир меандозам ва тирам ба камари қалъа намерасад, пас, чаро аз Қутайба битарсам?»

Қутайба ночор аз Балх сӯйи Шумон лашкар кашид ва дарёфт, ки қалъаи он басо мустаҳкаму деворҳояш баланд аст. Ӯ манҷаниқҳоро ба самти қалъа рост намуда, муҳорибаро оғоз кард. Шоҳи Шумон дар рафти набард ҳамаи тилову гаҳвари худро ҷамъ оварда, ба даруни чашмаи бетаге, ки дар байни қалъа буд, партофт. Сипас ӯ дарвозаи қалъаро кушода, ба лашкари араб ҳамла овард ва дар рафти ҷанг кушта гардид. Ба қавли Табарӣ Қутайба қалъаи Шумонро «ба зӯр бикушуд» ва ҳимоятгарони онро кушта, зану фарзандонашонро асир кард.

Шаҳру вилояти Шумон баъди истилои араб дар асрҳои минбаъда низ қомати худро рост карда, ба яке аз шаҳрҳои ободу зебо табдил ёфт, ки ҷуғрофидони араб ал-Мақдисӣ (асри 10) Шумонро аз рӯи ободию бузургиаш аз шаҳрҳои асосии минтақа номида, дар бораи он чунин навишта буд: «Шумон аз уммаҳот (шаҳрҳои умда) аст ва ниҳоят ободу зебост».

Ба андешаи таърихнигор Ғ. Ғоибов дар китоби «Таърихи Ҳисори Шодмон, Чағониён ва Душанбе» (1999) шаҳру вилояти Шумон «Дар ҷануб то Қубодиёну Вахш, дар ғарб то Ахарун, дар шимол тақрибан то ағбаи Анзоб ва дар шарқ то дарёи Кофарниҳон, ки начандон дуртар аз он Қалъаи Шодмон воқеъ аст, тӯл мекашид. Аз он ҷумла, Душанбеи имрӯза низ дар қаламрави ҳамин мулк ҷой дошт».

Ин ақидаро бори нахуст шарқшиноси машҳури рус В. В. Бартолд (1869–1930) ҳангоми омӯзиши «Ҷуғрофиёи Сомониён» баён намуда, дар бораи водии Ҳисор ва Шумон навиштааст: «Ҳисор, дар харитаҳои русӣ Гиссар, вилоятест дар хонигарии Ҳисор. Шаҳри асосии ҳамном дар замини ҳосилхез ва хуб коркардашуда, дар соҳилҳои дарёи Хонақоҳ, ки ба дарёи Кофарниҳон мерезад, ҷойгир аст. Дар наздикии Ҳисор дарёи Кофарниҳон водии васеъро пас гузошта, аз дараи танг ҷорӣ мешавад. Шаҳр аз рӯи мавқеъ тақрибан бо Шумони ҷуғрофиянависони араб мувофиқат мекунад».

Дертар В. В. Бартолд ба маълумоти ҷуғрофиянависони асримиёнагии форсу араб такя карда, маълумоти онҳоро муқоиса намуда менависад: «Дар водии болооби Кофарниҳон – ҳудуди шаҳрҳои ҳозираи Душанбе ва Ҳисор – аз шарқ ба ғарб Шумон ва Хорун ё Ахарун ҷойгир буданд».

Таърихнигор Ғ. Ғоибов зимни маълумоти «Таърихи Табарӣ» ва «Ҳудуду-л-олам», ки ҳар ду дар ҷойи баланд воқеъ будани қалъаи Шумон ва дар дохили он ҷой доштани чашмаи обро таъкид кардаанд, ба хулосае омадааст, ки «шаҳри Шумон маҳз дар қалъаи Ҳисори имрӯза ва ҷанубу ғарбии он воқеъ гардида буд, ки ҳоло дар он ҷо мамнуъгоҳи таърихӣ бино карда шудааст».



Дастаи зарф. Гил. Шаҳристони Душанбе. Асри I то милод.

Аз ин лиҳоз метавон гуфт, ки Душанбе – яке аз мавзеъҳои асосии Шумон дар асрҳои миёна низ як ҷузъи таркибии водии Ҳисор буда, ҳудудҳои он вобаста ба вазъи сиёсӣ ва давлатдориҳои замон бо сарнавишти таърихии Ҳисор вобастагии қавӣ доштааст. Ҳисор дар тӯли асрҳо баъзан мустақил, баъзан ниммустақил ва гоҳо тобеи Балх ё Аморати Бухоро буда, таърихи он бо вилоятҳову давлатҳои атрофи он робитаи ногусастанӣ дошт.

Шумон дар рӯзгори салтанати Сомониён аз ҷумлаи шаҳру вилояти ободу бузурги тобеи ин хонадон ба шумор

марафт. Дар давраҳои баъдии инқирози ин давлат Шумону Чағониён муддате тахти васояти хонадони Абуалии Чағонӣ қарор гирифт. Баъди сукути давлати Сомониён ба ҷойи он дар Мовароуннаҳр давлатҳои Ғазнавиёну Қарахониён қудрат пайдо карда бошанд ҳам, Шумону Чағониён тахти васояти Абуалии Чағонӣ буд ва муддате истиқлолияти нисбӣ низ пайдо кард. Вале бар асари зиддияти байни Маҳмуди Ғазнавӣ ва Алптегини Қарахонӣ лашкари ғазнавиён соли 1026 аз дарёи Ому гузашта, бо Қарахониён ҷангиданд, ки дар ин ҷанг амири Чағониён бо Султон Маҳмуд ҳамроҳ шуда, мансабашро муддате нигоҳ дошт, вале оқибат қудрати сиёсиашро бохт.

Минбаъд дар асрҳои 11–13 қудрати сиёсии Шумон коста, дар асари тохтутози муғулҳо саросар хароб гардид. Дар замони Темуриён (асри 14–15), Шайбониён (асри 16) ва ҳукмронии сулолаи Манғит (асрҳои 18–ибтидои 20) вилоят ва шаҳри Шумон дигар чун замонҳои пеш пуровоза набуд. Раванди ҳаёти иқтисодию маданӣ коҳиш ёфта, сатҳи зиндагӣ дар шаҳру деҳаҳои ободи собиқа хеле паст рафт ва ҳатто дар аксари марказу минтақаҳо қатъ гардид. Маҳз дар ҳамин давраҳои хунрези таърих номи таърихии Шумон аз байн рафта, ба ҷойи он «Шодмон» ва «Ҳисори Шодмон» маъмул гардид.

Оид ба Ҳисори охирҳои асри 16, ки минтақаи Душанбеи кунунӣ вориди он буд, Амин Аҳмади Розӣ дар рисолаи «Ҳафт иқлим» (охири асри 16) аз дорулмулки Ҳисори Шодмон – рӯди Чангоб, шаҳри канори он, кupруки бар нуҳ тоқ устувор, рӯди Кофарниҳон ва баъзе деҳоти атрофи он вилоят ёдоварӣ кардааст. Гузашта аз ин, Маҳмуд ибни Амир Валӣ дар «Баҳру-л-асрор» (таълифаш тақрибан 1634–1641) ба ҷойи се вилояти таърихии собиқа – Шумон, Чағониён ва Ахарун номи шаҳрҳо ва деҳаҳои навро зикр менамояд, ки онҳо дар водии Ҳисор ҷой доштаанд: «Дигар Тӯфалоқ (Тӯфаланг) ва Сешанбеи Тотор ва Душанбеи Қаромиршикор ва Ҳалғату аст, ки мазори фоизуланвори ҳазрати мавлоно Яъқуби Чархӣ, халифаи Хоҷаи Бузург (яъне Баҳоуддин) ва муршиди Хоҷа Аҳрор онҷост... ».

Ин хабари «Баҳру-л-асрор»-и Амир Валӣ яке аз нахустин маълумотест, ки доир ба Душанбе дар маъхазҳои хаттӣ зикр ёфтааст. Дар маълумоти Амир Валӣ номи он «Душанбеи Қаромиршикор» омадааст, ки ҳоло ҳам маҳаллае дар соҳили дарёи Душанбе бо номи «Қарамиршикор» вуҷуд дорад. Аммо шакли дурусти он ба андешаи олимон «Қарияи Миришикор» буда, бо мурури замон ба Қарамиршикор табдил ёфтааст.

Ҳалғату дар ҷанубу шарқии Душанбеи имрӯза ҷой дошт, ки ҳоло бо номи Ҳазрати Мавлоно маъмул аст. Пас аз он ки орифи тавоно мавлоно Яъқуби Чархӣ соли 1447 дар Ҳалғату гӯронида шуд, номи собиқаи деҳа тадриҷан аз байн рафта, ба шарофати оромгоҳи он бузургвор деҳа номи Ҳазрати Мавлоноро гирифт.

Бори дигар номи Душанбе дар ярлиқи хони Балх, Субҳонқули Баҳодур, ки декабри 1676 ба номи шоҳи руси Маскав Фёдор Алексеевич ба воситаи элчияш Алимурод-чухра оғосӣ фиристода буд, сабт шудааст. Аз мазмуни ярлиқ бармеояд, ки ҳарчанд Қаротегин, Ҳисор, Душанбе, Сешанбе, Деҳнав, Бойсун, Чорҷӯй, Калиф ва Каркӣ бевосита ба ҳайати давлати ӯ дохил набошанд ҳам, ба ӯ амалан тобеанд. Ҳокимони онҳо аз ҷумлаи хидматгорони содиқи ӯ буда, аз фармонаш сар намепечанд. Бори сеюм номи Душанбе дар «Убайдуллоҳнома»-и Мирмуҳаммад Амини Бухорӣ дучор меояд, ки дар он аз тобеияти ҳокими Балх зери васояти Бухоро гузаштани водии Ҳисору Душанбе (тақрибан солҳои 1703–1704) ва муҳорибаҳои назди қалъаи Душанбе таъкид гардидааст. Мутобиқи маълумоти ин сарчашма Душанбе соли 1703 қалъаи мустаҳкаме дошта, гоҳе ҳамчун Душанбе ва гоҳе чун Душанбеи Тотор ёд шудааст, ки ин аз мавҷудияти қалъаи таърихии Душанбе гувоҳӣ медиҳад.

Воқеан қалъаи Душанбе аз рӯи иншооти мудофиавиаш ибтидои асри 18 борҳо ёд шуда, дар баъзе сарчашмаҳо онро «Душанбекӯрғон» низ зикр кардаанд. Гузашта аз ин дар мавзеъҳои Душанбеи имрӯза тайи асрҳои миёна мардуми бекиҳои Ҳисору Бойсуну Деҳнав, тоҷирони Тирмизу Самарқанд ва Хатлону Вахшу Қубодиён, Дарвозу Қаротегину Файзобод омада, ҳар рӯзи душанбе бозор ташкил мекарданд, ки ин боиси чунин ном гирифтани пойтахти кунунии Тоҷикистон гардидааст.

Гардиши маблағи солонаи бозори Душанбе дар ибтидои асри 20 беш аз 6 млн пули тило (воҳиди пули Бухорой)-ро ташкил медод. Андаруни бозор корвонсарой, растаи дуконҳо, нуқтаҳои ҳунармандон ва 12 чойхона сохта шуда буд, ки дар он тоҷирони кишварҳои дуру наздик истироҳат мекарданд. Душанбе дар он солҳо гардиши пули зиёдеро дар ихтиёр дошта, ба яке аз марказҳои асосии савдои Бухорои Шарқӣ табдил ёфта буд.

Душанбе дар охири асри 19 ва ибтидои асри 20 ба 14 гузар тақсим мешуд, ки онро оқсақолон идора менамуданд. Шаҳраки Душанбе калонтарин минтақаи аҳолинишин буда, дорои қалъаи мудофиавӣ буд, ки он бо девори баланду дароз иҳота шуда, дарвоза ва манораи дидбонӣ дошт. Дар атрофи Душанбе шаҳрак ва деҳкадаҳои Шоҳмансур (дар ҷойи имрӯзаи бозори Шоҳмансур), Сариосиё (дар қисмати шарқии Донишгоҳи тиббии ба номи Абӯалӣ ибни Сино), Ғофилобод (дар мавзеи телевизиони «Сафина»), Миришикор, Хуҷанбиёи Боло ва Хуҷанбиёи Поён (дар мавзеи заводи семент), Қарамиршикор ва Чармгарон (дар ҷойи заводи арматур), Заргар (ғарбтари Донишгоҳи аграрӣ) воқеъ буданд. Дар ин давра дар Душанбе 14 масҷид фаъолият менамуд, ки дар назди аксари онҳо мактабҳои ибтидоӣ ва дар назди ду масҷиди калон – Мулло Ёқуб ва Ҷомӣ мадраса, яъне мактаби олӣ амал мекарданд.

Соли 1907 бар асари заминларзаи харобиовар дар Қаратоғу Ҳисор беки Ҳисор – Шоҳимардонқул бо оилааш ба Душанбе кӯчида, шаҳри Душанберо пойтахти бекӣ қарор дод. Дар имтидоди 13 соле, ки Душанбе ба сифати маркази идории водӣ пазируфта шуда буд, тавонист, ки ба яке аз шаҳракҳои мутавассити минтақа табдил ёбад. Аҳолии он афзуда, соли 1920 тақрибан 18–20 ҳазор нафарро ташкил медод. Дар ин давра ҳукумати маъмурирo беки Ҳисор идора мекард, ки амлокдори Душанбе тобеи ӯ буд. Охирин амлокдори Душанбе Элҷон дар ихтиёраш ду арбоб, шаш доруға ва миршабҳо дошта, ҳокимияти судиро қозӣ назорат менамуд.

Сентябри соли 1920 амири Бухоро Олимхон аз таъқиби аскарони сурхи шӯравӣ фирор намуда, то 20 феврали 1921 дар Душанбе қарор гирифт. Амир Олимхон дар Душанбе мавқеи худро то андозае мустаҳкам намуда, дастаҳои муқовиматро бо сарварии Фузайл Махсум, Иброҳимбек, Хуррамбек, Эшони Султон, Давлатмандбий ва дигарон ба атрофаш ҷалб намуд. Вале аз сабаби камии силоҳи оташфишон ва набудани иттиҳод миёни саркардаҳо амир 21 феврали 1921 ба ҳамлаи аскарони сурхи шӯравӣ тоб наоварда, фирор намуд. Ӯ 5 марти с. 1921 дарёи Панҷро убур намуда, ба Афғонистон паноҳ бурд. Охирин беки Ҳисор – Холмуродбек низ аз Душанбе ҳамроҳи Амир Олимхон ба Афғонистон фирор намуд.

**Давраи шӯравӣ.** Ҳукумати Руссия бо талаби КИМ-и Ҷумҳурии Шӯравии Халқии Бухоро (ҶШХБ) аз қисмҳои Фронти ҳарбии Туркистон гурӯҳи экспедитсионии Ҳисорро ташкил намуда, онро ба мубориза зидди дастаҳои муқовимат фиристод. Пас аз фирори амир 21 феврали 1921 бригадаи савораниҳзоми 1-ум таҳти фармондеҳии А. Я. Мелкумов ҷангкунон Душанберо ба даст оварданд. Душанбе дар ин давра ба яке аз марказҳои асосии маъмурияти маҳаллии ҳокимияти нави Шӯравӣ – Кумитаи Инқилобӣ (Ревком) дар Бухорои Шарқӣ табдил ёфта, амалан бурду бохти таъсисёбии рукнҳои ҳаёти навро бар дӯш дошт. Охири тобистони соли 1921 вазъи Душанбе хеле мураккаб гардида, қариб тамоми мулкҳои Бухорои Шарқиро ҳаракати зиддишӯравӣ фаро гирифт. Охири моҳи сентябр Иброҳимбек бо неруи чорҳазории ҷонибдоронаш Душанберо муҳосира кард. Моҳи ноябри худи ҳамон сол собиқ саркардаи ҳарбии турк Анварпошо ба Бухорои Шарқӣ омада, қувваҳои зиддишӯравии ин мулкро дар атрофи худ муттаҳид намуд. Яке аз ҳадафҳои асосии Анварпошо ва ҷонибдоронаш ишғол намудани Душанбе ба шумор мерафт. Аввали декабри 1921 дар деҳаи Кӯктош, дар қароргоҳи Иброҳимбек бо ташаббуси Анварпошо ҷамъомади сарварони дастаҳои зиддишӯравӣ барпо гардид. Дар ҳамин ҷамъомад нақшаи забти Душанбе ва шикаст додани дастаи аскарони сурхи гарнизони он тарҳрезӣ шуд. Бо сарварии Анварпошо зиёда аз 10 ҳазор нафар қувваҳои муқовимат муттаҳид шуда, 10 декабри 1921 Душанберо ба муҳосира гирифтанд. То миёнаҳои феврали 1922 шаҳр дар ҳолати муҳосира қарор дошт. Вақте ки хӯрокворӣ ва лавозимоти ҷангӣ тамом шуд, муҳофизони шаҳр ночор ба самти Бойсун ақибнишинӣ карданд. Аз 2 январи 1922 то 7 феврали 1924 Душанбе ба маркази Комиссияи фавқулодаи диктатории Кумитаи Иҷроияи ҶШХБ оид ба корҳои Бухорои Шарқӣ табдил ёфт, ки комиссияи мазкур ҳуқуқи номаҳдуди граждани ва судӣ дошт. 14 июни 1922 дар натиҷаи амалиёти густардаи ҷангӣ Душанбе аз сари нав ба ихтиёри қисмҳои ҳарбии аскарони сурх гузашта, 21 августи 1922 мувофиқи мандати №135 раиси аввалини Кумитаи инқилобии вилояти Душанбе Мирзосаид Абдуллоев таъйин гардид.

Таърихи таъсисёбии Ҷумҳурии Мухтори Шӯроии Тоҷикистон (ҶМШТ) ва пойтахти он шаҳри Душанбе достони басе пурҳангома ва ибратомӯзест, ки зимнан бо ҳам вобастагии муштарак дошта, пас аз пирӯзии инқилоби Шӯравӣ дар Бухоро (1920) воқеан пойдевори нахустин давлати аҳди шӯравии тоҷиконро бунёд гузоштаанд. Аз ин хотир ҳангомаи таърихии таъсисёбии ҶМШТ ва пойтахти он шаҳри Душанбе ин ҷо муфассалтар баён мегардад.

Кӯшишҳои аввалинро барои муайян ва тақсим намудани ҳудуди миллии Осиёи Миёна 15 январи 1920 Турккомиссияи КМ Ҳизби Коммунистии(б) Руссия ва Шӯрои комиссарони халқии Федератсияи Руссия ба роҳ андохта, «Дар бораи аз рӯи нишонаҳои миллӣ ба се ҷумҳурии алоҳида тақсим намудани Туркистон» тезисеро қабул намуд, ки ташкил намудани ҷумҳуриҳои Шӯравии Ӯзбекистон, Туркманистон ва Қирғизистонро дар назар доштанд.

Комиссари Халқии корҳои хориҷӣ Георгий Чичерин ба ақидаи шарқшиносони рус такя намуда, баръакси лоиҳаҳои ҳозиргардида лоиҳаеро пешниҳод намуд, ки он дар таърих бо номи «Лоиҳаи Чичерин» зикр шудааст. Мувофиқи ин лоиҳа дар ҳудуди Осиёи Миёна Ҷумҳурии Тоҷикистон мебоист ҳамчун ҷумҳурии бузургтарин таъсис ёфта, дар ҳайати он Ҷумҳури Мухтори Ӯзбекистон бунёд мегардид. Вале бо сабабҳои маълум «Лоиҳаи Чичерин» қабул нагардид. Сарварони Ҷумҳурии Халқии Шӯроии Бухоро, аз ҷумла, Файзулло Хоҷаев, Абдуқодир Муҳиддинов, Абдулло Раҳимбоев, Абдурауфи Фитрат, Наҷиб Ҳусайнов ва дигарон дар он лаҳзаҳои ҳассосу ҳалкунанда, умуман тақдири миллат ва манфиати давлати тоҷиконро пуштибонӣ накарданд.

Маҳз дар ҳамин давраи душвор, 21 августи 1924 дар маҷлиси панҷуми Комиссияи тақсимоти ҳудуди миллӣ А.Ҳоҷибоев – раиси Комиссияи тоҷикӣ дар масъалаи марказҳои мадании тоҷикон ва пойтахти он қарор додани Самарқанд чандон истодагарӣ карда натавонист. 24 августи 1924 Комиссияи марказии тақсимоти ҳудуди миллӣ аз Комиссияи миллии тоҷикон хоҳиш намуд, ки пойтахти мухторияти ояндаи худро муайян кунанд. Комиссияи мазкур аз пешниҳоди шаҳрҳои қадимии тоҷикон Бухоро, Самарқанд ва Хуҷанд даст кашида, саравввал шаҳраки Қаратоғро чун маркази мухторияти нави тоҷикон пешниҳод кард. Аммо ин пешниҳод аз ҷониби ҳарбиён пазируфта нашуд ва бо пешниҳоди онҳо Душанбе пойтахти давлати навбунёди тоҷикон қарор гирифт.

14 октябри 1924 мутобиқи қарори иҷлосияи дуюми КИМ-и умумироссиягӣ ва КИМ-и Туркистон ҷумҳуриҳои иттифоқии Туркманистон ва Ӯзбекистон таъсис ёфта, Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии Тоҷикистон (ҶМШТ) ба ҳайати Ӯзбекистон ҳамроҳ гардид. Дар миёни ин ҷумҳуриҳо Тоҷикистон ягона ҷумҳурие буд, ки новобаста ба таъриху фарҳанги бостонӣ ва шаҳру пойтахтҳои қадимиаш Душанбеи аз марказҳои тамаддун дурафтода пойтахти он қарор гирифт.

Баъди таъсисёбии Ҷумҳурии Мухтори Шӯроии Сотсиалистии Тоҷикистон (14 октябри 1924) дар Тошканд 26 ноябри 1924 сохтори муваққатии Кумитаи инқилобии ҶМШТ то даъвати анҷумани муассисон созмон дода шуд. 26 ноябри 1924 Нусратулло Махсум (Лутфуллоев) раиси Кумитаи Инқилобии ҶМШТ таъйин шуд. Маҷлиси нахустини Кумитаи инқилобии ҶМШТ 7 декабри 1924 дар Тошканд баргузор шуд, ки яке аз масъалаҳои он кӯчонидани Кумитаи инқилобӣ ба пойтахти Ҷумҳурии навбунёд – шаҳри Душанбе буд. Нусратулло Махсум 3 феврали 1925 бо ҳайати Ҳукумат ба Душанбе омад. Рӯзи 4 феврали 1925 дар Душанбе ҷамъомади ботантана барпо гардид, ки дар он Эъломия (Декларатсия)-и ташкилёбии Ҷумҳурии Мухтори Шӯроии Тоҷикистон хонда шуд. Идораҳои округи Бухорои Шарқӣ ба он ҳамроҳ гардида, Абдуқодир Муҳиддинов раиси Шӯрои Нозирони Халқӣ (1926) таъйин шуд. Дар Душанбе нахустин комиссариатҳои Шӯрои Нозирони Хал-



Бозори Душанбе. Соли 1924.



Майдони ба номи В.И.Ленин (ҳозира Дӯстӣ) с. 1936 (акс аз тайёра).

қӣ – Комиссариати молия, кишоварзӣ, корҳои дохилӣ, маориф, тандурустӣ ва савдо таъсис ёфтанд, ки онҳо барои пойдории сохти давлатдорӣ ва пешрафти ҳаёти нав дар Тоҷикистон мусоидат мекарданд.

2 сентябри 1924 дар Душанбе нахустин истгоҳи барқӣ барои 200 нуқта сохта ба истифода дода шуд. Ҳамзамон ҷиҳати беҳбуди иҷтимоии шаҳр бунёди бинои почтаву телеграф, нуқтаи тиббӣ, мактаб-интернат, шуъбаи савдо ва ғайра ба роҳ монда шуд. Апрели 1925 нахустин комитети иҷроияи Шӯрои депутатҳои меҳнаткашони шаҳр интихоб гардид, ки раиси он Шафоев буд. Мутобиқи мақоми пойтахтро соҳиб шудани Душанбе зарурати тарҳи нави шаҳрсозӣ пеш омад. Моҳи сентябри 1926 гурӯҳи меъморон бо сардории П. И. Ваулин ба Душанбе омаданд. 2 сентябри 1926 маҷлиси раёсати Кумитаи инқилобии Ҷумҳурии Мухтори Шӯроии Сотсиалистии Тоҷикистон тарҳи нави Душанберо баррасӣ намуд. Нахустин лоиҳаи генералии бунёди шаҳри Душанбе соли 1930 қабул ва тасдиқ гардид.

Тайи солҳои 1924–29 барои таъсисёбии Ҷумҳурии Мустақили Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон заминаҳои мусоид фароҳам омада, шаҳри Душанбе хеле тараққӣ кард. 12-уми июни 1929 Президиуми КИМ-и ИҶШС ахбороти Ҳукумати Ҷумҳурии Мухтори Шӯроии Сотсиалистии Тоҷикистонро дар ҳайати Ӯзбекистон шунида, аз рӯи нишонаҳои иқтисодӣ, миллӣ ва ҷуғрофӣ таъсис додани Ҷумҳурии ҷудогонаи Тоҷикистон ва ворид шудани онро ба ҳайати Иттиҳоди Шӯравӣ чун Ҷумҳурии Иттифоқӣ маъқул шуморид.

17 июни 1929 Бюрои Кумитаи Иҷроияи КМ (б) Ӯзбекистон масъалаи «Барқияи рафиқ Сталинро оид ба ҷудо намудани ҶМШТ аз ҳайати Ӯзбекистон чун Ҷумҳурии Иттифоқӣ» мавриди баррасӣ қарор дода, маъқул шуморид. Бюрои мазкур дар ҳамин ҷаласа қарор қабул кард, ки ба пешниҳоди КМ ВКП (б) ҳамовоз шуда, таъсис додани Ҷумҳурии Сотсиалистии Тоҷикистонро чун Ҷумҳурии алоҳидаи иттифоқӣ дастгирӣ менамояд.

Пас аз таҳлилу баррасиҳои 4-моҳа 15 октябри 1929 дар Душанбе Анҷумани сеюми Фавқулодаи Умумитоҷикии Шӯроҳо кори худро оғоз намуда, 16 октябр дар ҷамъомади серодами Майдони Хонаи Деҳқон (ҳоло Театри давлатии русии драмаи ба номи В. Маяковский) дар ҳузури вакилони анҷуман Эъломия (Декларатсия)-и таъсис додани Ҷумҳурии Шӯроии Сотсиалистии Тоҷикистон қабул гардид. 24 феврали 1931 дар Душанбе Анҷумани чоруми Шӯрои Ҷумҳурии Шӯроии Сотсиалистии Тоҷикистон Конститутсияи Тоҷикистонро қабул намуд, ки он заминаи қонунӣ ва идоракунии ҷумҳуриро бунёд гузошт.

Ҳамин тариқ, дар пойтахти Тоҷикистон – шаҳри навбунёди Душанбе заминаҳои маъмурию идоракунии мамлакат гузошта шуда, аз ҷумла, бинои Нозирони Комиссариати Халқӣ, Комиссариати зироат, Комиссариати алоқа ва ғайра бунёд гардиданд. Соли 1930 аввалин лоиҳаи меъмории шаҳри Душанбе ва соли 1936 Нақшаи генералии сохтмони он таҳия ва тасдиқ гардида, Душанбе ба пойтахти воқеии тоҷикон ва шаҳри муосиру замонавӣ табдил ёфт.

10 сентябри 1929 тавассути роҳи оҳани васеъбар ба Душанбе қатораи нахустин омад. Робитаи роҳи оҳан бо Маскав ва дигар шаҳрҳои иттифоқӣ шурӯъ гардида, маҳз дар ҳамин давра болоравии иқтисодиёти Тоҷикистон оғоз ёфт.

Дар даҳсолаи аввали ташаккули саноат дар шаҳри Душанбе заводи пахтатозакунӣ (1926), осиё (1927), комбинати гӯшт (1930), фабрикаи пилакашӣ (1932), заводи пӯст (1936) ба кор даромаданд. Соли 1936 сохтмони комбинати матоъҳои пахтагин оғоз ёфт ва соли 1942 он ба истифода дода шуд. Соли 1939 корхонаи шоҳибофӣ ба кор даромад.

3 марти 1938 ҳукумати Тоҷикистон нақшаи генералии шаҳри Душанберо, ки меъморони ленинградӣ М. Баранов, Н. Баранов, муҳандисон Г. Ситко ва Г. Шлейховский таҳия намуда буданд, тасдиқ намуд. Нақша барои 170 ҳазор иқоматкунанда муқаррар шуда, сохтмони шаҳр дар соҳили чапи дарёи Душанбе пешбинӣ гардида буд. 23 январи 1939 бо фармони Раёсати Шӯрои Вазирони Тоҷикистон дар Душанбе се ноҳияи маъмурӣ – Душанбе, Марказӣ ва Роҳи Оҳан таъсис дода шуд.

Дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941–45) саноати пойтахт барои ёрӣ ба фронт нигаронӣ шуда буд. Солҳои ҷанг сохтмони роҳҳои нақлиётӣ ривоҷ ёфта, роҳи оҳани камбари Сталинобод–Қӯрғонтеппа (масофааш 125 км) сохта ба истифода дода шуд, ки Душанберо бо водии Вахш мепайваст. Дар ин давра даҳҳо корхонаи саноатӣ, аз ҷумла, заводи «Тракrandетал» (1945), заводи моторсозӣ (1946), заводҳои собунпазӣ ва семент, фабрикаи кешбофӣ ба кор даромад. Сохтмони Неругоҳи Варзоби Поён анҷом ёфта, бисёр корхонаҳои шаҳр ба истеҳсоли молу маснуоти барои майдони ҷанг зарурӣ ихтисос дода шуданд. Масалан, дар корхонаи матоъбофӣ либосҳои гуногуни низомӣ ва парашют, заводи ба номи Орҷоникидзе истеҳсоли симҳо, белчаҳои аскарӣ ва дигар лавозимоти ҳарбӣ, корхонаи пойафзордӯзӣ истеҳсоли пойафзорҳоро барои аскарон ба роҳ монданд. Фондҳои асосии истеҳсолии саноати Душанбе афзуда, ҳаҷми маҳсулоти истеҳсолшаванда дар охири соли 1945 нисбат ба соли 1940-ум 2,5 баробар зиёд шуд.



Майдони ба номи В.И.Ленин (ҳозира Дӯстӣ) с. 1972.

Солҳои баъди ҷанг саноати шаҳр бо суръати баланд тараққӣ карда, Душанбе ба маркази бузурги саноатии Тоҷикистон табдил ёфт. Баробари ба кор даромадани НБО-ҳои Шаршара ва Сарбанд (дар дарёи Вахш), истеҳсоли неруи барқ афзуда, як қатор корхонаҳои саноатӣ, мошинсозӣ ва коркарди филиззот сохта ба истифода дода шуданд: заводҳои «Тоҷиктекстилмаш», «Тоҷикгидроагрегат», «Тоҷикторгмаш», «Тоҷиккабел», «Ремстройдормаш» ва ғайра дар ҳамин радифанд.

Саноати шаҳр дар солҳои 80 асри 20 бештар тараққӣ карда, дар Душанбе беш аз 90 корхонаи саноатӣ фаъолият мекард. Маҳсулоти заводи «Тоҷиктекстилмаш» ва заводи Арматури ба номи Орджоникидзе ба 40 мамлакати хориҷа фиристода мешуд. Дар ин давра ба ҳиссаи пойтахт то 26,0 дарсади ҳаҷми умумии истеҳсолоти саноати ҷумҳурӣ рост меомад. Дар Душанбе сохтмони биноҳои иқоматӣ хеле авҷ гирифта, фонди манзил соли 1980 ба 4 млн 650 ҳазор м$^2$ расид.


Бинои маъмурии заводи ба номи С. Орҷоникидзе.

Дар солҳои Ҳокимияти Шӯравӣ Душанбе ба маркази бузурги фарҳангӣ ва илмӣ табдил ёфт. Дар пойтахт 23 институт, 8 мактаби олӣ, 13 мактаби миёнаи махсус, 19 омӯзишгоҳи касбҳои техникӣ ва 95 мактаби маълумоти умумӣ фаъолият мекард. Соли 1951 Академияи илмҳои ҶШС Тоҷикистон таъсис ёфт. Дар пойтахт ҳамчунин Театри давлатии академии опера ва балети ба номи С. Айнӣ, Театри давлатии академии драмаи ба номи А. Лоҳутӣ, Театри драмаи русии ба номи В. Маяковский, Театри давлатии ҷавонони Тоҷикистон ба номи М. Воҳидов, Филармонияи давлатии Тоҷикистон, Сирки давлатӣ, беш аз 70 кинотеатр ва киностудияи «Тоҷикфилм» амал мекард; дар шаҳр Китобхонаи давлатии миллии ба номи Абулқосим Фирдавсӣ, Китобхонаи марказии илмии Академияи илмҳои ҶШС Тоҷикистон, 181 китобхонаи ҷамъиятӣ, Осорхонаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи Камолиддин Беҳзод, Кумитаи радио ва телевизион, Агентии миллии иттилоотӣ-телеграфии «Ховар», Қаср ва Боғи кӯдакону наврасон, Стансияи табиатшиносони ҷавон ва техникҳои ҷавон, миқдори зиёди муассисаҳои томактабӣ ва мактабҳои миёнаи таҳсилоти ҳамагонӣ фаъолият дошт.

Дар шаҳри Душанбе якчанд матбаа, комбинати полиграфӣ, нашриёҳои ҷумҳуриявии «Ирфон», «Маориф», «Адиб», «Дониш», Сарредакцияи илмии Энсиклопедияи Советии Тоҷик амал мекард. Дар пойтахт бо теъдоди зиёд рӯзномаҳо ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва ӯзбекӣ чоп мешуданд.

Дар шаҳр 187 муассисаҳои табобатӣ, аз ҷумла, 24 беморхона, 3 таваллудхона, 59 дармонгоҳ (аз ҷумла, 11 диспансери махсус), 8 стансияи санитарию эпидемиологӣ ба шаҳрвандон хидмати тиббӣ мерасонд.

Ҳамин тариқ, Душанбе дар даврони Шӯравӣ чун дигар пойтахтҳои қаблии миллати тоҷик дар ҳоли рушду тараққӣ қарор дошт. Рисолати Душанбе ҳамчун пойтахти миллии тоҷикон аз рисолати таърихии пойтахтҳои қаблии мо дар давлатсозии навин ва пешрафти миллатамон бузургтару муҳимтар шуд.

**Душанбе дар давраи Тоҷикистони соҳибистиқлол.** Аз охири солҳои 80 вааввали солҳои 90 асри 20 вобаста ба воқеаҳои таърихии ин давра – пошхӯрии ИҶШС, ба даст овардани истиқлоли миллӣ ва шиддат гирифтани ҷанги шаҳрвандӣ дар ҳаёти Душанбе ва тамоми мамлакат ҷиддан дигаргуниҳо ба амал омаданд. Аз сабаби норасоии буҷет, хеле кам шудани маблағгузории давлатӣ, ҳамчунин канда шудани робитаҳои анъанавӣ, қатъ гардидани воридоти ашёи хом қисми зиёди корхонаҳои саноатӣ аз фаъолият монданд ё ба реҷаи кӯтоҳи кор гузаштанд.

9 сентябри 1991 дар Душанбе ҳодисаи таърихии фаромӯшнашаванда ба амал омад. Иҷлосияи ғайринавбатии Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (даъвати XII) баргузор гардид, ки он Декларатсияи истиқлоли давлатии Тоҷикистонро қабул кард. Дар Декларатсия қайд шудааст, ки Тоҷикистони соҳибистиқлол ҳамчун узви ҷомеаи ҷаҳонӣ бо роҳи бозсозии демократӣ, сохтмони миллию давлатӣ собитқадамона ва мунтазам пеш рафта, роҳи таҳкими сулҳ, риояти ва беҳбуди мамлакатро пеш мегирад.

Шаҳри Душанбе, ки аз соли 1924 рисолати пойтахти ҶМШС Тоҷикистон ва аз соли 1929 пойтахти Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистонро адо мекард, дар ин марҳалаи тақдирсоз аз соли 1991 масъулияти бузурги пойтахти давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистонро дар даврони навин бар дӯш гирифт. Вале дар ин роҳ мушкилоту монеаҳои фавқулода пайдо шуда, дар оғози марҳалаи нави истиқлол ва худшиносии миллӣ ҷомеаи мо ба низоъҳои фалокатбор ва ихтилофоти иҷтимоиву сиёсӣ дучор гардид. Дар асари муборизаҳо барои ҳокимият вазъи ҷамъиятию сиёсӣ дар пойтахт муташанниҷ гашта, ҷомеа ба ду неруи сиёсии ба ҳам зид ҷудо шуд: тарафдорони ҳокимияти конститутсионӣ ва мухолифини ҳукумат. Дар гурӯҳи мухолифини ҳукумат чандин ҳизбу ҳаракат, ба монанди Ҳизби демократии Тоҷикистон, иттиҳоди ҷамъиятии «Растохез», «Лаъли Бадахшон» ва ғайра муттаҳид гардиданд. Рӯзномаҳои зиёди ғайридавлатӣ – «Чароғи рӯз», «Адолат», «Сухан», «Сипеҳр», «Минбари ислом», «Сомон» ва ғайра пайдо шуданд, ки интишороти онҳо ба муқобили тартиботи мавҷуда равона шуда буд ва мардумро ошкоро ба сарнагун кардани ҳукумат даъват менамуданд. Вазъият дар пойтахт тадриҷан муташанниҷ гардида, шаҳр ба арсаи гирдиҳамоиву намоишҳои дарозмуддат табдил ёфт. 23 сентябри 1991 дар шаҳри Душанбе вазъияти фавқулода ҷорӣ ва соати комендантӣ эълон карда шуд.

7 майи 1992 байни Президент Р. Набиев, Ҳукумат ва Ҳизбҳои сиёсӣ созишнома ба имзо расид. 11 майи соли 1992 Ҳукумати муросои миллӣ таъсис ёфт, ки ба он намояндагони неруҳои мухолифин дохил карда шуданд. Сарфи назар аз ин, Ҳукумати навтаъсиси муросои миллӣ пеши роҳи ихтилофи сиёсӣ, низоъҳои доманадор ва оғози ҷанги



Ҷашни наврӯзӣ дар ш. Душанбе.

шаҳрвандиро дар пойтахт ва мамлакат гирифта натавонист. Дар натиҷаи ғаразҳои гурӯҳӣ ва кӯшишҳои қудратталабӣ ихтилофоти сиёсӣ ва ноором̄ дар кишвар вусъат ёфта, 7 сентябри соли 1992 Р. Набиев зери фишори як гурӯҳ ҷавонони силоҳдор аз мансаби президентӣ истеъфо дод. Ихтилофу норозигӣ ба қишрҳои ҷомеа роҳ ёфта, дастовардҳои нахустини истиқлол рӯ ба сустӣ ниҳод ва оқибат дар мамлакат бо таҳрики неруҳои дохилию хориҷӣ ҷанги шаҳрвандӣ оғоз гардид.

Дар ниҳояти кор, неруҳои солими ҷомеа хатари аз байн рафтани давлат ва пароканда шудани миллати тоҷикро амиқан дарк намуда, барои устувор кардани асосҳои низоми давлатдории навин кӯшишҳои созандае анҷом доданд.

Дар ҳаёти ҷамъиятиву сиёсии Душанбе ва тамоми Тоҷикистон иҷлосияи таърихии XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 16 ноябр – 2 декабри соли 1992 дар Хуҷанд баргузор гардид, нақши тақдирсоз гузошт. Иҷлосия вазъи ҷамъиятиву сиёсии ҷумҳуриро муҳокима карда, дар роҳи расидан ба сулҳу субот ва ризояти миллӣ қадамҳои нахустинро гузошт. Иҷлосияи Хуҷанд роҳбари нави Тоҷикистонро интихоб намуд. Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сарвари давлат Э. Ш. Раҳмонов интихоб шуд.

Э. Ш. Раҳмонов ба роҳбарони мухолифин муроҷиат карда гуфт: «Мову шумо як Ватан, як Модар дорем. Биёед кинаву кудуратро як сӯ гузорем ва ба меҳнати осоиштаи бунёдкорона машғул шавем. Мо танҳо дар муттаҳидӣ метавонем Тоҷикистони азизро аз хатари нестӣ ва парокандашавӣ эмин дорем ва онро ба давлати мутараққӣ, бой ва ҳақиқатан соҳибистиқлол табдил диҳем».

Дар таърихи Тоҷикистони демократӣ ва пойтахти он шаҳри Душанбе воқеаи дигари муҳимми сиёсӣ – интихоби Президент ва қабули Конститутсия (Сарқонун)-и Ҷумҳурии Тоҷикистон (ноябри 1994) буд. Президенти мамлакат Э. Ш. Раҳмонов аз тариқи интихоботи умумихалқӣ интихоб гардид.

9 марти 1996 бо ташаббус ва ширкати фаъолонаи Президенти мамлакат роҳбарони 30 ташкилоти сиёсиву ҷамъиятӣ дар Душанбе ба Аҳдномаи ризояти ҷомеа дар Ҷумҳурии Тоҷикистон имзо гузоштанд, ки ин воқеан қадами ба ҷидд ба сӯйи истиқрори сулҳ ва созишу ваҳдати миллӣ дар мамлакат буд.

Роҳ ба сӯйи сулҳ душвору тӯлонӣ буд, вале Президент ва Ҳукумати ҷумҳурӣ суботкорона роҳи ба таври осуда ба низом даровардани масъалаҳои мухолифати байни тоҷиконро пеш гирифтанд.

Дар истиқрори сулҳ ва ризояти миллӣ дар Тоҷикистон Президенти ҷумҳурӣ Э. Ш. Раҳмонов саҳми калон гузошт. 27 июни 1997 дар шаҳри Маскав ба имзо расидани ҳуҷҷати муҳимми таърихӣ – «Созишномаи умумӣ дар бораи сулҳ ва ризояти миллӣ», ки асоси ҳуқуқӣ ва танзими муносибатҳои сулҳҷӯёнаи тарафҳои ба ҳам мухолифро муайян кард, тақдирсоз буд. Баъди ба имзо расонидани «Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризояти миллӣ» дар Тоҷикистон ташаккулу такомули сохтори давлатдорӣ дар доираи қонунҳои демократӣ пеш гирифта шуд, ки дар ин самт роҳнамои асосӣ Конститутсия (Сарқонун)-и мамлакат буд.

Шаҳри Душанбе чун меҳвари тавлиди ғояҳои сулҳ ва таҳкими ваҳдати миллӣ барои татбиқи арзишҳои демократӣ, гуфтушуниди афкори неруҳои сиёсӣ ва ҳамкории онҳо хидмати бесобиқа кардааст. Комиссияи оштии миллӣ фаъолияти худро 15 сентябри 1997 дар меҳмонхонаи «Вахш»-и Душанбе оғоз намуда, барои амалисозии шартҳои дар Созишномаи зикршуда шароити мусоид фароҳам овард. Дар натиҷа парламенти нави касбӣ – Маҷлиси Олӣ таъсис дода шуд, ки он аз ду мақомот – Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон иборат буд. Бо ҳамин Комиссияи оштии миллӣ рисолати таърихии худро анҷом дода, аз 1 апрели 2000 фаъолияташро қатъ намуд.

Неруҳои нави сиёсӣ бо сарварии Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон тавонистанд ваҳдати умумимиллиро ба вуҷуд оварда, мардумро барои барқарор кардани ниҳодҳои давлатдорӣ ва ҳадафҳои созандагӣ сафарбар намоянд.

Аз ҳамин давра дар Тоҷикистон, аз ҷумла, дар Душанбе, марҳалаи инкишофи васеи демократия, таҳкими давлатдории миллӣ, меҳнати бунёдкорона бахри барқарорсозӣ ва тараққиёти хоҷагии халқ оғоз ёфт.

Дар сохтор ва мундариҷаи иқтисодиёти шаҳр, ки ба муносибатҳои бозаргонӣ рӯ меовард, ҷиддан тағйирот ба амал омаданд: якум, он ба иқтисодиёти серсоҳа табдил ёфт; дуюм, инфрасохтори он намуди тамоман нав гирифт (корхонаҳои муштарак, ҷамъиятҳои саҳомӣ, корхонаҳои хурд, фирмаҳо, кооператив-ҳо ва ғайра); сеюм, баъзе коллективҳои меҳнатӣ ба бозсозии корхонаҳо сар карданд; чорум, таъсири рӯзафзуни бонкҳои хусусӣ ба фаъолияти ширкатҳои истеҳсолӣ ва муассисаҳои буҷетии шаҳр бештар шуд; панҷум, иқтисодиёти бозорӣ боиси вусъат ёфтани тафриқаи молӣ ва пайдоиши табақаҳои нави иҷтимоӣ дар шаҳр гардид.

Дар хусуси таъсири ногузири бозор ба иқтисодиёти шаҳр вусъат ёфтани фаъолияти бонкӣ шаҳодат медиҳад. Дар Душанбе ғайр аз Бонки миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷамъиятҳои саҳомии кушодаи «Агроинвестбонк», «Ориёнбонк», «Сомонбонк», «Тоҷиксодиротбонк», «Амонатбонк», «Кафолатбонк», «Тоҷикпромбонк» ва ғайра ба фаъолият оғоз карданд.

Дар ҳаёти маънавӣ ва ҷамъиятиву сиёсии шаҳр истиқрори сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ, ба таҷлили 1100-солагии Давлати Сомониён, Рӯзи истиқлоли Ҷумҳурии Тоҷикистон (махсусан 10-солагии истиқлоли Ҷумҳурии Тоҷикистон), даъвати Форуми байналмилалии тоҷикон, ифтитоҳи Форуми байналмилалии оби тоза, Бозиҳои V олимпии давлатҳои Осиёи Марказӣ ва ғайра ҷараёни тоза бахшиданд.

Чорабинии асосии омодагӣ ба 1100-солагии Давлати Сомониён бунёди Маҷмааи меъмории «Ваҳдати миллӣ ва

эҳёи Тоҷикистон» бо ҳайкали Исмоили Сомонӣ дар майдони «Дӯстӣ» буд.

Душанбе имрӯз шаҳри калони замонавии дорои инфрасохтор ва роҳҳои алоқа, маҳаллаҳои иқоматӣ, марказҳои саноатӣ ва фарҳангӣ, муассисаҳои давлатӣ ва хусусӣ мебошад. Дар натиҷаи амалисозии барномаҳои гуногунҷабҳаи давлатӣ Тоҷикистон ва пойтахти он Душанбе дар имтидоди бист соли охир аз шумори давлатҳои иқтисодашон суструшдкунанда берун омада, дар радифи давлатҳои рӯ ба инкишоф қарор гирифт ва барои таъмини шароити арзандаи зиндагӣ заминаҳои устувор гузошт. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар ин замина сатҳи камбизоатӣ дар мамлакат аз 81% соли 1999 дар соли 2014 то 38% коҳиш ёфт. Қобили зикр аст, ки афзоиши буҷети шаҳри Душанбе дар ин давра афзуда, соли 2013 назар ба соли 1997 қариб 34 баробар зиёд шуд.

Воқеан шаҳри Душанбе ҳамчун пойтахти мамлакат дар муттаҳидсозӣ ва ташаккули неруҳои пешбарандаи ватан нақши бесобиқа дошта, барои рушди илму фарҳанг, истифодаи оммавии техникаву технологияи муосир, таҳкими пояҳои иҷтимоӣ ва ҳифзи шаҳрвандон, ташаккули самтҳои мухталифи истеҳсолию хидматрасонӣ ва ғайра саҳми назаррас мегузорад. Ҳамасола дар фазои тантанавию ташаббусҳои созанда Рӯзи Пойтахт ҷамъбаст гардида, дар он ғолибони озмунҳои шаҳрии «Мактаби сол», «Кӯдакистони сол», «Беморхонаи сол», «Муассисаи мусофиркашонии беҳтарини сол», «Маҳаллаи беҳтарини пойтахт», «Соҳибкори беҳтарини Душанбе» ва ғайра аз рӯи 18 номинатсия қадршиносӣ карда мешавад.

Дар шаҳри Душанбе сафоратхонаҳои дипломатии бисёр давлатҳои хориҷӣ, аз ҷумла, Федератсияи Русския, Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, Ҷумҳурии Халқии Хитой, Олмон, Фаронса, Ҳиндустон, Британияи Кабир, Туркия, Ҷопон, Эрон, Покистон, Афғонистон, Ҷумҳуриҳои Ӯзбекистон, Қазоқистон, Қирғизистон, Туркманистон ва ғайра дар маҷмуъ 22 сафоратхона ва консулгариҳо фаъолият доранд.

Дар Душанбе намояндагиҳои созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ аз қабили намояндагиҳои Созмони Милали Муттаҳид, Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо, Созмони ҳамкории Шанхай, Созмони умумиҷаҳонии тандурустӣ, Созмони байналмилалии муҳоҷират мавҷуданд. Инчунин дар Душанбе даҳҳо муассисаи расмӣ ва хусусӣ, ширкату фирмаҳо амал мекунанд, ки ба аҳолии дар солҳои ҷанги шаҳрвандӣ, дар натиҷаи офатҳои табиӣ ва дигар ҳолатҳои фавқулода зарардидаи Ҷумҳурӣ ёрии башардӯстона, молиявӣ, моддиву техникӣ мерасонанд.

Махсусан дастгирии чунин ташкилоти бонуфузи байналмилалӣ ба монанди Фонди байналмилалии асъор, Барномаи рушди СММ, Шӯрои амнияту ҳамкории Аврупо, Ташкилоти Конференсияи исломӣ, Кумитаи байналмилалии Салиби Сурх ва ғайра назаррас аст.

Соли 2003 дар Душанбе Форуми байналмилалии Оби тоза баргузор гардид, ки дар он намояндагони 50 давлату ташкилоти байналмилалӣ ширкат намуданд. Шаҳри Душанбе соли 2012 сазовори ҷоизаи шаҳри сулҳи ЮНЕСКО гардида, дар қатори беҳтарин шаҳрҳои бехатар ва рафоқат барои ҳамагон зикр гардид.

Душанбе имрӯз яке аз марказҳои бузургтарини фарҳангию маданӣ ва саноатии Осиёи Марказӣ ба шумор рафта, 4 ноҳияро фаро мегирад: Исмоили Сомонӣ (то соли 1929 Душанбе, то соли 1999 Октябр), Шоҳмансур (то соли 2003 Роҳи Оҳан), Фирдавсӣ (то соли 2002 Марказӣ) ва Абӯалӣ ибни Сино (то соли 2002 Фрунзе). Дар айни ҳол Душанбе ҳамчун пойтахти мамлакат бузургтарин маркази маъмурӣ ва сиёсии кишвар буда, қароргоҳи Президент, Ҳукумати кишвар, Мақомоти Парламент, кулли вазорату кумитаҳои давлатӣ, идораву муассисаҳо ва ташкилоту ширкатҳои давлативу ғайридавлатӣ дар ҳудуди он ҷойгир шудаанд (барои гирифтани маълумоти мукаммал нигаред ба Очерки шароити табиию ҷуғрофӣ, Очерки иқтисодӣ, Шаҳрсозӣ ва санъати меъморӣ, Театр, Кино, Мусиқӣ, Маориф ва Тандурустӣ).




Нишасти Шӯрои сарони давлатҳои ИДМ дар Душанбе. Октябри соли 2007.



Маркази барқу гармидиҳии нави шаҳри Душанбе.

## ОЧЕРКИ ИҚТИСОДӢ

**Тавсифи умумӣ**. Душанбе яке аз марказҳои бузургтарини саноати Осиёи Марказӣ мебошад. Иқтисоди он дар даврони шӯравӣ бунёд ёфтааст. Дар сохтори соҳавии иқтисод саноат саҳми махсус дорад. Дар саноати сабук рушди бештар ба коркарди пахта ва истеҳсолоти дӯзандагӣ, матоъҳои пахтагӣ, шоҳибофӣ, кешбофӣ ва ҷуроббофӣ вобаста аст. Саноати хӯроквори аз корхонаҳои нонпазӣ, қаннодӣ, шаробкашӣ, равғанкашӣ, коркарди гӯшт ва шир иборат аст. Саноати коркарди мева ва сабзавот инкишоф ёфта, инчунин рушди саноати касбу ҳунарҳои бадеии халқӣ ва корхонаҳои заргарӣ назаррас аст.

Дар гузашта соҳаи мошинсозӣ аз коргоҳҳои истеҳсоли мошинҳои нассоҷӣ, таҷҳизоти коргоҳҳои тиҷоратӣ, яхдонҳо, техникаи тиббӣ, дастгоҳҳои худкор, дастгоҳҳои гидравликӣ барои техникаи кишоварзӣ иборат буд. Дар коркарди филиззот корхонаҳои таъмири автобусҳо, мошинҳои сабукрав, муҳаррикҳои дизелӣ, экскаваторҳо, техникаи маишӣ ва ғайра нақши бузург доштанд.

Саноати маводи сохтмон корхонаҳои истеҳсоли семент, қубурҳои асбестусементӣ, оҳак, гач, маҳсулоти мармарӣ ва хоросанг, тахтасангҳои фаршӣ, маҳсулоти оҳану–бетонӣ ва ғайраро дар бар мегирад. Дар шаҳр коркарди чӯбу тахта ва истеҳсоли мебел, локу ранг, тайёр кардани зарфҳои чӯбин рушд намудааст.

Гузариш ба муносибатҳои бозорӣ дар сохтори соҳавии иқтисод тағйирот ворид месозад. Дар чаҳорчӯби фаъолияти соҳибкории хусусӣ шабакаҳои бозорҳои савдои яклухт рушд меёбанд. Айни замон дар шаҳр бозорҳои бузурги фурӯши яклухти молу ашё ва маҳсулоти истеъмолӣ («Корвон», «Шоҳмансур», «Роҳи абрешим», «Султони Кабир», «Ганчина», «Панҷшер», «Ҷал-Ҷам») амал мекунанд. Солҳои охир шабакаи муассисаҳои хӯроки умумӣ даҳҳо баробар афзуд: ошхонаҳо, тарабхонаҳо, қаҳвахонаҳо ва барҳо. Рушди корхонаҳои соҳаи хадамоти маишӣ, аз қабили хушкшӯӣ, гозурӣ, устохонаҳои таъмири таҷҳизоти барқӣ, мошинҳои сабукрав ва ғайра бо суръат идома дорад. Тамоми анвои хадамоти маишӣ дар чаҳорчӯби соҳибкории хусусӣ бо суръат инкишоф меёбад, сатҳу сифати он ба нишондодҳои меъёри ҷаҳонӣ наздик мешавад.

Шаҳри Душанбе маркази молиявию қарздиҳӣ мебошад. Ғайр аз Бонки Миллӣ беш аз 30 бонки тиҷоратӣ ва шуъбаҳои онҳо дар ноҳияҳо амал мекунанд. Навсозиҳои умури бонкӣ ва молиявӣ, васеъсозии имконоти додани қарзҳои бонкӣ ва ғайрибонкӣ ба рушди соҳаи сохтмон, саноат, манзил ва коммуналӣ мусоидат мекунанд, инчунин ба барқарорсозии гардиши бомароми захираи молҳои истеҳсолӣ ёрӣ мерасонанд.

**Саноат.** Саноати шаҳри Душанбе хусусияти бисёрсоҳа дорад ва беш аз 375 корхонаи гуногунмоликиятро дар бар мегирад, ки аз соҳаҳои электроэнергетика, мошинсозӣ ва коркарди филиззот, саноати сохтмон, истеҳсоли маводди сохтмон, саноати чӯбу тахта ва коркарди он, табъу нашр, саноати сабук, хӯроквори ва ғайра иборатанд. Дар сохтори истеҳсолоти саноатӣ аз ҷиҳати афзалият саноати сабук ва хӯроквори, мошинсозӣ, коркарди филиззот ва саноати маводи сохтмон бартарӣ доранд.

Солҳои 80 асри 20 саҳми пойтахт дар истеҳсолоти саноатии ҷумҳурӣ 26,0 дарсадро ташкил медод. Соли 2001 ин нишондиҳанда ба 3,3% баробар шуд. Сабаби ин на танҳо паст шудани истеҳсолоти саноат дар Душанбе, балки ҳамчунин дар он буд, ки солҳои 80 ҳаҷми коркарди нахи пахта ба соҳаи кишоварзӣ тааллуқ дошт. Солҳои 90 пас аз тағйир ёфтани шакли моликияти корхонаҳои коркарди пахта (заводҳои пахта) коркарди пахта ба соҳаи саноат ҳамроҳ карда шуд. Дар соли 2012 саҳми маҳсулоти саноатии шаҳри Душанбе дар истеҳсолоти саноати ҷумҳурӣ 11,5%-ро ташкил дод.

Сохтмони саноат дар Душанбе, чун дар тамоми ҷумҳурӣ, бо дар назар гирифтани шароити маҳал, ки дорои захираҳои табиӣ ва ашёи хоманд, иҷро карда мешуд. Он бо сохтмони корхонаҳои хурди саноати сабук (ба мақсади таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти ниёзи аввалия ва эҳёи саноати косибӣ) оғоз ёфт.

Дар оғоз саноати Душанбе барои коркарди ашёи хоми

кишоварзӣ – нахи пахта, пила, пашм, пӯст, маҳсулоти кишоварзӣ махсус гардонида шуд. Манбаи асосии ашёи хоми корхонаҳои саноатии Душанбе водии Ҳисор буд. Оҳистаоҳиста бо рушди истеҳсолот ва васеъшавии робитаҳои нақлиётӣ масдари асосии саноат водии Вахш гардид, ки аз он ҷо ба корхонаҳои саноати сабуки шаҳр пахтаи навъҳои гуногун оварда мешуд.

Дар даҳсолаи аввали устуворшавии саноат дар шаҳри Душанбе заводи пахта (1926), осиёб (1927), комбинати гӯшт (1930), фабрикаи абрешим (1932) ва корхонаи чарм (1936) ба кор даромаданд. Соли 1936 дар шаҳри Душанбе сохтмони комбинати бофандагӣ оғоз ёфт, ки он соли 1942 ба истифода дода шуд. Соли 1939 фабрикаи шоҳибофӣ ба кор даромад. Афзоиши баланди шумораи аҳолии шаҳр зарурати ташкили истеҳсолотеро ба миён овард, ки бевосита ба худи аҳолӣ хидмат расонад: соли 1932 заводи лимонадбарорӣ, соли 1933 фабрикаи дӯзандагӣ, соли 1937 фабрикаи пойафзордӯзӣ, соли 1938 заводи нонпазӣ ва ҳамон сол заводи пиво ба кор даромаданд.

Дар баробари корхонаҳои саноати сабук ва хӯрокворӣ ба тараққӣ додани соҳаҳои саноати вазнин – электроэнергетика ва саноати маводди сохтмон диққати зиёд дода мешуд. Суръати баланди сохтмони саноатӣ ва манзилро ба назар гирифта, дар шаҳр аввалин неругоҳи барқии дизелӣ бо қудрати 78 кВт/с (1926), заводҳои хишт (1930), гач (1937), асфалту бетон (1938), сементбарорӣ (1941), инчунин Неругоҳи барқи обии Варзоб-1 (1937) ба истифода дода шуданд. Дар қатори корхонаҳои бузург артелҳои истеҳсолӣ, устохонаҳо, нонвойхонаҳо ва дигар муассисаҳои истеҳсолии хурд ташкил ёфтанд, ки катҳои оҳанӣ, мебел, маҳсулоти чармӣ, пойафзор, газворҳои пахтагин, либосҳои болопӯши кешбофишуда, маҳсулоти қаннодӣ ва ғайра истеҳсол мекарданд.

**Ҷадвали 1. Сохтори соҳавии саноати шаҳри Душанбе (ба ҳисоби %)**

| Соҳаҳои саноат | Вазни хосси соҳаҳои алоҳида дар истеҳсолоти саноатии шаҳри Душанбе | | | Вазни хосси соҳаҳои саноати шаҳри Душанбе дар истеҳсолоти саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | 1990 | 2001 | 2012 | 1990 | 2001 | 2012 |
| Ҳамаи соҳаҳои саноат | 100 | 100 | 100 | 25,9 | 3,3 | 11,5 |
| Барқу энергетика | 3,1 | 2,5 | 11,7 | 12,6 | 1,3 | 2,5 |
| Ранга | 0,4 | – | – | 1,0 | – | – |
| Кимиё ва нафтукимиё | 1,6 | 0,5 | 2,2 | 9,1 | 1,3 | 5,4 |
| Мошинсозӣ ва коркарди филиззот | 18,6 | 13,7 | 10,6 | 49,4 | 53,5 | 45,0 |
| Коркарди чӯб | 3,4 | 1,0 | 0,7 | 56,1 | 73,1 | 70,0 |
| Маводди сохтмонӣ | 6,1 | 15,2 | 21,5 | 34,8 | 63,7 | 67,0 |
| Сабук | 42,7 | 20,7 | 21,4 | 26,2 | 5,4 | 6,1 |
| Хӯрокворӣ | 19,5 | 42,5 | 33,9 | 93,8 | 8,5 | 12,0 |
| Соҳаҳои дигар | 4,6 | 4,1 | 8,6 | 21,1 | 2,0 | 4,2 |

Натиҷаи рушди саноати Душанбе дар давоми панҷсолаҳои пеш аз ҷанг ба вуҷуд омадани саноати ҳозиразамоне буд, ки дар муқоиса ба ҳамон давра аз ҷиҳати техникӣ муҷаҳҳаз ва инкишофёфта ба ҳисоб мерафт. Агар соли 1932 дар Душанбе ҳамагӣ 776 коргар дар саноат машғул бошад, ин рақам дар соли 1936 ба 5 ҳазор ва соли 1939 ба 12 ҳазор расид. Соли 1940 дар Душанбе беш аз 20 корхонаи бузурги саноатӣ мавҷуд буд, ки ҳаҷми маҳсулоти истеҳсолкардаи онҳо дар муқоиса ба соли 1933 тақрибан 3,3 баробар афзуда буд.

Дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941–45) саноати пойтахт чун тамоми кишвар барои расонидани ёрии ҳар чӣ бештар ба фронт нигаронида шуда буд. Бештари корхонаҳо барои истеҳсоли маҳсулоти мавриди ниёзи артиш (хӯрокворӣ, сарулибоси низомӣ, таҷҳизот) мувофиқ кунонида шуданд. Дар ин давра дар қатори корхонаҳои амалкунанда даҳҳо корхонаи саноатии нав ба кор даромад, аз ҷумла, комбинати матоъҳои пахтагин (1942), заводи «Трактородетал» (1945), заводҳои собунпазӣ ва семент, фабрикаи кешбофӣ; сохтмони Неругоҳи барқи обии Варзоби Поён оғоз ёфт. Фондҳои асосии истеҳсолии саноати шаҳри Душанбе ним баробар афзуданд, ҳаҷми маҳсулот дар охири соли 1945 нисбат ба соли 1940 тақрибан 2,5 баробар зиёд шуд. Ҳамаи заводу фабрикаҳо дар се баст кор мекарданд.

Солҳои баъд аз ҷанг саноати шаҳри Душанбе бо суръат рушд намуд. Инкишофи истеҳсоли маҳсулот ба шарофати навсозии корхонаҳои мавҷуда, таҷҳизонидани онҳо бо техникаи замонавӣ, инчунин ба шарофати ба кор даровардани заводу фабрика ва коргоҳҳои нав ба амал баровардa шуд. Масалан, дар заминаи устохонаи таъмири техникаи кишоварзӣ заводи механикӣ (1946) ташкил карда шуд, ки он аз истеҳсоли муҳаррикҳои одӣ оғоз намуда, минбаъд таъмири автомошинаю трактор ва истеҳсоли дастгоҳҳои газиро аз худ намуд. Дар солҳои баъдӣ корхонаҳо навсозӣ гардида, дар заминаи онҳо заводи бузурги мошинсозии ҷумҳурӣ – «Тоҷиктекстилмаш» ба вуҷуд омад. Маҳсулоти он ба беш аз 20 кишвари хориҷӣ содир мегардид.

Заводи арматури Душанбе (1939) навсозӣ шуда, барои истеҳсоли арматур, қубурҳои обкашӣ ва дигар навъҳои таҷҳизоти саноати нафт махсус гардонида шуд. Маҳсулоти корхона ба 20 кишвари ҷаҳон содир мешуд. Дар заминаи заводи «Металлоширпотреб» заводи мошинсозии тиҷоратии «Торгмаш» (1947) сохта шуд, ки барои корхонаҳои хӯроки умумӣ таҷҳизоти технологии замонавӣ – тобаҳои барқӣ, дег ва ғайра истеҳсол менамуд.

Дар заводи «Трактородетал» (1945; ҳоло ҶСК «Ҳумо») коргоҳи нави механикӣ, коргоҳи обутобдиҳии филиззот ва пойгоҳи тағйири шиддати барқ сохта шуданд. Ин навсозӣ имкон дод, ки на танҳо қисмҳои эҳтиётӣ ва деталҳои трактор истеҳсол гардад, балки ба истеҳсоли маҳсулоти нисбатан мураккаби серталаб – таҷҳизоти гидравликии комбайнҳо ва дастгоҳҳои механикӣ шурӯъ намояд.

Соли 1965 дар Душанбе заводи яхдони «Помир» сохта шуд, ки маҳсулоти худро ба бештар аз 22 кишвари ҷаҳон, аз ҷумла, ба Полша, Венгрия, Афғонистон, Мозамбик ва ғайра содир мекард.

Саноати сохмон ва маводди сохтмонӣ рушд намуд. Қудрати заводи семент (1942) баъд аз навсозии асосӣ ва сохмо-

ни навбати дуюм ба 1 млн т маҳсулот дар як сол расонида шуд. Қудрати заводи хишт (1929) ҳам аз ҳисоби сохтмони хумдонҳои нави хиштпазӣ хеле афзуд. Инчунин заводҳои оҳану бетон ва комбинати хонасозӣ сохта шуданд, ки онҳо раванди бо манзил таъмин намудани аҳолии шаҳри Душанбе ва шаҳракҳои атрофи онро тезониданд. Бад-ин минвол дар тӯли солҳои 1933–66 захираҳои асосии саноати маводи бинокорӣ 113 баробар афзоиш ёфтанд.

Дар ин давра комбинати нон, комбинати гӯшт ва комбинати абрешимӣ Душанбе бо таҷҳизоти нисбатан замонавӣ ва сермаҳсул ҷиҳозонида шуданд; навбати дуюму сеюми Иттиҳодияи истеҳсолии матоъҳои пахтагини Душанбе сохта шуд. Дар истеҳсолот ҷорӣ намудани беш аз 2,5 ҳазор дастгоҳи нави бофандагӣ дар коргоҳҳои навбати сеюм имкон дод, ки истеҳсоли матоъҳои пахтагин дар як сол ба ҳисоби миёна то ба 120 млн м$^2$ (1988) расонда шавад.

Фабрикаи ҷуроббофии Душанбе (1958; ҳоло ҶСК «Нафиса») қариб 34,9 млн ҷуфт ҷуроб, фабрикаи кешбофии Душанбе (ҳоло ҶСК «Элегант») то 4,9 млн воҳид либоси кешбофишудаи тагпӯш, Иттиҳодияи чарму пойафзори Душанбе то 4,5 млн ҷуфт пойафзор ва Иттиҳодияи дӯзандагии ба номи «50-солагии СССР» маҳсулоти зиёд истеҳсол мекарданд.

Соли 1963 дар шаҳри Душанбе яке аз комбинатҳои бузург дар Осиёи Миёна – Комбинати равғанкашӣ (бо иқтидори коркарди 150 ҳазор т чигит дар як сол) сохта шуд. Комбинат дар баробари равғани наботӣ ва маргарин майонез, собун ва дигар анвои маҳсулот истеҳсол мекард. Пас аз навсозӣ ва истифодаи технологияи замонавӣ заводи машруботи Душанбе ба яке аз корхонаҳои пешрафтаву пешоҳанги саноати хӯрокворӣ табдил ёфт. Маҳсулоти он дар намоишгоҳҳои байналмилалӣ ба намоиш гузошта шуда, баъзе навъҳои май бо нишонҳо, аз ҷумла, нишони тило, қадр карда шуд. Як қатор корхонаҳо, масалан, Корхонаи ҷӯбу тахтаи Душанбе, Иттиҳодияи «Тоҷикмебел» (1956), Комбинати полиграфӣ (1974) ва нашриёти «Шарқи Озод» (1985) ба кор даромаданд.

Имрӯз Душанбе бузургтарин маркази саноати Тоҷикистон маҳсуб мешавад. Алҳол саноати шаҳри Душанбе аз 375 корхона иборат аст. Дар соли 2012 корхонаҳои саноатии шаҳри Душанбе 11,5%-и ҳаҷми умумии истеҳсолоти саноатии кишварро истеҳсол намуданд. Ҳаҷми умумии сармоягузорӣ барои рушди иқтисодиёти шаҳр дар соли 2012-ум 1070971,6 ҳазор сомониро ташкил дод, ки 23,6%-и ҳаҷми умумии сармоягузориҳои ҷумҳурӣ ба ҳисоб мерафт.

Дар ҳамин давра дар корхонаҳои саноатии шаҳр 17,6 ҳазор нафар коргар машғули кор буданд. Соли 2012 дар пойтахт 69 млн кВт соат неруи барқ, 1,2 млн дона хишт, 21,2 млн м$^2$ матои пахтагин, 512 ҳазор ҷуфт пойафзори чармӣ, 6,3 млн ҷуфт ҷӯроб, 1,7 ҳазор т маҳсулоти қаннодӣ, 14 ҳазор т маҳсулоти ширӣ ва ғайра истеҳсол шуд.

**Мошинсозӣ ва коркарди филиззот.** Ин соҳа аз ҷиҳати шумораи корхонаҳо, коргарон ва ҳаҷми маҳсулоти истеҳсолӣ дар соҳаи саноати вазнин мақоми муҳимро ишғол мекунад. Дар Душанбе 74 корхонаи мошинсозӣ ва коркарди филиззот мавҷуд аст, ки дар онҳо беш аз 60 ҳазор нафар машғули коранд. Соли 2012 онҳо ба арзиши 115,74 млн сомонӣ маҳсулоти саноатӣ истеҳсол карданд, ки 10,6%-и ҳаҷми умумии саноати пойтахтро ташкил медиҳад. Корхонаҳои мошинсозӣ ва коркарди филиззот то фурӯпошии ИҶШС маҳсулоти гуногун – дастгоҳҳои бофандагӣ ва ресандагӣ, яхдон, асбобу қисмҳои эҳтиётӣ барои трактору комбайнҳо, тобаҳои газ, маҳсулоти кабелӣ, арматури қубурҳои обкашӣ ва ғайра истеҳсол менамуданд.

**Неруи барқ**. Шаҳр аз тариқи манбаъҳои барқи худӣ (силсилаи неругоҳҳои барқи обии Варзоб – 1, 2, 3, Шабакаи барқу гармидиҳии Душанбе) ва Шабакаи энергетикии Вахш бо барқ таъмин карда мешавад. Шабакаи барқу гармидиҳии Душанбе қалби энергетикии пойтахт буда, соли 1965 ҳамчун истгоҳи конденсатсионӣ бо иқтидори 218 ҳазор кВт соат ташкил ёфт. Минбаъд, бинобар афзоиши талаботи гармиистифодабарӣ дар шаҳр, агрегатҳои он таъмир ва таҷдид шуданд. Дар натиҷа қудрати истгоҳ дар сурати то ба 557 Гкал/с афзоиши ёфтани иқтидори гармидиҳии он ба 198 ҳазор кВт соат расид.

Силсилаи неругоҳҳои барқи обии Варзоб: НБО № 1 бо иқтидори 7,15 ҳазор кВт (соли 1936 ба истифода дода шудааст), НБО № 2 бо иқтидори 14,76 ҳазор кВт (соли 1949 сохта шудааст) ва НБО № 3 бо иқтидори 3,52 ҳазор кВТ (соли 1952 ба кор даромадааст). Маҷмӯи қувваи барқи истеҳсолкардаи силсилаи неругоҳҳои барқи обии Варзоб дар як сол ба 150 млн кВт соат мерасад.

Шабакаи барқи Душанбе дар асоси доираи дучандӣ сохта шудааст. Доираи берунии хати интиқоли барқ (НБО-и Норак – шаҳри Душанбе – МГБ-и Ёвон – НБО-и Норак) бо иқтидори 220 кВт мебошад. Доираи дохилӣ шаҳрро аз рӯи периметри он фаро гирифта, аз хати интиқоли барқи шиддаташ 110 кВт иборат аст.

Истеҳсоли неруи барқ дар Душанбе аз 990 млн кВт соат (соли 1980) то ба 1161 млн кВт соат (соли 1985) расид. Дар соли 2012-ум 69 млн кВт соат истеҳсол гардида буд. Сарчашмаҳои асосии бо гармӣ таъмин кардани пойтахт Шабакаи барқу гармидиҳӣ, ки ба он дегхонаҳои «Шарқӣ» ва «Ғарбӣ» дохиланд, дегхонаҳои Корхонаи гармидиҳии Душанбе ва як қатор корхонаҳои саноатии дигар махсуб мешаванд. Иқтидори гармидиҳии Шабакаи барқу гармидиҳии Душанбе ба 557 Гкал/с, дегхонаи «Шарқӣ» ба 90 Гкал/с, дегхонаи «Ғарбӣ» (иқтидори нақшавии он 600 Гкал/с аст) ба 100 Гкал/с мерасад.

**Ҷадвали 2. Истеҳсоли навъҳои асосии маҳсулоти саноатӣ дар шаҳри Душанбе**

| Номи маҳсулот | Воҳиди ченак | 1970 | 1980 | 1991 | 2001 | 2012 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Неруи барқ | млн кВт с | 990 | 958 | 1009 | 214 | 69 |
| Маҳсулоти арматурӣ | ҳазор дона | 383 | 507 | 858 | 29 | – |
| Маҳсулоти ноқилӣ | ҳазор тонна | 11,7 | 11,8 | 12,1 | 0,8 | – |
| Семент | ҳазор тонна | 872 | 1053 | 1013 | 68,9 | 203 |
| Конструкция ва маҳсулоти васлшавандаи филиззӣ, бетонӣ | ҳазор м$^3$ | 307,1 | 465,4 | 443,3 | 4,9 | 19,5 |
| Хишти бинокорӣ | млн донаи шартӣ | 133,8 | 95,6 | 54,0 | 3,6 | 1,2 |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҷуробу пайпоқ | млн ҷуфт | 25,5 | 30,9 | 34,9 | 3,4 | 6,3 |
| Пойафзор | ҳазор ҷуфт | 3,7 | 4,6 | 4,5 | 0,08 | 57,2 |
| Яхдон | ҳазор дона | 129,6 | 143,1 | 145,2 | 1,71 | – |
| Гӯшт, якҷо бо каллапочаи категорияи 1 | ҳазор тонна | 12,4 | 14,9 | 5,47 | 6,5 | 8,46 |
| Равғани ҳайвонот | тонна | 263 | 802 | 352 | 4,8 | 11,4 |
| Шири холис | ҳазор тонна | 47,7 | 68,9 | 72,0 | 3,0 | 4,0 |
| Консерваҳо | ҳазор тонна | 21,7 | 26,8 | 32,4 | 0,1 | 10,3 |

**Саноати сабук.** Дар шаҳри Душанбе зерсохторҳои гуногуни ин соҳа ҷой доранд, ки аз ҷумлаи бузургтарини онҳо корхонаҳои саноати матоъҳои пахтагин, абрешим ва чарму пойафзор ба шумор мераванд. Ҳиссаи инҳо аз рӯи ҳаҷми умумии маҳсулоти ин соҳа 70%, аз ҷиҳати шумораи коргарон 60%, аз рӯи афзоиши захираҳои асосии истеҳсолоти саноатӣ 80%-ро ташкил медиҳад. Ба ғайр аз зерсоҳаҳои номбурда дар сохтори саноати сабуки Душанбе боз соҳаҳои дӯзандагӣ, коркарди пашм ва кешбофӣ дохил мешаванд. Соли 2001 ҳиссаи саноати сабук 20,7%-и ҳаҷми умумии маҳсулоти истеҳсолшуда ва 25,4%-и тамоми истеҳсолоти саноатии шаҳри Душанберо ташкил дод. Соли 2012 ҳиссаи саноати сабук дар истеҳсолоти саноати шаҳр 21,4% афзуд.

Пилапарварӣ ва шоҳибофӣ аз замонҳои қадим касаби аҷдодии тоҷикон буд. Анвои гуногуни матоъҳои абрешимӣ ва нимабрешимӣ истеҳсол карда мешуд: шоҳӣ, атлас, беқасаб, адрас ва ғайра. Алҳол истеҳсолоти абрешими шаҳри Душанбе дар ҶСК «Тори заррин», ҶММ «ВТ–Роҳи абрешим» ва «Тоҷикатлас» идома дорад.

Дар миёни корхонаҳои матоъҳои пахтагин бузургтарин Корхонаи нассоҷии Душанбе мебошад, ки дар он солҳои 90 асри 20 беш аз 8 ҳазор коргар кор мекард. Соли 1981 истеҳсоли нахи пахта дар Душанбе ба 20,6 ҳазор т (72,7%-и ҳаҷми умумии дар ҷумҳурӣ истеҳсолшуда) ва матоъи пахтагин ба беш аз 100,2 млн м$^2$ (97,8%-и ҳаҷми умумӣ) расид. Соли 2001 ин нишондиҳандаҳо аз 2059,4 т нахи пахта (яъне 10 баробар камтар аз соли 1991) ва 3,42 млн м$^2$ матоъи пахтагин (яъне 29,3 баробар камтар аз соли 1991) иборат буд. Дар соли 2012 дар шаҳр 19 корхонаи истеҳсоли бофандагӣ ва дӯзандагӣ вуҷуд дошт, ки дар онҳо 3535 нафар коргарон фаъолият менамуданд ва ба маблағи 81,5 млн сомонӣ маҳсулот истеҳсол карданд.

Ҳоло соҳаи коркарди пахта дар шаҳри Душанбе ба уҳдаи корхонаҳои зерин аст: ҶСК «Текстил», Фабрикаи докабарорӣ, Фабрикаи ресандагию бофандагии № 1, Фабрикаи пардоз, ҶСК «Бофанда» ва ҶСК «Нассоҷ».

Аз соҳаҳои дигари саноати сабуки шаҳри Душанбе, ки рушд ёфтаанд ва навъҳои гуногуни маҳсулоти мавриди ниёзи мардумро истеҳсол мекунанд, инҳоянд: дӯзандагӣ, чарму пойафзор ва кешбофӣ. Корхонаҳои нисбатан бузург ҶСК: «Гулистон», «Элегант», «Куҳандиз», «Нафиса» ва ғайра.

**Саноати хӯроквори**. Дар айни замон саноати хӯроквории дар Душанбе соҳаи аз ҳама муҳим мебошад. Саҳми он дар соли 2001-ум 20,5%-и ҳаҷми умумии корхонаҳо, 10,9%-и шумораи кормандон ва 42,3%-и ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти саноатии пойтахтро ташкил дод. Саноати хӯроквории Душанбе аз истеҳсолоти гӯшту шир, равғанкашӣ, орд, нонпазӣ, майкашӣ, пиво, тамоку ва дигар иборат буда, маҳсулоти онҳо аксаран дар ҳудуди пойтахт ва ноҳияҳои наздик ба масраф мерасанд. Бузургтарин корхонаҳои ин соҳа, ки дар қаламрави Душанбе ҷой доранд: ҶСК «Равғани тоҷик», ҶСК «Фабрикаи тамоку», Фабрикаи қаннодии «Ширин» ва ҶСК «Комбинати гӯшту консерв», «Комбинати шир», «Нонпаз», «Ғалла» ва ғайра.

**Саноати масолеҳи сохтмон**. Саҳми маҳсулоти маводи сохтмон 15,2%-и ҳаҷми умумӣ ва 11,6%-и шумораи кормандони соҳаи истеҳолии шаҳри Душанберо ташкил медиҳад. Ин соҳа дар пойтахт бо вусъату самтҳои фарогирие рушд меёфт, ки ба талаботи рӯзафзуни сохтмони муассисаҳои саноатӣ, иқоматию маишӣ, коммуналӣ ва ғайра дар худи пойтахт ва ноҳияҳои ҷанубии ҷумҳурӣ пурра ҷавобгӯ мебошад. Тайи 10–12 соли охир дар Душанбе иқтидори истеҳсолии маводди сохтмон ва санъати сохтмон аз сабаби набудани талабот дар ҳудуди 1–15% истифода мешавад. Масалан, истеҳсоли семент аз 1013 ҳазор т (соли 1991) то ба 17,7 ҳазор т (соли 1998), хишт аз 54,0 млн донаи шартӣ то ба 3,6 млн дона, шифер аз 94,5 млн донаи шартӣ то ба 1,0 млн (соли 2001) паст гардид. Дар соли 2012 дар корхонаҳои истеҳсоли масолеҳи сохтмонии шаҳр 203,3 ҳазор тонна семент, 19,5 ҳазор м$^3$ маснуоти оҳану бетонии васлшаванда, 1,2 млн дона хишти шартӣ, 24,9 ҳазор м$^2$ дару тирезаҳои филиззипластикӣ ва ғайра истеҳсол гардид. Корхонаҳои пешбарандаи соҳа инҳоянд: Иттиҳодияи истеҳсолии «Тоҷиксемент», Заводи қубурҳои фишорбардор ва маҳсулоти оҳану бетонӣ, Ҷамъияти саҳомии «Асбестсемент», Комбинати маводи сохтмон, Заводи қубурҳои асбестӣ, даҳҳо ширкатҳои хонасозӣ ва ғайра.

**Саноати чӯбу тахта**. Ин соҳа куллан дар асоси ашёи хом – чӯби аз хориҷ воридшаванда инкишоф ёфтааст. Ҳоло дар Душанбе саноати чӯбу тахта аз 8 корхона иборат аст. Пешрави онҳо ҶС «Комбинати мебелсозӣ» ва комбинати чӯбу тахта мебошанд. Дар соли 2001 вазни қиёсии соҳа дар нисбати ҳамаи саноати Душанбе аз рӯи шумораи коргарон 20%-ро ташкил медод.

**Саноати кимиё**. Ин соҳа аз 5 корхонаи начандон бузург иборат аст. Истеҳсоли маҳсулоти кимиёӣ 0,45% -и ҳаҷми умумии ҳамаи маҳсулоти саноатии шаҳри Душанберо ташкил медиҳад. Дар соҳа 353 корманд машғули коранд. Корхонаҳои аз ҳама бузурги ин соҳа дар Душанбе инҳоянд: ҶС «Кимиёрӯзгор» ва Заводи локу ранг.

**Саноати табъу нашр.** Саноати табъу нашр яке аз куҳантарин соҳаҳои саноати шаҳр мебошад. Вай зиёда аз 80%-и истеҳсолоти полиграфии ҷумҳуриро дар бар мегирад, ки эҳтиёҷоти нашриётҳоро ба чопи адабиёти сиёсӣ, бадеӣ, илмӣ, энсиклопедӣ ва маълумотномаҳо, китобҳои дарсӣ, плакатҳо, дафтарҳо ва ғайра қонеъ мегардонад. Якумин матбаа соли 1926 ба кор шурӯъ карда буд. Ҳоло саноати полиграфии пойтахт аз Комбинати полиграфии Душанбе, ҶС «Матбуот», нашриёти «Шарқи озод» ва матбааҳои бешумори давлатию хусусӣ, ки маҳсулоти полиграфии гуногун истеҳсол мекунанд, иборат аст. Дар соли 2012-ум 83 корхонаи соҳаи табъу нашр мавҷуд буд, ки ба маблағи 73,17 млн сомонӣ маҳсулот истеҳсол намуданд.


Бунёди биноҳои нав дар маркази пойтахт (2014).

## СОХТМОН

Душанбе қабл аз ба пойтахти Тоҷикистон табдил ёфтанаш деҳаи бузурге буда, хонаҳояш асосан аз гилу лой қомат афрохта буданд. Сохтмони бунёдии шаҳр дар миёнаи солҳои 20–30 қарни гузашта шурӯъ шуда, корҳои сохтмонӣ аксар вақтҳо хусусияти мавсимӣ доштанд.

11 апрели 1925 бо қарори Кумитаи инқилобии ҶМШС Тоҷикистон ба мақсади муттаҳид кардани фаъолияти биноқорон ва иҷрои корҳои сохтмони давлатӣ комиссияи сохтмон таъсис дода шуд. Дар натиҷа солҳои 1925–26 бинои КИМ, Институти маориф, матбаа ва ғайра сохта шуданд. Дар сохтмони биноҳои иқоматию маишӣ ва коммуналӣ қарори ШКХ ҶМШС Тоҷикистон аз 27 апрели 1927 «Дар бораи сохтмони шаҳри Душанбе» нақши муассир бозид.

Нахустин сохтмони бузург дар пойтахт «Хонаи деҳқон» маҳсуб мешуд, ки соли 1926 кори он шурӯъ шуда буд. Худи ҳамон сол меҳмонхонаи коммуналӣ ба истифода дода шуд, ки 15 ҷой дошт. Охири соли 1930 якумин ҳаммоми коммуналӣ ва 15 июни соли 1930 якумин бозори колхозӣ (дар ин ҷо ҳоло Осорхонаи миллии Тоҷикистон воқеъ аст) ба истифода дода шуд.

Солҳои 30 дар пойтахт даҳҳо бинои замонавӣ сохта шуданд. Аз ҷумла,: бинои сеошёнаи мактаби тиббӣ (ҳоло Донишгоҳи Давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино), Техникуми педагогии занон, Комиссариати халқии саноати сабук, Институти педагогӣ, инчунин якумин иморат бо дастгоҳи гармидиҳии буғӣ – бинои КМ ҲК Тоҷикистон (ҳоло бинои раёсати Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон).

Солҳои баъдӣ дар шаҳри Душанбе саноати неруманде ташаккул ёфт ва барои дар миқёси васеъ анҷом додани сохтмони саноатӣ ва иқоматӣ, бино кардани объектҳои хоҷагии коммуналӣ ва хидматрасонии маишӣ, муассисаҳои нигоҳдории тандурустӣ, илм, маориф ва фарҳанг, биноҳои маъмурӣ ва ғайра имкон фароҳам омад. Дар шаҳр 2 корхонаи сохтмонӣ, 6 корхонаи истеҳсоли маводи оҳану бетонӣ, заводи сементбарорӣ, заводи истеҳсоли лӯлаҳои асбестӣ ва керамзитӣ, комбинати маводи сохтмон, комбинатҳои коркарди санг ва корхонаҳои истеҳсоли плитаҳо барои роҳҳои пиёдагард, асфалт ва бетон фаъолият доранд. Як қисм аз корхонаҳои калон давлатӣ ва саҳомианд. Бинобар сабабҳои объективӣ иқтидори истеҳсолии бештари корхонаҳои калон батамом истифода намешаванд.

Инкишофи муносибатҳои иқтисоди бозорӣ дар шаҳри Душанбе ва умуман дар ҷумҳурӣ боиси афзоиши суръати тараққиёти саноат мегардад. Дар соли 2012 дар соҳаи сохтмони шаҳр 8,7 ҳазор нафар коргар фаъолият дошт.

Дар шаҳр чандин институти лоиҳакашӣ амал мекунанд, ки ба корҳои лоиҳакашӣ ва иктишофии шаҳр ва тамоми ҷумҳурӣ машғул аст. Солҳои охир бо ёрии ин институтҳо якчанд объекти меъмории замонавӣ бино ёфт: Маҷмаи меъмории «Ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон» бо ҳайкали Исмоили Сомонӣ дар майдони «Дӯстӣ», ҳайкалҳои Исмоили Сомонӣ дар шаҳри Хуҷанд ва Қӯрғонтеппа, нимпайкарҳои Б. Ғафуров ва М. Турсунзода, инчунин осорхонаи Б. Ғафуров дар шаҳри Ғафуров ва ғайра.

Ҳаҷми маблағгузориҳо дар шаҳри Душанбе сол ба сол афзоиш меёбад. Маблағгузорӣ фақат дар 5 соли охир (2007–2012) қариб 2 баробар афзуда, дар соли 2012 бештар аз 1 млрд сомониро ташкил дод. Сохтмони иншооти нақлиётӣ (роҳҳои магистралии мумфарш, пулҳо, роҳҳои пиёдагард ва ғайра), объектҳои тиҷоратӣ ва хидматрасонӣ, инчунин корхонаҳои саноатӣ инкишоф меёбад. Дар муддати даҳ соли охир сохтори сохтмони объектҳои иқоматӣ ба таври куллӣ тағйир ёфт. Дар ҷумҳурӣ хонаҳои 9–12-ошёнаи калонҳаҷми блокӣ, калонпанел ва дар ҷояш рехташавандаи оҳану бетонӣ бино мееёбанд. Таҷдиди корхонаҳои кӯҳна ва ташкили корхонаҳои нави саноатӣ ва ғайриистеҳсолӣ давом дорад. Қисми зиёди хонаҳои истиқоматӣ аз маблағи худи аҳолӣ сохта мешаванд, ки дар онҳо дастовардҳо ва анъанаҳои қадимии меъмории тоҷик ва Шарқ истифода мегарданд. Дар сохтмони хонаҳои иқоматӣ, ки ташкилотҳои давлатӣ, хусусӣ ва тобеи шаҳр иштирок доранд, бештар омилҳои тиҷоратӣ афзалият пайдо мекунанд. Дар соли 2012 аз ҳисоби манбаъҳои сармоягузорӣ дар шаҳри Душанбе 113 ҳазор метри мураббаъ хонаҳои иқоматӣ сохта ба истифода дода шуд.

Ҳиссаи ширкатҳои сохтмонии хусусӣ афзоиш меёбад (ҳоло 75 %-ро ташкил медиҳад). То имрӯз дар шаҳри Душанбе беш аз 200 ширкати хусусӣ ба қайд гирифта шудаанд, ки ба кори сохтмон машғуланд. Муносибатҳои бозоргонӣ ба фаъолияти онҳо таъсири босамар мерасонад. Ба сифати сохтмон анвои маводи сохтмон ва малакаҳои тахассусии коргарону мутахассисон низ таъсири мусбат доранд. (*Муфассал нигаред:* «Шаҳрсозӣ ва санъати меъморӣ»).



Ҳавопаймои ширкати «Tajik Air» ҳангоми қабули мусофирон.

## НАҚЛИЁТ

Роҳи асосие, ки дар ибтидои асри 19 Душанберо бо дигар ноҳияҳо мепайваст, роҳи аробагарди Ғузор – Душанбе буд. Дар ин самт 4 ҳазор шутур бор мекашид. Дарозии роҳ ба 290 км мерасид, корвонҳои иборат аз 200–300 шутур бо дастаи муҳофизон пайваста дар ҳаракат буданд. Корвон дар шароити мусоиди обу ҳаво ин масофаро дар муддати 12–13 рӯз тай мекард. Баъд аз пойтахти ҶМШС Тоҷикистон эълон шудани Душанбе, роҳи Ғузор – Душанбе барои автомошинҳо бисёр ба душворӣ истифода мешуд. Дар шароити бероҳӣ дар солҳои аввали сохтмони сотсиалистӣ барои ҷумҳурӣ хусусан нақлиёти ҳавоӣ аҳаммияти бузург дошт.

**О**хири соли 1924 дар Душанбе, дар минтақаи хиёбони имрӯзаи Рӯдакӣ, дар бахше, ки аз ҶС «Матбуот» то Вазорати адлияро дар бар мегирад, фурудгоҳи хурде таҷҳизонида шуд. Соли 1929 ба сабаби тараққӣ кардани шаҳр масъалаи ба ҷои нав кӯчонидани фурудгоҳ ба миён омад. Барои ин қитъаи замине, ки дар паси деҳаи Шоҳмансур ҷой дошт, ҷудо карда шуд. Тобистони соли 1930 фурудгоҳи нав ифтитоҳ ёфт. Соли 1931 ду ҳавопаймои мусофиркаш барои фаъолияти доимӣ ба Сталинобод интиқол дода шуд.

Соли 1926 Шӯрои меҳнату мудофиа дар бораи сохтани роҳи оҳани Тирмиз – Душанбе қарор қабул кард. 15 октябри 1929 дар рӯзи ифтитоҳи Анҷумани фавқулодаи Шӯроҳои Тоҷикистон қатораи аввалин ба пойтахт омад. Тӯли умумии роҳи оҳани Тирмиз – Сталинобод 225 км буд.

Соли 1926 аз Тирмиз ба Душанбе аввалин автомобил омад. Соли 1929 дар Душанбе идораи ҷумҳуриявии «Союзтранс» таъсис ёфт, ки дар ибтидои соли 1931 дорои 84 мошини боркаш, 1012 аспи аробакаш ва 2 ҳазор шутури боркаш буд. Охири соли 1929 дар кӯчаҳои шаҳри Душанбе якумин автобуси «Форд» ба гардиш даромад. Ҳаракати мунтазами автобусҳо дар шаҳр соли 1930 ба роҳ монда шуда, хати автобусгарди «Вокзал – Шаҳр» бо тӯли 2,5 км ба кор даромад. Соли 1937 дар пойтахт таксиҳои сабукрав ба кор оғоз карданд. Ҳоло Душанбе бузургтарин чорсӯи нақлиётии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб мешавад. Пойтахти ҷумҳурӣ тавассути хатҳои мунтазами ҳавоӣ, роҳи оҳан ва автомобилӣ бо бисёр шаҳрҳои ИДМ пайваст аст. Дар шаҳр навъҳои нав ва муосири нақлиёт, ки бо нишондодҳои баланди самаранокии худ фарқ доранд, мавриди истифода қарор мегиранд.

Корхонаи мусофиркаш бо автобусҳои тамғаҳои замонавии олмонӣ, венгерӣ, чинӣ ва русӣ таъмин мешавад. Ин автобусҳо аз рӯи ҳамаи нишондодҳо бароҳат буда, дар 32 хатсайри шаҳрӣ амал мекунанд. Ҳукумати шаҳри Душанбе соли 2003-юм 50 автобуси тамғаи ЛиАЗ-5256-30 ва 100 микроавтобуси «Газел» харидорӣ кард. Инчунин 10 автобус аз Ҳиндустон ворид гардид.

Соли 2004 бо ҶММ «ТСУ Русавтопром НП» дар бораи харидани 50 автобуси тамғаи ЛиАЗ-5256-30 шартнома баста шуда, ба ихтиёри корхонаҳои нақлиётии шаҳр дода шуданд.

Дар шаҳр қароргоҳи троллейбусҳо мавҷуд аст, ки дорои троллейбусҳои сервусъату бароҳат мебошад. Солҳои охир он бо троллейбусҳои нави истеҳсоли Руссия таъмин карда шуд. Харидани боз 50 троллейбуси нав барои мусофиркашонӣ дар хатсайрҳои нақлиёти шаҳрӣ ба нақша гирифта шудааст. Ҳукумати шаҳр тасмим гирифтааст, ки дар муддати 5 соли оянда дар ҳамаи хатсайрҳои шаҳр воситаҳои нақлиётро нав кунад. Душанбе бо хатсайрҳои мустақими мусофиркашонӣ бо бисёр шаҳрҳову ноҳияҳои ҷумҳурӣ пайваст аст. Соли 2012 дар муассисаҳои соҳаи нақлиёт ва алоқаи шаҳр 14,7 ҳазор нафар коргар машғули кор буданд. Дар ҳамин давра ҳаҷми умумии боркашонӣ бо нақлиёти автомобилӣ дар шаҳри Душанбе 5142,8 ҳазор тонна, мусофиркашонӣ бо автобусҳо 506,6 млн нафар ва бо троллейбус 10,3 млн нафарро ташкил дод.

Дар Душанбе Автовокзали марказӣ ва якчанд истгоҳи автобусҳо фаъолият доранд, ки ба ташкилу танзими ҳамлу нақли беруназшаҳрии мусофирон машғуланд. Дар охири хатҳо ва дар истгоҳҳо барои истироҳати мусофирон шароит муҳайё карда шудааст.

Баъд аз истиқлол сохтори нақлиёти мусофиркашонии шаҳр дигаргун шуд. Ҳар рӯз дар хатсайрҳои шаҳр ҳазорҳо воҳид нақлиёти давлатӣ ва хусусӣ кор мекунад (ҳиссаи нақлиёти хусусӣ 70%-и ҳаҷми умумии ҳамлу нақли мусофиронро ташкил медиҳад). Дар ҳаҷми умумии ҳамлу нақли шаҳрӣ ва беруншаҳрии мусофирон ҳиссаи бахши хусусӣ хеле афзоиш ёфтааст. Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳр фаъолияти бахши хусусиро танзим намуда, назорат мекунад, ки мошинҳо мувофиқи табъ ва аз назари зистшиносӣ безарар бошанд ва дар хатсайрҳои шаҳрӣ ҳаракат кунанд.

Дар шаҳри Душанбе фурудгоҳи байналмилалӣ мавҷуд

аст. Ҳавопаймоҳои ҳозиразамон Душанберо бо дигар шаҳрҳои ҷумҳурӣ, калонтарин марказҳои фарҳангию маъмурӣ ва саноатии кишварҳои хориҷии дуру наздик пайваст мекунанд. Таъмири хатти парвоз ба анҷом расид ва фурудгоҳ барои қабули ҳавопаймоҳои боркаш ва мусофиркаши бузург омода аст. Терминали нави мусофирон ба истифода дода шуд, ки аз боло рафтани самаранокии фаъолияти фурудгоҳ гувоҳӣ медиҳад. Ширкати ҳавопаймоии давлатии Тоҷикистон ва маъмурияти Фурудгоҳи Душанбе дар нақша дорад, ки боз як терминали байналмилалии дигар созад ва имкони парвозҳои байналмилалиро афзоиш диҳад. Фурудгоҳ бо ҳавопаймоҳои тамғаи Боинг-757 ва аэробуси А-320 мукаммал карда шуд.

Дар пойтахт зиёда аз 80 сол боз истгоҳи роҳи оҳани калон амал мекунад. Роҳи оҳан Тоҷикистонро бо Маскав, Астрахан, Самара, Самарқанд ва дигар шаҳрҳои кишварҳои хориҷии наздик мепайвандад. Байни шаҳри Душанбе ва ноҳияҳои шимоли Тоҷикистон низ рафтуои қатораҳо ба роҳ монда шудааст. Вазорати нақлиёт ва роҳбарияти корхонаи воҳиди давлатии «Роҳи оҳани Тоҷикистон» дар назар доранд, ки дар маркази шаҳр истгоҳи нави бузурги роҳи оҳан созад, ки ҷавобгӯи талаботи байналмилалӣ бошад.



Ширкати «Вавилон-мобайл» ба муштарии миллионуми худ автомобил ҳадя мекунад.

## АЛОҚА

Душанбе маркази алоқаи барид (почта) ва телекоммуникатсионии кишвар маҳсуб мешавад. Ҳоло аҳолии шаҳр имкон дорад, ки нома, телеграмма, факс, амонат (посилка) ва бастаҳои худро ба ҳар ҷо фиристад ва инчунин бо ҳар шаҳри дунё, ки хоста бошад, гуфтугӯи телефонӣ баргузор кунад.

Аввалин шуъбаи барид (почта) дар шаҳри Душанбе соли 1924 ифтитоҳ ёфт. Соли 1927 хатҳо (трактҳо)-и почтавии Душанбе – Қӯрғонтеппа, Душанбе – Ромит – Хоруғ ба кор даромаданд. Соли 1930 дар пойтахт Идораи алоқаи тоҷик таъсис шуд. Соли 1935 Идораи почтаи пойтахт ба бинои нави Почтамти замонавӣ интиқол дода шуд. Ҳоло дар шаҳр беш аз 50 шуъбаи почта ба аҳолӣ хидмат мерасонанд.

Дар қаламрави Бухорои Шарқӣ, ки шаҳри Душанбе ба ҳайати он дохил буд, бори аввал соли 1924 алоқаи телеграфӣ Бухорои Навро бо Тирмиз ва Тошканд пайваст. Соли 1927 миёни Душанбе, Самарқанд, Кӯлоб, Файзобод, Ромит, Қӯрғонтеппа, Ҷиликӯл, Панҷ ва Ҳисор алоқаи телеграфӣ ба роҳ монда шуд. Соли 1935 хатҳои телеграфии Душанбе – Хуҷанд – Истаравшан, Душанбе – Кӯлоб – Ховалинг ба кор дароварда шуд. Аз соли 1955 сар карда алоқаи телеграфӣ автоматӣ кунонда шуд; соли 1960 таҷҳизоти телеграфии кӯҳна ба таҷҳизоти такмилёфтаи СТ-35 иваз гашт, ки аз рӯи низоми бисёрканалии баландсифати алоқа кор мекунанд. Дар шаҳр навъи нави алоқа – телеграфи муштарак ба роҳ монда шуд, ки ба корхонаҳои саноатӣ имкон медиҳад бо ҳам алоқа ва мустақиман гуфтугӯ кунанд.

Алоқаи телеграфии шаҳр ба низоми иртибототи мустақим пайваст аст. Дар пойтахт пойгоҳи ирсоли маълумот бо телеграф насб карда шудааст. Тамоми шабакаи телеграфии ҷумҳурӣ, аз ҷумла, шаҳри Душанбе, дар солҳои охир таҷдид шудааст. Ба ҷойи таҷҳизоти наворӣ таҷҳизоти ҳозиразамони рақамӣ ва мувофиқ ба кор дароварда шуд.

Аз соли 1959 дар шаҳри Душанбе студия ва маркази телевизион амал мекунанд. Соли 1966 дар миёни Душанбе ва Маскав алоқаи телевизионӣ ба кор даромад. Соли 1975 Маркази телевизионии Душанбе усули намоиши рангаро оғоз намуд. Сокинони пойтахт барои қабули барномаҳои телестудияҳои милали ҷаҳон ба забонҳои гуногун имкон доранд. Ҳоло ба ғайр аз намоиши Телевизиони «Тоҷикистон» аҳолии пойтахт боз намоишҳои шабакаҳои телевизионии «Сафина», «Ҷаҳоннамо», «Баҳористон», ТВ–Варзиш, ТВ–Синамо, «Пойтахт» ва ғайраро низ тамошо мекунанд.

Солҳои Ҳокимияти Шӯравӣ дар шаҳри Душанбе алоқаи телефонии бисёрсоҳа ба роҳ монда шуд. Соли 1924 дар пойтахт якумин мақсам (коммутатор)-и телефонии МБ барои 50 рақам насб ва соли 1929 якумин пойгоҳи телефонии шаҳрии дорои 250 рақам бунёд ёфта буд. Аз соли 2004 дар шаҳри Душанбе 11 пойгоҳи телефонии худкор (116 ҳазор рақам) фаъолият дорад. Пойгоҳҳои телефонӣ бо техникаҳои муосир таҷҳиз шудаанд. Соли 1996 дар Душанбе якумин пойгоҳи радиотелефонии дастӣ (сотӣ) ба фаъолият оғоз кард, ки бо шабакаи телефонии маҳаллии байнишаҳрӣ ва байналмилалӣ пайваст ме-

бошад. Соле баъд алоқаи радиоиктишофӣ (пейчинг) ба роҳ монда шуд.

Ба ғайр аз ширкатҳои давлатӣ чанд ширкати хусусӣ вуҷуд доранд, ки ба кори ташкили алоқаи телефонии мобилӣ машғуланд. Ба иловаи «Тоҷиктелеком» дар ин ришта ширкатҳои «Вавилон», «Телеком Технолоҷӣ», «Tcell», «Мегафон-Тоҷикистон», «Билайн», «ТК-мобайл», «Мтеко» ва ғайра маъруфият пайдо кардаанд. Дар ҳамаи шаҳру маҳаллаҳои пойтахт, инчунин дар хиёбонҳову кӯчаҳои асосии шаҳр телефонҷойҳо мавҷуданд, ки аҳолӣ аз тариқи онҳо имкон дорад гуфтугӯи байнишаҳрӣ ва байналмилалӣ анҷом диҳад.



Маҷмааи тиҷоратии «Ганҷина».

## САВДО ВА ХӮРОКИ УМУМӢ

Душанбе яке аз бузургтарин марказҳои тиҷоратии ҷумҳурӣ мебошад. Савдо дар шаҳри Душанбе махсусан солҳои 60–90 асри гузашта дар натиҷаи тараққӣ ёфтани хоҷагии халқ, болоравии некӯаҳволии моддии меҳнаткашон ва қобилияти харидории аҳолӣ бо суръат инкишоф ёфт. Дар ин давра гардиши моли чакана аз 4 млн рубл (1933) то 336,6 млн сомонӣ (2003) афзуд. Соли 2002 ҳаҷми гардиши моли чакана (дар ҳама соҳаҳои савдо) 33,5 -и фоизи нишондиҳандаҳои умумии ҷумҳуриро ташкил дод.

Гардиши мол ба ҳисоби ҳар нафар аҳолии шаҳр аз 339 рубл (1950) то 1778 (1990) афзуда, соли 2003-юм 581,9 сомониро ташкил дод. Дар ҳаҷми умумии гардиши моли чаканаи савдои шаҳр дар соли 2012 маблағи 1589,4 млн сомониро ташкил дод 17,6%-и ҳаҷми умумии гардиши моли чаканаи ҷумҳурӣ.

Дар соҳаи савдо, хӯроки умумӣ, истеҳсоли маҳсулот, таъминоти моддию техникӣ ба ҳисоби миёна дар соли 1940 – 5,2 ҳазор нафар, 1950 – 5,4 ҳазор нафар, 1960 – 9,5 ҳазор нафар, 1965 – 11,6 ҳазор нафар, 1970 – 11 ҳазор нафар коргарону хидматчиён кор мекарданд. Соли 2003 ин рақам ба 17,2 ҳазор нафар (бо назардошти соҳибкорони хусусӣ) расид, яъне нисбат ба соли 1940-ум 3,3 баробар афзуд.

Дар тӯли 90 сол дар шаҳри Душанбе заминаи моддию техникии савдо пойдор гашт. Фаъолияти мағозаҳои ҳозиразамон, ошхонаҳо ва дигар корхонаҳои савдои чакана ва хӯроки умумӣ, таъмин бо таҷҳизоти замонавии техникӣ, фаровонии анвои молҳои хӯрокворию саноатӣ мисоли равшани афзоиши иқтисодиёт, маданият ва некӯаҳволии аҳолии шаҳр мебошанд. Дар ин давра дар шаҳри Душанбе мағозаҳои калон – Фурӯшгоҳи марказӣ (СУМ), «Гулистон», «Олами кӯдакон», марказҳои савдои «Рахш», «Ғулом», «Садбарг», «Баҳор», «Моҳи нав», «Европа» ва ғайра, чойхонаҳои «Роҳат», «Саодат», тарабхонаҳои «Тоҷикистон», «Душанбе», «Сомониён», «Истаравшан», «Помир», «Вахш», «Оли Сомон», «Гулдаста», «Дӯстӣ», «Парасту», «Суғдиён» ва ғайра сохта ба истифода дода шуданд.

Солҳои 1920–21 дар ҳудуди шаҳри Душанбе як бозор мавҷуд буд. Соли 2002 шумораи бозорҳои мол, озуқа ва молҳои омехта нисбат ба соли 1990-ум 2,7 маротиба афзуд ва ба 27 адад расид, ки 7-тои онҳо («Саховат», «Корвон», «Пойтахт», «Шоҳмансур», «Султони Кабир», «Фаровон», «Сафариён» ва ғайра) бозорҳои калон мебошанд.

То соли 1990 дар пойтахт соҳаи савдо дар ду шакл инкишоф ёфт: давлатӣ ва кооперативӣ. Сол аз сол ҳаҷми хидматрасониҳои пулакӣ ва адои хидмати маишӣ ба аҳолии шаҳр зиёд мегардад. Дар соли 2012 ҳаҷми умумии хидмати пулакии расонидашуда маблағи 3071319,6 ҳазор сомонӣ ва ҳаҷми умумии адои хидмати маишӣ маблағи 20300,9 ҳазор сомониро ташкил дод, ки дар ҳаҷми умумии хидматҳои расонидашудаи ҷумҳурӣ 69,9% ва 46,2%-ро ташкил додааст.



Меҳмонсарои «Пойтахт».

## ХОҶАГИИ КОММУНАЛИЮ МАНЗИЛ

Хоҷагии коммуналӣ фонди манзил, таъмини қувваи барқ, обу газ, корез (канализатсия) ва софкории партовҳо, кашондани партовҳо, кабудизоргардонӣ, умури тармиму таъмир ва истифодабариро дар бар мегирад. Ташаккул ва рушди хоҷагии коммуналии шаҳри Душанбе солҳои 20 асри 20 оғоз ёфт. То ин вақт дар пойтахт манзилҳо аз рӯи тартиби муайян сохта намешуданд; хонаҳо асосан похсадевори якошёна буданд. Аҳолӣ оби нӯшокиро аз дарёи Душанбе, чоҳҳо ва ҳавзу ҷӯйҳо мегирифт.

Сохтмони аввалин биноҳои иқоматии дуошёнаву сеошёнаи замонавӣ солҳои 30 асри 20 оғоз шуд. Баробари инкишофи саноати бинокорӣ ва сохтмони биноҳои калонпанел суръати сохтмони манзил афзуд. Миқдори зиёди манзил дар солҳои 1970–80 сохта шуд. Дар ин давра асосан биноҳои иқоматии 9–12-ошёна сохта шуданд.

Дар соли 2012 масоҳати умумии фонди манзили шаҳр ба 8169,9 ҳазор метри мураббаъ баробар буд, ки ба ҳар як сокини пойтахт 10,8 м$^2$ рост меомад. Ба ҳиссаи фоизи манзили давлатии ҷамъиятӣ ва фонди манзилию сохтмонӣ ва манзилҳои кооперативӣ 5,6% рост омада, 459,6 ҳазор м$^2$-ро ташкил медиҳад.

Солҳои охир талаботи шаҳр ба неруи барқ хеле афзуд ва бештар аз 1800 млн кВт соатро ташкил дод. Шаҳр бо неруи барқ аз манбаъҳои барқи худӣ (Неругоҳҳои барқи обии Варзоб, Маркази барқу гармидиҳии Душанбе) ва шабакаи барқдиҳии мамлакат таъмин карда мешавад. Иқтидори умумии неругоҳҳои барқи обии Варзоб ва Маркази барқу гармидиҳии Душанбе 243,4 ҳазор кВт мебошад, ки талаботи шаҳрро ба қувваи барқ таъмин карда наметавонанд. Бинобар ин қисми зиёди қувваи барқ аз НБО-и Норак гирифта мешавад.

Аҳолии шаҳр бори аввал гази табиӣ ва гази моеъро аввали солҳои 60 истифода бурд. То соли 2004 дар пойтахт ба 106,6 ҳазор манзил (тӯли шабакаи газ 616 км) газ гузаронида шуда буд.

Яке аз соҳаи асосии умури беҳдошту техникӣ таъминот бо об ва ба роҳ мондани кори канализатсияҳо мебошад. Дар шаҳри Душанбе нахустин обрасон (водопровод) соли 1932 сохта шуд ва 9 км дарозӣ дошт (600 м$^3$/шабонарӯз). Ҳоло дар пойтахт таъминоти об марказонида шудааст. Дарозии шабакаи обрасонҳо 476 км, аз ҷумла, обрасонҳои магистралӣ 111 км-ро ташкил медиҳанд. Захираи умумии оби ошомиданӣ барои бо об таъмин кардани пойтахт дар як шабонарӯз 2500 ҳазор м$^3$ мебошад.

Силсилаи муосири обтаъминкунӣ аз маҷмӯи иншооту дастгоҳҳои мураккаб иборат буда, истихроҷ, софкорӣ, безараргардонӣ ва ба истеъмолкунандагон расонидани оби хушсифат ва дорои фишори зарурӣро таъмин мекунад.

Шабакаи обрасонии шаҳр аз се манбаъ – Варзоб, Кофарниҳон ва чоҳҳои артезианӣ бо об таъмин карда мешавад, ки иқтидори умумии онҳо дар як шабонарӯз 345 ҳазор м$^3$ мебошад. Ғайр аз ин, як қатор корхонаҳои саноатии шаҳр манбаъҳои обгирии худро доранд, ки иқтидори умумии онҳо дар як шабонарӯз ба бештар аз 72 ҳазор м$^3$ мерасад. Гулзорҳо ва дарахтзорҳои шаҳр аз наҳрҳое обёрӣ мешаванд, ки аз дарёи Варзоб об мегиранд; иқтидори умумии онҳо дар як шабонарӯз 227 ҳазор м$^3$ мебошад. Ҳаҷми истеъмоли об аз ҷониби корхонаҳои саноатӣ, коммуналию маишӣ ва аҳолӣ ҳамасола меафзояд. Фақат дар соли 2000 он дар як шабонарӯз 115 млн м$^3$-ро ташкил дод. Иқтидори истеҳсолии иншооти обтаъминкунӣ дар соли 2002 дар як шабонарӯз ба 415 ҳазор м$^3$ расид. Ба ҳар сокини шаҳр дар як шабонарӯз бештар аз 200 л оби тоза дода мешавад.

Сохтмони шабакаи корез (канализатсия) ва коллекторҳо дар шаҳри Душанбе соли 1935 оғоз ёфт. Ҳоло тӯли умумии шабакаи корез 225 км, аз ҷумла, шабакаҳои тоқаи кӯчагӣ 138 км, коллекторҳои асосӣ 90 км-ро ташкил медиҳад. Иншооти софкорӣ дар соҳили рости шаҳр ҷойгиранд. Иқтидори онҳо дар як шабонарӯз 284,5 ҳазор м$^3$ мебошад. Тавассути шабакаи корез дар як сол ба ҳисоби миёна 1105 млн м$^3$ оби ҷорӣ мешавад.

Ҳамаи обҳои ҷорӣ бо роҳи механикӣ ва 40 дарсадашон бо роҳи биологӣ тоза карда мешаванд.

Баробари васеъ шудани ҳудуди шаҳр масоҳати умумии кӯчаҳо, пиёдароҳҳо, гузаргоҳҳо, гулгаштҳо меафзояд. Ҳоло масоҳати онҳо бештар аз 7500 ҳазор м$^3$-ро ташкил медиҳад. Баҳри сабзкории шаҳр аз тухми гиёҳу дарахтон истифода мекунанд. Майдони дарахтзорҳои истифодаи умум 711 га мебошад. Дар шаҳри Душанбе бештар аз 30 меҳмонхона мавҷуд аст, ки дар маҷмӯъ дорои 4,2 ҳазор ҷой мебошанд. «Тоҷикистон», «Авесто», «Вахш», «Пойтахт», «НУАТТ», «Серена-Душанбе», «Азия Гранд», «Шератон» аз ҷумлаи калонтарин меҳмонхонаҳои шаҳранд.



Бинои Комбинати полиграфии Душанбе.

## МАТБУОТ, РАДИО ВА ТЕЛЕВИЗИОН

**Табъу нашр.** Китобро дар Осиёи Марказӣ аз асрҳои 9–6 то милод медонистанд. Санъати саҳҳофӣ анъанаи ҳазорсола дорад. Эҷодкорон ва саҳҳофонро аз қадим хурмату эҳтиром мекарданд. Номи хаттотон, минётурнигорон, лаввоҳон ва саҳҳофони машҳур ба аксари ҳамзамонон маълум буд. Хатти зебои хаттотон ҳамчун асари хунар бо меҳру муҳаббат ҷамъоварӣ мешуд. Онҳо манзили одамонро оро медоданд. Дастхатҳои бо табъи баланд, шерозаҳои зебо, минётурҳо ва ғайра ородода ба чашм ҷило мебахшанд, аз ҳунари фавқулодаи офарандагони боистеъдоди онҳо шаҳодат медиҳанд.

Танзими дастхатҳо кори басо душвор, заҳматталаб ва гарон буд. Танҳо одамони сарватманд китоб харида метавонистанду бас. Ташаккул ва санъати нашри китоб дар Тоҷикистон дар шароити басо мураккаб ба вуқӯъ пайваст. Дар ҳудуди Тоҷикистони имрӯза то соли 1924 корхонаҳои полиграфӣ ва табъу нашр вуҷуд надоштанд. Муҳаррирон, тарҷумонҳо, мусаҳҳеҳон ва ноширони миллӣ набуданд. Бинобар ин, дар ибтидо нашри китобҳо берун аз ҳудуди Ҷумҳурӣ сурат мегирифт. Ҳарчанд Нашриёти давлатии Тоҷикистон октябри 1925 таъсис ёфта буд (аз соли 1964 «Ирфон»), маҳсулоти он солҳои аввал дар Самарқанд, Тошканд, Санкт-Петербург, Қазон, Симферопол чоп мешуд.

Матбааи аввалин соли 1924 дар Душанбе ташкил шуд. Барои фаъолияти коргарони он бинои муносиб, коғаз, ранг ва мошинҳои чоп намерасиданд. Бо вуҷуди ин чопи китобҳо ба забони тоҷикӣ ба роҳ монда шуд. Соли 1925 – 4 ва 1926 – 13 номгӯй китоб бо теъдоди бештар аз 56 ҳазор нусха чоп карда шуд. Солҳои баъди ҷанг теъдоди нашри китоб дар Душанбе хеле афзуд. Дар ин кор Матбааи аввалини Душанбе (ҳоло ҶС «Матбуот») – базаи асосии полиграфии ҷумҳурӣ, ки соли 1934 сохта шуд, нақши муҳим бозид. Минбаъд дар пойтахт нашриёту чопхонаҳои нав ташкил карда шуданд: нашриёти Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон – «Дониш» (1964), «Тоҷикучпедгиз» (1958; соли 1963 бо Нашриёти давлатии Тоҷикистон муттаҳид карда шуд, ҳоло «Ирфон»), Кумитаи давлатии табъу нашр (Шуъбаи тоҷикистонии идораи марказии омори ИҶШС, 1948; аз 1964 нашриёти иттиҳодияи давлатии «Союзучетиздат» ва баъд он номи «Санадвора»-ро гирифта буд, Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи Советии Тоҷик (1969; ҳоло МДСИЭМТ), Комбинати полиграфӣ (1976) ва ғайра.

Соли 1963 дар назди Шӯрои Вазирони Тоҷикистон Кумитаи давлатӣ оид ба корҳои нашриёт таъсис ёфт, ки баъд ба Кумитаи давлатии ҶШС Тоҷикистон оид ба корҳои нашриёт, полиграфия ва савдои китоб табдил дода шуд. Ҳоло Раёсати табъу нашр ва матбуоти Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Айни замон дар шаҳри Душанбе 61 нашриёт, аз ҷумла, 10 давлатӣ, 46 хусусӣ, 6 ҷамъиятӣ ва 198 чопхонаи хурду миёна, аз ҷумла, 16 давлативу 182 ғайридавлатӣ фаъолият намуда, на танҳо талаботи шаҳри Душанбе, балки тамоми мамлакатро бо маҳсулоти чопӣ қонеъ мегардонанд, ки «Ирфон», «Адиб», «Маориф», «Дониш», Муассисаи давлатии Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи Миллии Тоҷик, «Адабиёти бачагона», Комбинати полиграфии Душанбе, КВД Комплекси табъу нашри «Шарқи Озод», нашриёту матбааҳои хусусиву ҷамъиятии «Истеъдод», «Интишор», «Эр-граф», «Офсет», «Оила», «Мушфиқӣ», «Чархи гардун», «Контраст», «Торус», «Орбита», «Аржанг», «Мега принт» ва ғайра аз зумраи онҳо мебошанд.

**Матбуоти даврӣ.** Дар Душанбе аввалин нашрияи даврӣ рӯзномаи «По босмачу!» буд, ки аз декабри 1923 дар гарнизони ҳарбии Душанбе ба забони русӣ чоп мешуд. Рӯзнома масъалаҳои бозсозии иқтисодӣ ва сиёсии ҷумҳуриро тавзеҳ дода, деҳқононро ба мубориза зидди босмачиён даъват мекард.

Марти 1925 рӯзномаи «Иди тоҷик» ва «Бедории тоҷик» (октябри 1928 «Тоҷикистони сурх», аз соли 1955 «Тоҷикистони советӣ» ном гирифт; ҳоло «Ҷумҳурият») ба табъ мерасиданд.

Соли 1925 рӯзномаҳои «Советский Таджикистан» (соли 1955 «Коммунист Таджикистана» ном гирифт; ҳоло «Народная газета»), «Қизил Тожикистони» (баъд «Совет Тожикистони», ҳоло «Халқ овози») чоп мешуданд. Соли 1930 рӯзномаҳои «Комсомоли Тоҷикистон» (ҳоло «Ҷавонони Тоҷикистон»), соли 1932 «Пионери Тоҷикистон» (ҳоло «Анбоз»), «Барои маорифи коммунистӣ» (баъдтар «Газетаи муаллимон» ва соли 1959 «Маориф ва маданият» ном гирифт), аз соли 1938 «Сталинская молодёжь», «Комсомолец Таджикистана» ба табъ мерасиданд. Соли 1981 «Маориф ва маданият» ба ду рӯзномаи мустақил тақсим шуд: «Газетаи муаллимон» (ҳоло «Омӯзгор») ва «Маданияти Тоҷикистон» (аз майи 1984 «Адабиёт ва санъат»).

Соли 1968 шумораи аввалини рӯзномаи «Вечерний Душанбе» – нашрияи комитети шаҳрии ҲК шаҳри Душанбе (ҳоло ҳафтаномаи ҶДММ-и «Чархи гардун») ва соли 1990 шумораи нахустини рӯзномаи «Паёми Душанбе» – нашрияи Шӯрои депутатҳои меҳнаткашони шаҳри Душанбе (ҳоло рӯзномаи ҷамъиятию сиёсии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе) чоп мешаванд.

Дар Душанбе, ҳамчунин 4 рӯзномаи ноҳиявӣ ба табъ мерасад: «Шоҳмансур» (1997) – нашрияи Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Шоҳмансур, «Сино» (1998) – нашрияи Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Сино, «Файзи истиқлол» (2001) – нашрияи Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Исмоили Сомонӣ, «Фурӯғ» (2002) – нашрияи Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Фирдавсӣ.

Дар тӯли 90 соли пойтахт эълон шудани Душанбе, маҷаллаҳои зиёд ба табъ расиданд. Маҷаллаи аввалин – «Дониш ва омӯзиш» соли 1926 нашр шуд. Он маҷаллаи сиёсӣ, таълимӣ ва тарбиявии Вазорати маориф буда, ҳамагӣ ду шумора чоп шуд. Солҳои 1927–30 ба забони тоҷикӣ маҷаллаи оммавию сиёсӣ ва адабию бадеии «Раҳбари дониш» ба табъ расид (шумораи аввали он бо номи «Дониш–биниш» чоп шуд). Соли 1932 маҷаллаҳои «Инқилоби маданӣ» (аз соли 1938 «Мактаби советӣ», ҳоло «Маърифат») ва «Барои адабиёти сотсиалистӣ» (аз соли 1938 «Шарқи Сурх» ва соли 1966 «Садои Шарқ» ном гирифт) дастраси хонандагон гардиданд. Аз соли 1933 маҷаллаи тиббии «Здравоохранение Таджикистана», соли 1936 маҷаллаи «Коммунисти Тоҷикистон», соли 1952 маҷаллаи «Пионер» (ҳоло «Истиқбол»), ҳамчунин маҷаллаҳои «Хоҷагии қишлоқи Тоҷикистон», «Агитатори Тоҷикистон», «Русский язык», «Хорпуштак», «Памир» ба табъ расиданд.

Ҳоло дар Душанбе дар маҷмӯъ 193 рӯзнома, аз ҷумла, 4 рӯзномаи давлатии ҷумҳуриявӣ («Садои мардум», «Ҷумҳурият», «Народная газета», «Халқ овози), 5 рӯзномаи шаҳриву ноҳиявӣ, 35 рӯзномаи давлатии соҳавӣ («Омӯзгор», «Ҷавонони Тоҷикистон», «Нақлиёт», «Бочу хироҷ», «Қонун ва ҷомеа», «Баҳори Аҷам» ва ғайра), 7 рӯзномаи ҳизбӣ («Минбари халқ», «Меҳргон», «Иқтисод ва ҳаёт», «Нидои ранҷбар», «Мароми пойтахт», ва ғайра) 47 рӯзномаи ташкилотҳои гуногуни ҷамъиятӣ («Фараж», «Нигоҳ», «Нури зиндагӣ», «Пайкон» ва ғайра), 94 рӯзномаи хусусӣ («Азия плюс», «Имрӯз news», «Чархи гардун», «Оила», «Миллат», «Озодагон», «СССР» ва ғайра) ва 170 маҷалла, аз ҷумла, 1 маҷаллаи давлатии ҷумҳуриявӣ («Бонувони Тоҷикистон»), 78 маҷаллаи давлатии соҳавӣ («Садои Шарқ», «Тоҷикистон», «Фирӯза», «Ахбори Академияи илмҳои Тоҷикистон», «Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ», «Идоракунии давлатӣ» ва ғайра), 44 маҷаллаи ташкилоту созмонҳои ҷамъиятӣ («Даво», «Адвокат», «Сохтмон ва меъморӣ», «Ронанда» ва ғайра), 45 хусусӣ («Vip-zone», «Варзиш-спорт», «Садоқат», «Тоҷикони ҷаҳон», «Равзанаи шифо» ва ғайра) ва 2 маҷаллаи ҳизбӣ чоп ва паҳн карда мешаванд. Аз 11 агентии иттилоотии дар Тоҷикистон амалкунанда 9 ададаш («Ховар», «Азия-плюс», «TojNews», «Озодагон», «Авесто» ва ғайра) дар шаҳри Душанбе воқеъ аст.

**Радио.** Нахустин радио дар пойтахти Тоҷикистон (шаҳри Сталинобод) 10 апрели 1930 ташкил шудааст. Он дар «Хонаи деҳқон» воқеъ буд. Р. Мӯъминов – раиси Кумитаи радио (1932–1933), С. Зоҳиров, Қ. Самаров, Ҳ. Шарифов, С. Бурҳонов, Қ. Дайламӣ, М. Рустамова, М. Ашрафӣ, А. Ржевская , А. Глуховский, А. Гарамов, М. Мишин, Е. Герасимов, С. Вафоев аввалин роҳбар ва кормандони радиои ҷумҳурӣ буданд.

То соли 1934 дар ҷумҳурӣ 24 радиоузели дорои иқтидори умумии 306 ватт ва 2550 нуқтаҳои радио мавҷуд буд. Маркази алоқаи пойтахт дорои 502 нуқта буд, ҳол он ки имкони хидматрасонии 3000 нуқтаро дошт. Соли 1934 дар пойтахт 600 нуқтаи радио ба қайд гирифта шуда буд. Лоиҳаи бунёди маҷмааи радиошунавонии шаҳри Душанбе соли 1936 таҳия ва бо Ҳукумати Тоҷикистон мувофиқа гардидааст.

16-уми октябри 1949 идораи барномаҳои бурунмарзии радиои Тоҷикистон ба фаъолият оғоз кард. ҶШС Тоҷикистон яке аз нахустин ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ буд, ки дар он идораи барномаҳои бурунмарзӣ таъсис ёфт. Солҳои аввал барномаҳои бахши дарӣ ва форсӣ 15 дақиқагӣ пахш мешуданд. Дар мавзӯъҳои муҳимми рӯз шарҳу тафсир, гузоришу мусоҳибаҳо шунавонида мешуданд. Шарқшиносони маъруфи шӯравӣ А. Болдирев, И. Брагинский, А. Бертелс, М. Занд, О. Смирнова, Е. Примаков ва дигарон бо идораи гуфторҳои бурунмарзӣ ҳамкорӣ кардаанд. Бо тақозои замон ҳаҷми барномаҳо афзуда, соли 1958 барномаҳои бахши дарӣ ба як соат ва форсӣ ба ним соат расиданд.

Соли 1948 дар Тоҷикистон маҷмааи радиоӣ ташкил шуд; имкони алоқа бо марказҳои вилоят, шаҳр, ноҳияҳо васеъ гардид, алоқаи телеграфӣ бо Маскав ва қисмати шарқии вилоятҳои Русия, аз ҷумла, Новосибирск ва Хабаровск роҳандозӣ шуд. Соли 1952 дар паҳлуи мавҷгири баландияш 125 м иморати техникӣ сохта шуд. Ҳамчунин дар бинои нав 13 фиристандаи навъи КВ бо иқтидори 5 кВт бо маҷмӯи мавҷгирҳо ба кор андохта шуд.

15 феврали с. 1950 лоиҳаи бозсозии Маркази радиоии Сталинобод мураттаб гардид. Ҳамчунин, тадбирҳои иловагӣ бобати навсозии воситаҳои техникӣ, насби фиристандаҳои кӯтоҳ, маҷмааи мавҷгирҳои самтнок ба роҳ монда шуд.

21 январи 1953 дар ҳайати иншооти 707/206 зерсохторҳои пойгоҳи ирсол, пойгоҳи қабул, хатти таъмини неруи барқи 35 кВт, хатти кабели алоқаи пойгоҳи радиоӣ, шаҳ-



Бинои Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.

раки иқоматӣ ворид буданд. Пойгоҳи ирсол солҳои 1953–1955 мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифта, яке аз иншоотҳои муҳимтарини Иттиҳоди Шӯравӣ маҳсуб меёфт. Дар ду иншоот фиристандаҳои дорои иқтидори 150 кВт ва дорои 12 иқтидори мавҷҳои кӯтоҳ насб гардид. Насби системаи нави мавҷгирҳо барои фиристандаи «Иней» имкон дод, ки аз мавҷҳои радиоҳои хориҷӣ пешгирӣ шавад.

Дар замони истиқлол радиои Тоҷикистон чун воситаи муқтадири иттилоотӣ дар бозори иттилооти мамлакат нақши муҳим дорад.

Баъди дигар шудани роҳбарияти давлат ва Кумитаи радио (ноябри 1992) оҳангу шеваи гуфторҳо тамоман тағйир ёфтанд. Барномаҳои наве, мисли барномаи сиёсиву адабии «Хоки Ватан» ба вуҷуд омад ва дар тарғибу ташвиқи дӯстиву рафоқат, сулҳу ваҳдат ва бародариву ба ҳам омадани тоҷикон хидмати шоистаеро ба субут расонд. Барномаи «Хоки Ватан» аз соли 1993 то моҳи декабри 1996 беш аз 800 бор садо дод. Бо таъсири ҳамин барнома беш аз 600 ҳазор нафар фирории иҷборӣ ба Ватан баргаштанд. Ҳамин тариқ, фирории охирин 16-уми ноябри 1997 ба Ватан баргашт ва барномаи «Хоки Ватан» низ рисолати таърихии худро ба анҷом расонд.

Дар замони истиқлол баррасии масъалаҳои худшиносӣ ва худогоҳии миллӣ ба самти муҳимтарини кори радио табдил ёфт. Барномаи калонҳаҷми «Маҳфили шоҳномахонӣ» (221 гуфтор), «Маснавии маънавӣ» (90 гуфтор), «Озодагон» (100 гуфтор), «Фарзонафарзандони ориёӣ» (14 гуфтор), силсилаи «Хонишҳои адабӣ» аз рӯи асарҳои Б. Ғафуров «Тоҷикон» (224 гуфтор), С. Айнӣ «Ёддоштҳо» (112 гуфтор) ва ашъори ватанхоҳонаи М. Турсунзода «Дар ошёни дилҳо» (30 гуфтор) барои зина ба зина тақвият ёфтани рӯҳияи худшиносии ҷомеа замина гузоштанд. Дар барномаҳои радио дар баррасии масоили худшиносиву худогоҳии миллӣ дидгоҳи нав ба мушоҳида мерасад ва нақши публитсистикаи таърихӣ фаъол гардид.

1 июни 2007 тамоми шабакаҳои радиои Тоҷикистон бо техникаи рақамӣ муҷаҳҳаз гардиданд, фарогирии минтақаи пахш ба 70% расонида шуда, дар заминаи шабакаҳои «Фурӯғи Ориёно» ва идораи барномаҳои бурунмарзӣ радиои «Овози тоҷик» ва радиои «Фарҳанг» ба кор сар карданд. Шабакаи аввал имрӯз ба номи радиои «Тоҷикистон» амал намуда, комилан ҷанбаи миллӣ пайдо кардааст. Соли 2009 радиоҳои «Садои Душанбе» ва «Овози тоҷик» ба пахши шабонарӯзӣ гузаштанд. Ҳоло миқдори шабакаҳои радиои Кумита ба 4 адад мерасад. Онҳо дар як шабонарӯз бо ҳашт забон дар ҳаҷми 96 соат барнома пахш намуда, афкори ҷомеаро ташаккул медиҳанд.

**Телевизион.** Намоиши телевизион аз пойтахти Тоҷикистон – шаҳри Душанбе 3 октябри с. 1959 оғоз ёфтааст. Ҳафтае ду бор аз соати 18.00 пахши барномаҳои таҷрибавӣ оғоз мегаштанд, давоми 6–7 дақиқа ба забонҳои тоҷикию русӣ аз навгониҳои иқтисодӣ, иҷтимоию фарҳангии ҷумҳурӣ иттилоъ медоданд, тадриҷан барномаҳои дигар, инчунин киножурнал ё филми бадеӣ пешкаш менамуданд. Барномаҳои ин давр асосан ҷанбаи фарҳангӣ дошта, истифодаи жанрҳо дар доираи маҳдуд сурат мегирифт. Аз аввали соли 1960 намоишҳои телевизион як рӯз зиёд шуда, ҳафтае се бор то 1,5 соат пахш мегардиданд. Вале маводи танҳо 15–20 дақиқаи намоиш бо заҳмати бевоситаи кормандони телевизион таҳия мешуданд.

1 июли 1960 студияи телевизиони тоҷик ба пахши барномаҳои ҳаррӯза шурӯъ намуд. Ин амал зарурати такмили сохтори онро ба миён овард. 1 октябри 1960 ҳафт саридораи эҷодӣ – барномаҳои ҷамъиятӣ-сиёсӣ, адабӣ-драмавӣ, барои бачагону наврасон, мусиқӣ, кино, танзим, инчунин шуъбаи мактубҳо ташкил ёфта, пахши ҳамарӯзаи барномаҳо роҳандозӣ шуд. Аз соли 1972 то соли 1989 сохтори зерини телевизион бетағйир монд; дирексияи барномаҳо, саридораҳои пропаганда, иттилоот (ахбор), барномаҳо барои ҷавонон, барномаҳо барои бачагону наврасон, барномаҳои адабӣ-драмавӣ, барномаҳои мусиқӣ, барномаҳои хоҷагии халқ.


Манораи Телевизиони Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе.

25 январи 1975 бори нахуст намоишҳои ранга пешкаши бинандагон гардиданд. Намоишҳои телевизион аз он сол ба баъд рӯзона аз соати 10.00 то 13.00, бегоҳӣ аз 18.00 то 23.45 пахш мешуданд. Солҳои бозсозӣ дар телевизиони тоҷик як силсила намоишҳои ҷолибу дархури рӯз таҳия шуданд, аз ҷумла, сӯҳбатҳои мустақиму ошкоро бо мақомоти ҳизбию давлатӣ, дар сатҳи болоӣ ҳам, танқиди ашхоси алоҳидаи мансабдор ва ғайра, ҳаҷву мутоибот зиёд гардид. Барномаҳо тадриҷан ҷанбаи миллӣ пайдо карданд. Дар робита ба арҷгузорӣ ба забони тоҷикӣ, телевизион намоишҳои зиёдро рӯи кор овард. Барномаву намоишҳои «Клуби ҳозирҷавобон», «Ширу шакар», «Рангоранг», «Сапеда», «Ҷаҳоннамо», «Роҳнамои тамошобин»-ро манзури бинандагон гардонд. Ин солҳо, бешубҳа, давраи тилоии «Ойинаи нилгун»-и миллӣ буданд.

Дар радио ва телевизион дар замони истиқлол тағйироти ҷиддӣ ба амал омад. Соли 1992 Ширкати давлатии телевизион ва радиои Тоҷикистон таъсис гардида, 21 октябри 1992 барҳам хӯрд ва Кумитаи давлатии радио ва телевизиони ҷумҳурӣ аз нав таъсис ёфт. 24 декабри 1994 Кумитаи давлатии радио ва телевизиони ҷумҳурӣ барҳам хӯрд ва дар заминаи он Раёсати телевизион ва радиои Вазорати фарҳанг ва иттилооти ҷумҳурӣ таъсис ёфта, дар сохтори телевизион (радио низ) ягон дигаргунӣ ворид на-



Бинои Телевизиони Тоҷикистон (акс аз манора гирифта шудааст).

гашт. Масоили марбут ба ваҳдату ҳамдигарфаҳмӣ дар меҳвари барномаҳои «Ҳукумат», «Минбар», «Сарқонуни мо», «Муколама», «Изтироб», «Қонун ва ҷомеа», «Меҳмони Тоҷикистон», «Самараи ваҳдат», «Меваҳои ҳамбастагӣ», «Ваҳдат», «Марзи муқаддас», «Ваҳдат – наҷоти миллат» қарор гирифтанд. Сабқати телевизионии «Тоҷикистон – хонаи дил» (1996) низ барои дастгирии сиёсати давлат дар амри ба эътидол овардани вазъи мамлакат ва бо роҳи сиёсӣ ҳал намудани низои байни тоҷикон роҳандозӣ шуда буд.

Соли 1998 дар телевизиони тоҷик тағйирот сурат гирифт, ҳайати арзёбии сифати наворҳо ва тасвирҳо созмон ёфта, Маркази продюссерӣ, дар чаҳорчӯби идораи барномаҳои иттилоотӣ гурӯҳи таҳлилӣ ташкил шуд, ки то андозае ба пешбурди кор мусоидат намуданд. Таъсиси «Телевизиони Субҳ», ҳафтавори «Ҷаҳони паём», ба роҳ монда шудани дубляжи филмҳои телевизионӣ ва тасвирӣ аз рӯйдодҳои телевизион буданд. Шоубарномаҳо арзи ҳастӣ карданд, ки намунаи барҷастааш «Оила» буд. Дар ин давр ҳаҷми пахши муназзами барномаҳо дар як рӯз ба 9 соат расид.

Аз соли 2004 насли нави (чаҳорум) кормандони телевизион вориди майдони эҷод гардид ва ин раванд солҳои баъдӣ идома ёфт. Асосан рушди техникии телевизиони миллӣ (давраи сеюм), ки то ин дам яке аз масоили мубрамтарин ба ҳисоб мерафт, роҳандозии шабакаҳои нави телевизионӣ, фарогирии бештари манотиқи пахш, беҳсозии сифати пахш таъмин шуд. Муассисаи давлатии телевизиони «Сафина» (2005), Муассисаи давлатии телевизиони «Баҳористон» (2006), шабакаи иттиолотии «Ҷаҳоннамо» (2008), муассисаҳои давлатии телевизионҳои «Варзиш» ва «Синамо» (2016) таъсис гардиданд. 26 июни 2006 Шабакаи якуми телевизиони Тоҷикистон ба таҷҳизоти рақамӣ ворид шуд, ҳаҷми пахши барномаҳо аз 9 ба 18 соат расид, телевизион ба низоми моҳвора пайваст, системаи нави телевизионҳои давлатии Тоҷикистон ташкил ва тақвият ёфт, рақобати эҷодӣ барномаҳои тоза ва гуногунжанрро ба миён овард. Ташкил гардидани гурӯҳҳои эҷодии «Симо» (2007) ва «Фаросӯ» (2007) имкон фароҳам сохт, ки бо истифода аз гурӯҳи жанрҳои таҳлилии телевизионӣ барномаҳои «Нигоҳи комил», «Сарнавишт», «Мизони андеша», «Симо», «Ёдрас», «Давр», «Коҳиш», «Баҳс, баҳс, баҳс», «Тазод», «Илм ва истеҳсолот», «Фардо», «Пешорӯ», «Ҳамоиш» ва «Олиҳа»-ро манзури бинандагон гардониданд.

Дар соли 2015 ҳадди миёнаи фарогирии аҳолии кишвар бо пахши рақамӣ ва аналогии барномаҳои шабакаҳои давлатии телевизион мутаносибан 54 ва 90 дарсадро ташкил дод. Дар тамоми марказҳои вилоятҳои ҷумҳурӣ фиристандаҳои каналҳои телевизионии «Тоҷикистон», «Сафина», «Баҳористон», «Ҷаҳоннамо» таҷдид шуданд. Ҳамзамон ҷараёни таҷдид намудани тамоми қисматҳои қабули моҳвораӣ ва табдили он ба технологияи рақамӣ оғоз гардид.

Ҷорӣ гардидани пахши телевизиони рақамӣ марҳалаи гузариш аз пахши аналогӣ ба рақамӣ 5 солро дар бар гирифта, дар ин давра системаҳои мазкур якҷо фаъолият хоҳанд кард. Гузариши комил ба пахши телевизиони рақамӣ дар Тоҷикистон соли 2015 ба итмом расид.

Аз 6 феврали 2012 пахши барномаҳои чаҳор шабакаи телевизиони давлатии Тоҷикистон тавассути фиристандаҳои моҳвораӣ бо стандартҳои нави қабули мавҷ оғоз ёфт.

Телевизиони Тоҷикистон тӯли беш аз ним асри фаъолият ба як сохтори муташаккилу қавӣ ва ба як ниҳоди пешбарандаи идеологияи давлатӣ бадал гардидааст. Шабакаи Якуми телевизиони Тоҷикистон дар бозори иттилоотии мамлакат ҷойгоҳи хосро касб карда, доираи фарогирии барномаҳои ин расона дар кишвар ба 99,7% мерасад, барномаҳои таҳиянамудаи ходимони ин даргоҳро тавассути моҳвора аҳолии беш аз 50 кишвари дунё тамошо карда метавонанд.

Дар даврони соҳибистиқлолии кишвар низоми нави расонаҳои Тоҷикистон ба вуҷуд омад. Дар баробари шабакаҳои телевизион ва радиои давлатӣ, инчунин шабакаҳои ғайриҳукуматию хусусии «Симои мустақили Тоҷикистон», «Мавҷи озод», «Азия», «Ҷаҳоноро», «Ғӯлакандоз», «Симо ТВ», «Гули бодом», «Азия плюс», «Ватан», «Имрӯз», «Азия FM», «Тироз», «Авис» ва шабакаҳои радиоии «Тироз», «Азия плюс», «Ватан», «Ориёно», «Имрӯз» ва ғайра амал мекунанд.




Бинои Муассисаи давлатии «Телевизиони Сафина».